АЛИМОВА МУБОРАК АЛИМҶОНОВНА

РАВАНДҲОИ РУШДИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ АЛОҚАИ МОБИЛӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ

МОНОГРАФИЯ



ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТИИ РУШДИ УСТУВОР ВА ИҚТИСОДИ САБЗ

АЛИМОВА МУБОРАК АЛИМҶОНОВНА

РАВАНДҲОИ РУШДИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ АЛОҚАИ МОБИЛӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ

МОНОГРАФИЯ

Душанбе – 2026

ВБД: 33+339+338+681.142.32+004(575.3)
ТКБ: 65.9(2 тоҷик)+65.011.3+65.38+32.973.2
А – 49

Бо Қарори Шурои илмӣ-методии Институти илмӣ-тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз № 01 аз 30.12.2026 ба нашр тавсия дода шудааст

Алимова М. А.
Равандҳои рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт. – Душанбе: ҶДММ «Донишафрӯз», 2026. – 212 с.

Зери назари доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Рауфӣ А.

Муқарризон:
Арабов Ф.П. – *доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент*
Мирзоалиев А.А. – *доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент*

Дар монография паҳлӯҳои асосии назариявию методии рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва хусусиятҳои хоси рушди соҳаи алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт баррасӣ шудаанд. Дар монография таҳқиқ кардани масъалаҳои такмилдиҳии механизми ташкилию иқтисодии ташаккули бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва тавсияҳои илмию амалӣ аз натиҷаҳои онҳо аҳамияти махсусан калон доранд.

Монография барои кормандони илм, мутахассисони соҳа, муаллимон ва донишҷӯёни таълимгоҳҳои олӣ ва миёнаи касбӣ, инчунин ба доираи васеи хонандагон пешниҳод карда мешавад.

ISBN 978-9906-9935-3-1

©Алимова М. А.

МУҚАДДИМА

Таҳқиқи масоили ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ (минбаъд БХАМ) дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти муосир, инқилоби босуръати технологӣ, хусусан раванди инкишофи устувори иқтисодиёти миллӣ, минтақавӣ, навсозии унсурҳои иқтисодиёт, тақвиятёбии муносибатҳои фосилавии иқтисодӣ муҳим ва рӯзмарра мебошад. Таҳлили маҷмӯии раванди мазкур шаҳодат медиҳад, ки соҳаи алоқаи мобилӣ (минбаъд АМ) ба тамоми соҳаҳои иқтисодиёт таъсир расонида, аз бахшҳои мустақили зудрушдкунандаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Суръати миёнасолонаи рушди он нисбат ба дигар бахшҳои иқтисодиёти миллӣ, ки дар заминаи технологияҳои рақамӣ амал менамояд назаррас мебошад ва бо туфайли он тамоми соҳаҳо ва зерсохторҳои иқтисодиёт бо ҳам алоқаманд карда мешаванд.

Масоили марбут ба рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ҳамеша дар меҳвари таваҷҷуҳи ҷиддии Ҳукумати кишвар қарор дорад. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳанӯз соли 2022 чунин ёдовар шуда буданд: «Рушди соҳаи алоқа, бахусус, таъмин намудани суръати баланди интернет ва дастрас будани нархи он барои рушди иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ, таъмин намудани амнияти иттилоотӣ, ҷалби сармоя ва ташкили паркҳои технологиву инноватсионӣ зарур мебошад».[1]

Дар шароити имрӯза дар баробари ҳалли дигар мушкилоти иқтисодӣ дар назди давлат вазифаи рақамикунонии босуръати иқтисодиёт меистад. Марҳилаи аввалии бозсозии муносибатҳои иқтисодиро, бидуни низоми муосири иттилоотию телекоммуникатсионӣ, ки барои идоракунии хоҷагиҳои дар низоми иқтисодиёти миллӣ амалкунанда ниҳоят муфид ва

[1] Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон. Ш. Душанбе 2022. – president/tj (санаи вуруд 22.02.2023).

фоидаовар аст, ғайриимкон мебошад. То ин солҳо истгоҳҳои алоқаи аналогии аз замони шуравӣ боқимонда, ки ба талаботи субъектҳои иқтисодӣ мувофиқат намекунад ва дар замони ҷанги шаҳрвандӣ (с. 1992-1997), пурра ғайриқобили истифода гардида буданд ин вазифаи мураккабро ҳал намудан номумкин аст. Бартарафсозии мушкилоти мавҷуда ба истифодаи фановариҳои нави рақамии замонавӣ, инфрасохтори мувофиқ, кадрҳои баландихтисос ва ғайраҳо алоқаманд мебошад.

Роҳи ҳалли масъалаҳо ба мавҷуд будани сармояи ниҳоят калон вобаста аст. Дар шароити муосир ба Ҳукумати кишвар лозим буд, ки ҷиҳати даст кашидан аз инҳисороти давлатӣ дар соҳаи технологияҳои рақамӣ чораҳои мушаххас андешад. Аз ин рӯ, тамоми имкониятҳо барои қонеъ гардонидани истифодабарандагон ва субъектҳо, фароҳам овардани шароити мувофиқ дар бозори хизматрасонии алоқаи мобилӣ ба манфиати истифодабарандагони инфиродӣ равона карда шуданд.

Зарурати омӯзиши мавзуи мазкур низ, ки ба истифодаи технологияҳои муосири рақамӣ, коркард, ҷорӣ намудани усулҳои нав, механизмҳои идоракунӣ ва монанди инҳо алоқаманд мебошад.

Мубрамияти кори таҳқиқшаванда бо омӯзиши омилҳои болозикр алоқаи зич дорад. Фаъол гардонидани тамоми имкониятҳои иқтисодӣ ҷиҳати рушди бозори хизматрасонии алоқаи мобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамикунонӣ тадқиқоти нави илмӣ, бахусус таҳияи механизмҳои муосири ҳисоббаробаркуниро тақозо менамояд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши мавзуи мазкур ҳам аз нуқтаи назари назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ мубрам мебошад.

БОБИ I. ПАҲЛЎҲОИ АСОСИИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДИИ РУШДИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ АЛОҚАИ МОБИЛӢ

1.1.Назарияҳои асосӣ ва методҳои таҳқиқи бозор дар шароити муосир

Шароит ва имкониятҳои рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодати он аст, ки айни замон кишвари маҳбуби мо ташаккули ҳаматарафаи равандҳои истеҳсолиро дар асоси технологияҳои рақамӣ ба роҳ мондааст. Ин тамоюл бояд тамоми кӯшишҳоро ба ҷалби сармоягузорӣ, такмили иқтидори истеҳсолӣ, зина ба зина коҳиш додани баъзе хароҷот ва татбиқи технологияҳои рақамӣ, инчунин рушди устувори иқтисодиёти кишвар мусоидат намояд. Дар баробари такмил додани моделҳои нави рушди иқтисодӣ нақши ашёи хом ва энергия ҳамчун омили такрористеҳсолот тадриҷан дигар шуда бо ёрии хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, қисман ва дар аксарияти соҳаҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ куллан тағйир ёфта истодааст[2]. Дар ин марҳила бояд нақш ва мавқеии меҳнати ихтисосманди ин ё он соҳа ба хусусиятҳои маҳорати эҷодӣ, интеллектуалӣ ва навоваронаи он торафт пурзӯр гардад[3]. Вобаста ба шароит ва имкониятҳои рушд бояд нақши

[2] Алимова М.А. Масъалаҳои рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.А. Алимова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2022. № 3 (42). С. 73-77.

[3] Ефремов А. А. Мировой рынок телекоммуникационных услуг: тенденции и принципы / А. А. Ефремов // Российский Внешнеэкономический вестник №5, 2009. С. 31

иттилоот ва дигар равандҳои таҳкимбахшандаи он, ҳамчун омили асосӣ, ба сарфаи ашёи хом ва энергияи сабз бартарӣ пайдо намояд. Аз ин лиҳоз, бозори хизматрасонии алоқаи мобилӣ бояд таваҷҷӯҳи махсуси соҳаи васеи муҳаққиқон, коршиносони илмҳои иқтисодиёт, мақомоти давлатӣ, ки имрӯз дар баробари ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ суръати баланди устувори рушдро ишғол намудааст, ҷалб намояд. Айни замон кишвари мо дар марҳилаи воридшавӣ ба тамаддуни иттилоотӣ, рақамикунонии босуръати иқтисодиёт қарор дорад ва ин ҳама дар натиҷаи рушд ва такмили пайвастаи фановариҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, хусусан бозори мазкур рӯйи кор омада истодааст.

Ба ақидаи муҳаққиқон Д. Ҳонг[4], С. Алоизо[5], Х. Абуалӣ[6], ва Т. Крейденко[7] моҳияти фановариҳои иттилоотӣ, ки дар робита бо компютеркунонӣ ҳоло ба зинаи комилан нав ворид гардидааст: ҷустуҷӯ, интиқол, нигоҳдорӣ ва коркард иттилоот дар он ҳамчун унсури ҷузъи ва такондиҳандаи ҳамаи соҳаҳои ҷамъиятиро инъикос менамояд..

Ҳамин тариқ, дар доираҳои илмию истеҳсолӣ ва ҳатто дар муҳити омиёна метавон бо мафҳумҳои «олами вертуалӣ –

---

[4] D. Hong and S. S. Rappaport. Traffic model and performance analysis for cellular mobile radio telephone systems with prioritized and nonprioritized handoff procedures/ Hong D. Rappaport S. S.//In IEEE Transaction on Vehicular Technology, 1986. P.77–92.

[5] Aloizio Silva., Performance analysis for data service in third generation mobile telecommunication networks/ Silva Aloizio // Journal of the Brazilian Computer Society.2003. P.39-43.

[6] Khaled Abou-Ali., Mohamed Sherif. The impact of mobile telecommunication services on economic growth: Evidence from developing countries"// Abou-Ali Khaled, Sherif Mohamed// Journal of Economic and Administrative Sciences. 2022.Volume 39, Issue 4

[7] Kreydenko T., Kovalchuk Yu.A. Urban mobility: from traditional to intelligent forms of mobility / T. Kreydenko, Yu.A Kovalchuk // Technology and Business Strategy. Digital Uncertainty and Digital Solutions. Cham, 2021. P. 245-259.

маҷозӣ», «иқтисодиёти сабз», «иқтисодиёти шабакавӣ», «иқтисодиёти интернетӣ», «ҷаҳони рақамӣ», «ҷомеаи иттилоотӣ», «фазои иттилоотӣ», «ҷомеаи донишбунёд», «ҷомеаи баъдисаноатӣ», «ҷомеаи технологиябунёд», «ҷомеаи вертуалӣ - маҷозӣ», «иқтисодиёти инноватсионӣ» «иқтисодиёти нав» ва ё «иқтисодиёти иттилоотӣ», «иқтисодиёти рақамӣ» - и ки ба фаҳмишҳои ҷараёни муосири замони мо мувофиқат менамояд, дучор омадан мумкин аст[8].

Аз таҳқиқоти Бобозода А.А. бармеояд, ки «бо вуҷуди ин, ҳукумати кишвар ҳанӯз бояд мушкилоти асосиеро, ки иртибототи рақамӣ дар минтақа доранд, ҷидди таҳқиқ намуда муаммову мушкилоти роҳдоштаро ҳал намоянд»[9].

Ба назар чунин мерасад, ки бонкҳои виртуалӣ ва низомҳои пардохти электронӣ самараи рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ мебошанд. Хусусиятҳои зеринро ба инобат гирифта, дар расми 1. таснифи хизмат-расониҳои алоқаи мобилиро дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, ки фарогири ҳамаи бахшҳо ва равандҳои иқтисодиёти миллӣ мебошад, пешниҳод менамоем.

[8] Мирзоалиев А.А. ва диг. Масъалаҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ / А.А. Мирзоалиев, М.С. Тулиев, П.И. Холиқова // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. - 2023. - № 2 (95). - С. 104 - 113.

[9] Бобозода А.А. Хизматрасониҳо, нақш ва пешрафти интернет дар таҳкими тахассусҳои коммуникатсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон: таҳлил ва таҳқиқ нисбат ба дигар кишварҳои осиёи марказӣ / Бобозода А.А. //Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. 2021. № 4 (41). С. 103-110.



Расми 1. – Таснифоти хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ (таҳияи муаллиф)

Аз таҳлили расми 1. бармеояд, ки бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дорои намудҳои гуногуни хизматрасонӣ буда, вазифаи асосии он бо пешниҳоди хизматрасониҳои дарҷгардида алоқамандии шохаи васеи субъектҳои иқтисодӣ вобаста мебошад.

Коркард, дастрасӣ ба фановариҳои муосири рақамӣ, соҳаи серхарҷ аст, ки мутахассисони баландихтисос ва технологияҳои бисёрвазифагии сатҳи баландро тақозо менамояд. Дар ҳақиқат, татбиқи онҳо аксар вақт бо дигаргуниҳои инқилоби илмию технологии асри нав муқоиса карда мешавад ва айни замон бояд тамоми сохтор ва соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ аз он самаранок истифода намоянд. Дар ин давра бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ паҳлӯҳои зиёди воқеияти иқтисодӣ, аз ҷумла вазифаи мубодилаи маблағро, ки тадриҷан аз баробарарзишии умумии хароҷоти меҳнат ба воситаи пардохт табдил ёфт, тағйир дод.

Ба андешаи мо, алоқаи мобилӣ дар иқтисодиёт ҳамчун маҷмӯи амалҳо оид ба таъмини равандҳо ва субъектҳои иқтисодӣ бо истифода аз технологияҳои гуногуни компютерӣ таъминоти оптималии фаъолият ва эътимодноки амалиёт мебошад [10].

Муҳаққиқи рус Г.С. Килдинов соли 1973 муайян намудааст, ки ҳаҷми иттилооте, ки тавассути инфрасохтори иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ интиқол дода мешавад,

[10] Алимова М.А. Особенности рынка услуг мобильной связи в условиях перехода Республики Таджикистан в цифровую экономику / М.А. Алимова // В сборнике: Экономика, бизнес, инновации. сборник статей XXII Международной научно-практической конференции. Пенза, 2023. С. 142-146.

дар ҳар 2-3 сол ду баробар меафзояд[11].

Мо чунин мешуморем, ки солҳои охир ин раванд ба куллӣ тағйир ёфта, фосилаи ба вуқӯъоии ҳодиса ва оммавӣ шудани иттилоот тариқи имкониятҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ наздики дақиқаро ташкил медиҳад, ки аз афзалият ва рушди бесобиқаи алоқаи мобилӣ шаҳодат медиҳад.

Олими дигари рус И.В. Азаров[12], Я.М. Гасс[13], М. Секкер[14] ба чунин ақида омадаанд, ки дар давоми солҳои охир саноати бисёртехнологӣ ба вуҷуд омада, ҷараёнҳои муосири коркади иттилооти ҷамъиятӣ, навъи нави имконияти иқтисодӣ, илмӣ, техникӣ, зеҳнӣ ва саломатии аҳолӣ ба дараҷаи куллӣ тағйир меёбад. Дар ҳақиқат солҳои охир ин раванд тамоюлҳои мусбиро афзоиш медиҳад ва боиси рақамикунонии иқтисодиёт, гардидааст.

Аз ҷониби дигар омили асосии рушди бозори хизматрасонии алоқаи мобилӣ операторҳои шакли нав ба монанди операторҳои мобилии шабакавӣ маҷозӣ мебошад. Афзоиши шумораи операторони маҷозӣ (виртуалӣ) - и мобилӣ (минбаъд MVNOs – ё худ операторҳои мобилии маҷозии шабакавӣ, Mobile Virtual Network Operator) дар БХАМ

[11] Кильдинов Г.С., Френкель А.А. Анализ временных рядов и прогнозирование / Г.С. Кильдинов, А.А. Френкель // М.: Статистика, 1973. - 324с.

[12] Азаров И.В. Моделирование динамики рынка телекоммуникационных услуг / И.В. Азаров // дисс. канд. экон. наук / Ставрополь, 2006. С. 9

[13] Гасс Я.М. Модель оценки экономической эффективности выбора сценариев производственной деятельности виртуальных операторов мобильной связи / Я.М. Гасс // Ж-л «Контроллинг», № 4 (74), 2019

[14] Secker M., MVNOS to the 3G rescue/ M Secker//Telecommunications. 2001. T. 35. № 2. P. 40.

коркадҳои илмии фарохро дар заминаи БХАМ ё хизматрасонии маҷозӣ (виртуалӣ) - ро рӯйи кор меорад[16].

Аз нигоҳи муҳаққиқон С.А. Сиднев [17], Э.А. Разроев [18], Я.М. Гасс [19] бармеояд, ки барои татбиқ ва баланд бардоштани самаранокии операторони MVNO дар бозори хизмат-расониҳои алоқаи мобилӣ, мутахассисон, олимону коршиносон, аз равишҳои гуногун истифода мебаранд. Аз ҷумла, дар масоили таъсиси низоми ташкилию идоракунӣ, механизмҳои ташкилию иқтисодӣ, ки ба интихоби варианти оптималии фаъолияти истеҳсолӣ дар шароити кунунӣ ва пешгӯии бозор таҳқиқоти муҳаққиқон А.В. Минов, Я.М. Гасс бахшида шудаанд[20]. Мо дар таҳқиқоти худ кӯшиш намудем дар монография ба натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашудаи

---

[15] Mandler T., Seifert R., Wellbrock C. M., Knuth I., Kunz R., The impact of national culture on mobile commerce adoption and usage intensity / T Mandler., R Seifert., C. M. Wellbrock , I Knuth, R Kunz // Proceedings of the Annual Hawaii International Conference on System Sciences. 51. Сер. «Proceedings of the 51st Annual Hawaii International Conference on System Sciences, HICSS 2018» 2018. P. 3627-3636. Чоноров Ж.К. Формирование и развитие рынка теле Кыргызской Республике / Ж.К. Чоноров // Известия ВУКыргызстана. 21. № 1. С.101-108.

[16] Электронный ресурс: www.cableman.ru. Точка доступа: Число абонентов MVNO в России: https://www.cableman.ru/content/chislo-abonentov-mvno-v-rossii-k-kontsu-goda-dostignet-7-mln Дата обращения 01.04.2023.

[17] Сиднев С.А., Ожерельев С.В. Экономический эффект сотового оператора от услуг, предоставляемых MVNO / С.А. Сиднов // Ж-л «Т-Comm: Телекоммуникации и транспорт», № 12. 2011, стр. 108-109.

[18] Разроев Э.А. Разработка методического аппарата организации работы оператора виртуальной сети мобильной связи / Э А. Разроев // дисс. канд. экон. наук, МТУСИ, 2007. 180 с.

[19] Cosper A.C., The wireless message washes ashore / A.C. Cosper // Satellite Communications. 1998. Т. 22. № 3. P. 20-23.

[20] Гасс Я.М. Использование организационно-экономического механизма выбора сценариев производственной деятельности для повышения экономической эффективности виртуальных операторов мобильной связи/ Я. М. Гасс // Ж-л «Инновации в менеджменте», № 4 (22), 2019, стр. 32-39.

муҳаққиқони дар боло зикргардида диққат дода, ҷиҳати татбиқи ду механизми поягии иқтисодӣ, ташкилӣ - иқтисодӣ бо мақсади рушди БХАМ дар давраи дарозмуддат минбаъд ба таври мушаххас таҳқиқотро идома диҳем. Навоварӣ ва натиҷаҳои бадастомада дар робитаҳои байниҳамдигарии механизми ташкилилю иқтисодӣ, стратегияҳои рушди операторҳои мобилии маҷозии шабакавӣ бо вариантҳои гуногуни фаъолияти истеҳсолӣ, инчунин дар таҳияи афзорҳои татбиқи онҳо дар сатҳҳои гуногуни идоракунии бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, ки ҷузъи зарурии татбиқи идоракунии бизнеси оператори мобилии виртуалиро ташкил медиҳанд, диққат медиҳем[21].

Мусаллам аст, ки масоили ҷалби сармоягузорӣ барои роҳандозӣ гардидани ин навъи нави хизматрасонии бозори алоқаи мобилӣ, мисли дигар қарорҳои идоракунӣ, бояд бо дарназардошти усулҳои имконпазирии равандҳои иқтисодии кишвари мо амалӣ гардад[22]. Ба андешаи мо, ҷараёни афзоиши даромади корхона дар заминаи технологияҳои пуриқтидори рақамӣ ба таври мувофиқ ба нақшагирӣ ва ҳисоб карда шавад. Таҳлили васеи адабиёти илмӣ нишон медиҳанд, то мо моделҳои ба манфиат муносибро дар тамоми соҳаҳо бо

[21] Минов А.В. Организационно-управленческий механизм выбора модели производственной деятельности оператора Интернета вещей / А.В. Минов // Вестник СибГУТИ. 2017. № 3, стр.104-112.

[22] Нечаева М.Л., Антонов А.В. Организационно-экономические аспекты формирования и использования финансовых ресурсов операторов мобильной связи / М.Л. Нечаева, А.В. Антонов //Научно-технические ведомости Санкт-Петербургского государственного политехнического университета. Экономические науки. 2018. Т. 11. № 3. С. 149 - 160

мақсади афзунгардонии даромади дилхоҳ объекти иқтисодӣ рӯйи кор орем, албатта бо ёрии технологияҳои рақамӣ, ки рақобатпазирӣ ва чандирии низомҳо, инчунин хатарҳои эҳтимолӣ, ки монеаи танзими равандҳо мегардад ба назар гирифта шаванд.

Барои он ки дар ин марҳила аҳамияти технологияҳои рақамӣ ва иртибототӣ, ки дар заминаи он низоми нави мухобироти хуб фаъолият мекунанд, бояд ба таври максималӣ аз тамоми имкониятҳои он истифода бурда шаванд. Аз ҳамин хотир, бисёре аз роҳбарон ба омоданамоии кадрҳо, ҷиҳати истифодаи самаранок ва мониторинги дастовардҳои навтарини соҳаи фановариҳои рақамӣ дар иқтисодиёт, илм ва ҳатто санъат аҳамияти калон медиҳанд.

Бо мақсади таҳияи стратегияи самараноки танзими бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии соҳаҳои гуногун, дарки аниқи нақш ва мавқеи хизматрасониҳои алоқа дар сохтори умумии иқтисодиёти кишвар аҳамияти калон дорад, ки дар асоси он мақсаду вазифаҳои танзими бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва равандҳои иттилоотии марбутаи соҳа барои оянда дида баромада мешавад.

Гуфтаҳои боло ба ин равзана менигарад, ки алоқаи мобилӣ муҳимтарин ҷузъи соҳаи алоқа бошад, ки он тамоми соҳаи истеҳсолӣ, иҷтимоӣ, сиёсиро бо ҳам муттаҳид намуда, маҳсулоти он хизматрасонӣ дар шакли паёмакнависӣ, иртибототи барномавӣ (замимаҳо) байни дастгоҳҳо ва таъмини воситаҳои техникии он, инчунин тамоми соҳа ва

зерсохторҳои иқтисодиёти миллӣ дар шакли рақамӣ мебошад.

Сохтори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ[23] аз маҷмӯи шабакаҳои алоқа ва хизматрасониҳое иборат мебошанд, ки иттилоотро интиқол медиҳанд ва хизматрасониҳои телекоммуникатсиониро ба истеъмолкунандагон ба фурӯш мегузоранд[24]. Дар ҷадвали 1.1. номгӯйи хизматрасониҳои алоқаи собит, ки омили мавҷудияти бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонӣ аст ва айни замон бештар мавриди истеъмоли корбарон мегардад, пешниҳод менамоем.

Ҷадвали 1.1. Номгӯи хизматрасониҳои алоқаи собит дар бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонӣ*

Операторони алоқаи мобилӣ	**Операторҳои алоқаи собит**
Интиқоли овоз	Хизматрасонии алоқаи маҳаллӣ
GPRS	Хизматрасониҳои алоқаи байналмилалӣ
MMS	Алоқаи барқии ҳуҷҷатӣ
SMS	Иҷораи хатҳо

[23] Раскатова М.И., Власова И. С. Рынок услуг сотовой связи на службе экономической безопасности России / М.И. Раскатова, И.С. Власова // Управление инвестициями и инновациями. 2016. № 4. С. 109-114.

[24] Синица С.А. Анализ тенденций развития глобального рынка телекоммуникационных услуг / С.А. Синица // Вестник евразийской науки. 2019. Т. 11. № 1. С. 40.; Mathew M., Balakrishnan N., Pratheeba S., A study on the success potential of multiple mobile payment technologies / M Mathew,N Balakrishnan, S Pratheeba // PICMET '10 - Portland International Center for Management of Engineering and Technology, Proceedings - Technology Management for Global Economic Growth. 2010. P. 455-465.

Рақамчинии худкор	Интиқоли додаҳо ва хизматрасониҳои телематикӣ
Зидди муайянкунандаи рақам	Радио ва пахши телевизионӣ
Барномаҳои бонусӣ	IP - телефония
Почтаи овозӣ	Насб ва пайвастнамоӣ
Манъи даъват	Таҷҳизот
Хизматрасониҳои иттилоотӣ	Хизматрасониҳо барои операторони алоқа
Алоқаи конфронсӣ	Хизматрасониҳои дигар
Рақами дӯстдошта	
Интизории занг	
Муайянкунандаи рақам	

***Сарчашма:** таҳияи муаллифи монография дар асоси[25].

Аз ҷадвали 1.1 маълум аст, ки шакли аз ҳама машҳур ва серистеъмол алоқаи собит мебошад ва дар шароити имрӯза барои қонеъ гардонидани шохаи васеи аҳолӣ, субъектҳои иқтисодӣ истифода бурда мешаванд. Шаклҳои дарҷгардидаи

[25] Кайюмов С.Т. Тенденции развития рынка услуг сотовой связи / С.Т. Кайюмов //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2018. № 5. С. 197-201.; Dimitrova T., Yosifov T. Marketing ethics on the market of mobile and banking services in Bulgaria /T. Dimitrova.T Yosifov// Izvestiya Journal of the University of Economics – Varna. 2022. Т. 66. № 3-4. P. 134-153.; Etwire P.M., Buah S., Ouédraogo M., Zougmoré R., Partey S.T., Martey E., Dayamba S.D., Bayala Ju. An assessment of mobile phone-based dissemination of whether and market information in the upper west region of Ghana / P.M. Etwire, S Buah, M Ouédraogo, R Zougmoré, S.T. Partey, E. Martey, S.D. Dayamba, Ju Bayala //Agriculture and Food Security. 2017. Т. 6. № 1. P. 1-9.

хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, майдони муомилоти равандҳои иттилоотиро тезонида пешниҳоди хизматрасониҳои фосилавиро тариқи технологияҳои рақамӣ ва воситаҳои телекомуникатсионӣ пурра менамояд.

«Телекоммуникатсия» падидаи муосири илми буда, аз ду калимаи лотинӣ, яъне telos – дур ва comminicatio – муошират иборат мебошад. Муошират ин мубодилаи афкор, иттилоот, ғояҳо ва шакли мушаххаси ҳамкории байни одамон мебошад[26].

Аз таҳили таҳқиқоти муҳаққиқони илмҳои иқтисодӣ ва техникӣ, чунин бармеояд, ки хизматрасонии алоқа, мубодилаи иттилоот дар масофаи дур бо истифода аз воситаҳои махсуси техникӣ (телефон, радио, телевизион) мебошад[27].

Ба ақидаи В.Ж. Керималиева[28], Е.В. Малий[29], Н.В. Полякова[30], Т.В. Сидорова[31] дар натиҷаи марҳила ба марҳила

---

[26] Скворцова Ю. М. Институционализация рынка телекоммуникационных услуг / Ю. М. Скворцова // Вестник Челябинского государственного университета. - 2008. С. 130

[27] Там же.

[28] Керималиева В.Ж., Султаналиева А.Д. Рынок услуг телекоммуникаций в Кыргызской Республике / В.Ж. Керималиева, А.Д. Султаналиева //Известия ВУЗов Кыргызстана. 2022. № 3. С. 199-204.

[29] Малий Е.В. Доступ к рынку мобильной связи Украины и его ограничения/Малий Е.В.// Общественные науки. 2011. № 2. С. 172-181.; Укстина А.В. Анализ состояния и перспективы развития рынка телекоммуникационных услуг в России / А.В. Укстина // В сборнике: Актуальные вопросы современной экономики и менеджмента. Заочная международная научная конференция. Под научной редакцией Т.Д. Бурменко. 2013. С. 222-231.; Ватолина О.В. Интеграция услуг рынка сотовой связи и интернет-рынка в условиях новой экономики / О.В. Ватолина //Вестник Тихоокеанского государственного университета. 2009. № 4 (15). С. 133-140.

[30] Полякова Н.В., Залешин В.Е. Оценка риска вывода новой услуги на рынок на основе выявления скрытых потребностей покупателей/ Н.В.Полякова, В.Е. Залешин //Baikal Research Journal. 2016. Т. 7. № 1. С. 9.

[31] Сидорова Т.В. Снижение рисков при внедрении дополнительных сервисных

такмил ёфтани навъҳои хизматрасониҳои алоқа ва навшавии робитаҳои телекоммуникатсионӣ, хусусан васеъ гардидани имкониятҳои он дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ бозори ҷадид ба вуҷуд омад, ки дар доираҳои илмӣ бо номи бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ унвон карда мешавад.

Атрофи мафҳуми бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ то кунун коршиносон ва муҳаққиқони нуқтасанҷ таҳқиқоти зиёд анҷом дода, дар баробари аҳамияти калони иқтисодӣ онро василаи мутаҳидсозии аҳолӣ, корхонаю ташкилот дар намуди экосистемаи рақамӣ ва платформаҳои рақамӣ арзёбӣ намудаанд[32].

Дар идомаи таҳқиқот ба таҳқиқи мафҳумҳои алоҳидаи бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ диққат медиҳем боиси арзи вуҷуд намудани он гардидааст.

Айни замон фаъолияти бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ тибқи «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи алоқаи барқӣ» ба роҳ монда шудааст[33].

VAS услуг сотовой связи / Т.В. Сидорова //В сборнике: Технологии информационного общества. X Международная отраслевая научно-техническая конференция: сборник трудов. 2016. С. 359.; Никитина Л.Н., Куликова О.М., Тропынина Н.Е. Организационные аспекты сегментирования и позиционирования рынка услуг сотовой связи/Л.Н. Никитина, О.М. Куликова, Н.Е Тропынина // Инновационная экономика: перспективы развития и совершенствования. 2019. № 2 (36). С. 369-377.; Данг Х.Л. Телекоммуникационный рынок Вьетнама: попытки «Наверстать упущенное» /Данг Х.Л.// Вьетнамские исследования: электронный научный журнал. 2021. Т. 5. № 2. С. 45-67.

[32] Мешавкин А.Б. Формирование рынка инноваций в сфере информационных услуг / А.Б. Мешавкин //Сервис в России и за рубежом. 2009. № 1 (11). С. 153-160.

[33] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи алоқаи барқӣ [Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2002, №4, қ. 2, мод. 323; с. 2006, №3, мод. 156; с. 2008, №3, мод. 198, №12, қ. 2, мод. 996; с. 2013, №12, мод. 891; с. 2015, №12, қ. 1, мод. 1117; с. 2016, №3, мод. 154; Қонуни ҶТ аз 24.02.2017 с., №1401], моддаи 2 – юми қонуни мазкур.

Аз таҳлили фаҳмишҳои қонунии дар боло овардашуда маълум аст, ки бояд дар қонунгузории мазкур мафҳумҳои бозори хизматрасониҳои алоқаи барқӣ ва хизматрасониҳои фосилавии алоқаи мобилӣ дарҷ карда мешуд. Зарурати дарҷи мафҳумҳои зикргардида дар қонунгузориҳои ҷорӣ чунин ишора мегардад, ки дар низоми иқтисоди миллӣ мафҳуми чун бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, ки дар он тамоми равандҳо тариқи фосилавӣ дар муҳити маҷозӣ анҷом дода мешавад ва бояд моҳияти қонунии худро инъикос намоянд.

Мавриди зикри хос мебошад, ки «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи алоқаи барқӣ» оид ба мафҳумҳо, принсипҳо, ваколатҳои мақомоти давлатӣ, операторони алоқаи мобилӣ, иҷозатномадиҳии фаъолияти соҳавӣ, истифодабарандагони хизматрасониҳои алоқаи барқӣ, провайдерони хизматрасонӣ, фаъолияти иҷозатномадиҳӣ» ва ғ. маълумот оварда шудааст.

Дар идомаи кори мазкур ба асоснокнамоии илмии мафҳуми бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ диққат медиҳем.

Аз таҳқиқоти муҳаққиқон бар меояд, ки А.О. Карпов[34], А.А. Ефремов[35], Л.А. Насакина[36], М.А. Алимова[37] бозори

[34] Карпов А.О. Особенности конкурентной борьбы на рынке услуг мобильной связи России / А.О. Карпов //Современные научные исследования и инновации. 2014. № 1 (33). С. 14.

[35] Насакина Л.А., Васильева Е.А. Анализ рынка мобильного контента / Л.А. Насакина, Е.А. Васильева // Вестник Поволжского государственного университета сервиса. Серия: Экономика. 2008. № 3. С. 214-219.

[36] Ефремов.А. Формы международной кооперации на мировом рынке услуг мобильной связи / А.А. Ефремов //Российский внешнеэкономический вестник. 2010. № 10. С. 24-29.

хизматрасониҳои мобилӣ мисоли равшани бозорест, ки таъсири шабакавӣ дорад.

Ҷадвали 1.2. Мафҳуми бозори хизматрасонии алоқаи мобилӣ дар таҳқиқоти илмии муҳаққиқони илми иқтисодиёт

Муаллифон	Мафҳуми бозори хизматрасонии алоқаи мобилӣ
В.И. Томкин	«Бозори алоқаи мобилӣ - ин баҳамоии иқтисодии истеҳсолкунанда ва мизоҷ бо мақсади паст кардани хароҷот ва гирифтани сатҳи даромади оптималӣ аз хизматрасонӣ»[38].
А.А. Шуман	«Бозори алоқа ин - шохаи инноватсионии замонавӣ ва зудрушдкунандае,мебошад ки ба худ мушоҳидаи бетағйирро тақозо дорад»[39].
Н.В. Днепровская	«Бозори алоқаи мобилӣ - ин маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ иттилоотӣ миёни таҳвилгар (дорандаи иттилоот ва додаҳо) ва истеъмолкунандагон оид ба дастрасӣ ба массивҳои иттилоот ва додаҳо мебошад»[40].
М.Я. Дворкина	« Бозори алоқаи мобилӣ – ин низоми ягона ва фаъолият оид ба қонеънамоии тақозои

[37] Алимова М.А. Особенности рынка услуг мобильной связи в условиях перехода Республики Таджикистан в цифровую экономику/ М.А. Алимова // В сборнике: Экономика, Бизнес, Инновации. сборник статей XXII Международной научно-практической конференции. Пенза, 2023. С. 142-146.

[38] Токмин К. И. Управление и планирование деятельности телекоммуникационных компаний в период финансового кризиса / Токмин К. И. // РИСК: ресурсы, информация, снабжение, конкуренция. 2010. No 2.

[39] Шуман А.А. Российский рынок телекоммуникации / А.А. Шаман // Электронный экономический журнал «Вектор экономики» 2018 No12. 9 с.

[40]Днепровская Н.В. Формирование инновационной среды цифровой экономики. дисс. док экон. наук по спец. 08.00.05 / Н.В. Днепровская // Москва. 2020, 317 с.

	иттилоотии корбарон ба воситаи пешниҳоди хизматрасониҳои иттилоотӣ»[41].
Сомонаи интернетии gidmark.ru	«Бозори алоқаи мобилӣ – ин маҷмӯи ташкилоте,ки хизматрасониҳои алоқаи мобилиро пешниҳод менамоянд, аризаву тақозои ин бозорро ташаккул медиҳанд, муштариёне, ки хизматрасониҳои дар боло зикршударо истеъмол менамояд инчунин муносибатҳое, ки байни операторон ва истеъмолкунандагони хизматрасонӣ дар чорчубаи давлат танзим мегардад фаҳмида мешавад»[42].
Е. В. Кислитсин	«Бозори алоқаи мобилӣ – ҷойҳои кории навро ташкил менамояд, рушди соҳаҳои гуногунро метезонад, ҳосилнокии меҳнатро баланд месозад, ҷиҳати ташкили фазои ягонаи иттилоотӣ мусоидат менамояд »[43].
А.А. Алимова	Бозори алоқаи мобилӣ – ин бозоре мебошад, ки дар он хизматрасониҳои гуногуни мобилӣ вобаста ба талаботи муштариён мавриди пешниҳод қарор мегиранд.

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти илмӣ.

Дар сурати зиёд шудани фоидаи истеъмолкунанда аз ҳисоби хизматрасонӣ (мол) шумораи истеъмолкунандагон афзоиши меёбад. Ӯ қайд менамояд, ки чи қадаре ки истифодабарандагони шабакаи операторҳои мобилӣ зиёд бошанд, ҳамон қадар сатҳи нархҳо барои хизматрасониҳои алоқа ва табодули иттилоот муфид мегардад. Барои татбиқи

[41] Дворкина, М.Я. Информационное обслуживание: социокультурный подход / М.Я. Дворкина //. - М.: ИПО «Профиздат», 2001.
[42] gidmark.ru.
[43] Кислицын Е. В. Цифровая экономика: проблемы и возможности / Кислицин Е.В. //. - Калуга: Изд-во АКФ «Политоп», – 2018. С. 21.

технологияҳои дорои эффектҳои шабакавӣ зарур аст онҳое, ки омодаанд маҳсулоти заруриро барои истифода тариқи технология пардохт намоянд. Арзиши хизматрасонӣ (технология) бо афзоиши истеъмолкунандагоне, ки аз он истифода мебаранд, меафзояд[44].

Ба андешаи муҳаққиқи дигар А.А. Невенчанный имрӯз бозори хизматрасониҳои мобилӣ аллакай ба дараҷае рушд намудааст, ки рақобати нархҳо аҳамият надорад ва ин ба сабабҳои комилан иқтисодӣ вобаста аст. Бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ омода аст, ки дар сатҳи кунунии нарх рушд намояд. Нархи як дақиқаи трафики овозӣ аллакай ба сатҳи хеле паст расидааст, дар ҳоле ки дигар навъҳои хизматрасониҳои иқтисодӣ, аз қабили арзиши истгоҳҳои базавӣ ва дигар таҷҳизот, бетағйир боқӣ мемонанд ва ҳатто майли афзоиш доранд. Паст кардани мунтазами тарифҳо метавонад оҳиста-оҳиста ба он оварда расонад, ки ин тиҷорат метавонад танҳо зиёновар гардад. Таҷрибаи давлатҳои тараққикарда инро тасдиқ мекунад. Имрӯз тамоми субъектҳои асосии ин бозор дарк мекунанд, ки чунин роҳ ояндадор нест ва барои идоракунии рушди он механизмҳои нав лозиманд.

Инчунин ӯ қайд менамояд, ки операторони шабакаҳои мобилӣ имкон доранд, дар баробари пешниҳоди хизматрасониҳои асосӣ, бо роҳи ҷорӣ намудани як қатор хизматрасониҳо, замимаҳои нав, аз ҷумла дастрасӣ ба Интернет тавассути шабакаҳои мобилӣ шумораи муштариёни худро васеъ намоянд. Бояд тазаккур дод, ки ХАМ зина ба зина

[44] Бармотина М.В. Внешние сетевые эффекты и роль регулирующих органов при внедрении новых технологий на российском рынке услуг мобильной связи (на примере зарубежного опыта): дисс. канд. экон. наук по спец. 08.00.05 / М.В. Бармотина // Москва. 2009, 161 с.

зиёд мешавад. Мувофиқи таҳлилҳои пешакӣ хизматрасониҳои ХАМ ба намуди асосӣ ва дуюмдараҷа ҷудо карда шудааст. Хизматрасониҳои асосӣ ин хизматрасониҳои садоӣ, факсималӣ ва суръати пасти додаҳо мебошанд. Ба ин гурӯҳ хизматрасониҳои ошкорсозии рақам, интиқоли зангҳо, тағйирдиҳандаҳои гуногуни тарофаҳо дохил мешаванд[45].

Ӯ дар таҳқиқоти илмиаш ёдовар мешавад, ки ба хизматрасониҳои иловагӣ бошад навъи дигари хизматрасониҳо дохил мешаванд. Ин навъи хизматарсонӣ дар идома пешниҳод карда мешавад (ҷад. 1.3).

Ҷадвали 1.3. Таснифоти хизматрасониҳои иловагии алоқаи мобилӣ аз нигоҳи равандҳои муосири рақамикунонӣ*

ГУРӮҲИ ХИЗМАТРАСОНӢ	НАМУДИ ХИЗМАТРАСОНӢ
Тиҷорати электронии мобилӣ	Савдои электронӣ; Амалиёти молиявию, биржавӣ; Фармоиши чипта.
Мукотиботи телефонӣ	SMS; MMS; Видеоалоқа; Видеоконфренсия.
Хизматрасониҳои иттилоотӣ	Дастрасӣ ба Интернет; Хизматрасонии бавоситаи (LBS); Ҳуҷҷат (IBR);
Мутобиқсозӣ	Занги кӯтоҳ (RBT); Мелодия; Логтип.
Замима	Идоракунии фосилавӣ;

[45] Невенчанный А.А. Управление развитием рынка услуг сотовой связи: дисс. экон. наук по спец. 08.00.05 / А.А. Невенчанный // Москва. 2006, 138 с.

	Телеметрия; Хадамоти муҳофизат.
Офиси мобилӣ	Дастрасӣ ба шабакаи корпоративӣ; Почтаи электронӣ; Организейр.
Истироҳат	Мусиқӣ; Филм; Телевизионӣ мобилӣ.

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти илмӣ[46].

Ҳамин гуна хизматрасониҳои иловагӣ боз навъҳои зерин: телевизиони интрактивӣ, хизматрасонии бонкии фосилавӣ, ҷустуҷӯйи иттилоот ва дигаронро ёдовар шудан мумкин аст.

Ба андешаи олими нуқтасанҷ А.А. Ефримов дар шароити имрӯза мавқеи энергия чун ашёи хом мунтазам дигар шуда, ҳамчун василаи такрористеҳсолии молу маҳсулот коҳиш меёбад. Саҳми меҳнати соҳибихтисос хусусиятҳои эҷодӣ, интеллектуалӣ ва самти навоваронаи он меафзояд. Дар ин давра нақши иттилоот ҳамчун омили устувор ба ашёи хом ва энергия бартарӣ пайдо мекунад. Аз ин лиҳоз, бозори хизматрасонии телеком-муникатсия, ки вақтҳои охир суръати рушди устуворро нишон

[46] Зарецкий, Сергей Николаевич. Маркетинговые инструменты управления спросом на дополнительные услуги сотовой связи: дисс. канд. экон. наук: 08.00.05 / С. Н. Зарецкий // Ин-т образовательных технологий. - Сочи, 2010.- 123 с.; Шаститко А.Е., Павлова Н.С. Услуги в комплексе: определение продуктовых границ рынка в мобильной / А.Е.Шаститко, Н.С. Павлова // Экономическая политика. 2019. Т. 14. № 4. С. 120-141.; Текучева С.Н. Корпоративный имидж как маркетинговый инструмент повышения конкурентоспособности предприятия на рынке услуг (на примере мобильной связи) / С.Н. Текучева // автореферат дисс. канд. экон. наук / Рост. гос. ун-т. Ростов-на-Дону, 2004. С. 17; Муравьёва Н.Н. Маркетингово-инструментарное обоснование разработки конкурентной стратегии компании на региональном рынке услуг мобильной связи / Н.Н. Муравьёва // дисс. канд. экон. наук . Ростов-на-Дону, 2006. С.55-56

додааст, сазовори таваҷҷӯҳи махсус аст[47].

Хусусиятҳои зеринро ба инобат гирифта, дар идома сохтори бозори хизматрасониҳои электрониро пешниҳод менамоем (расми 2).


Сохтори БХАМ гувоҳӣ он аст, ки ба зерсохторҳои он гурӯҳи хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, алоқаи собит ва корпоративӣ дохил мешавад .

Ба андешаи мо, хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ - ин навъи хизматрасониҳое мебошанд, барои пайваст кардани тамоми соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт, ҳалли масъалаҳои марбут ба мубодила, қабул ва интиқоли иттилоот тавассути технологияҳои тавонманди фосилавӣ, нигоҳ доштани он мувофиқи усулҳо ва алгоритмҳо, бо мақсади татбиқи он дар ҳаёти воқеии сектор ва соҳоти расмии иқтисодиёти кишвари маҳбубамон ва соҳоти иҷтимоиро мефаҳманд. Бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ – ин маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятиро дар рафти фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ бо мақсади танзими рақобат ва идоракунии сатҳи нархҳо, иҷрои вазифаҳои дорои аҳамияти иҷтимоидошта баҳо додан мумкин аст.

Инчунин, ба зерсохтори бозор алоқаи мобилии базавӣ (асосӣ) (алоқаи мобилии асосӣ), телефон, телеграф, телекс, факсимилӣ (факс), телефонҳои мобилӣ, низомҳои алоқаи моҳворавии телефонӣ ва мобилӣ низ дохил мешавад. Шаҷараи марказии ХОА – ро интиқоли иттилооти соҳавию ҷамъияти дар шакли садо, симо бидуни тағйирёбии шакл ташкил медиҳад. Инро мо дар мисоли хизматарсониҳои имрӯз истифодашавандаи овозӣ, зангҳо, мукотиботи соҳавии рӯёрӯйи ва изофавии онлайнӣ дида метавонем, мебошад.

[47] Ефремов А. А. Мировой рынок телекоммуникационных услуг: тенденции и принципы /А. А. Ефремов // Российский Внешнеэкономический вестник №5, 2009. - С.32

Хусусияти марказии онро шакли паёми интиқолшаванда ҳангоми интиқол тағйир меёбад. Пас аз мушаххас кардани мафҳум ва навъҳои хизматрасонии алоқа, метавон нақши онро дар иқтисодиёти кишвар муайян намуд. Ҳамин тариқ, зиёдшавии таъсири БХАМ-ро дар кишварҳои дуру наздик мушоҳида намуда, онро ба таври динамикӣ пешниҳод менамоем. Дар давраи солҳои 1990-2009 хиссаи алоқаи мобилӣ дар ММД-и ҷаҳонӣ аз 1,7 фоиз ба 3,2 фоиз ва хиссаи алоқа дар арзиши умумии хизматрасонӣ - аз 2,8 фоиз ба 4,7 фоиз афзуд. Дар кишварҳои пешрафта ҳиссаи алоқаи мобилӣ дар сохтори ММД 4-5 фоизро ташкил медиҳад.



Расми 2. – Сохтори бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонӣ (таҳияи муаллиф)

Ҳамин тариқ, динамикаи рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар баробари дигар соҳаҳои иқтисодиёт ва ҳам соҳаи хизматрасонӣ солҳои охир тамоюли мусбиро соҳиб мебошад.

Дар идома диққати асосӣ ба омӯзиши хусусиятҳои рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонӣ равона карда мешавад.

1.2. Хусусиятҳои хоси рушди соҳаи алоқаи мобилӣ

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар иқтисодиёти кишварҳои пуриқтидори дунё ХА, БХАМ чун василаи мубодилаи иттилооти иқтисодӣ мавқеи калонро ишғол менамояд. Дар ҳамин ҳолат сохторҳои иқтисодиёти миллӣ зуд инкишоф намуда, ҷузъи иттилоотии фаъолияти иқтисодии субъектҳои бозор ва таъсири фановариҳои иттилоотӣ ба нерӯи илмию техникӣ, зеҳнӣ ва тандурустии халқҳо дар ҳоли афзоиши бесобиқа қарор доранд.

Оғози асри XXI марҳилаи сифатан нави инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ ва иқтисодиёти рақамӣ унвон шудааст. Бо мақсади фаъолияти босамари он бунёди инфрасохтори ҷаҳонии иттилоотӣ ва телекоммуникатсиониро тақозо мекунад, ки суръати рушди он бояд аз суръати рушди иқтисод баландтар бошад.[48]

Институтҳои илмии иқтисодии назди Созмони Миллали Муттаҳид (СММ) дар ду сол як маротиба шохиси рушди ҳукумати электронӣ, ки дараҷаи инкишофи технологияи

[48] Кайюмов С.Т. Особенности формирования и развития рынков услуг связи / С.Т. Кайюмов // Качество. Инновации. Образование. 2017. № 12 (151). С. 75-79.; Меркулова С.А. Особенности развития Российского рынка услуг мобильной связи в контексте ключевых тенденций мирового рынка / С.А. Меркулова //дисс. канд. экон. наук / Российский университет дружбы народов (РУДН). Москва, 2011. 136 с.

иттилоотию коммуникатсиониро тавсиф мекунад ва E-Government (2022 EGDI: 0.5039) интишор менамояд. Мувофиқи таҳлили анҷомдодаи ин ниҳоди байналмилалӣ Тоҷикистон дар солҳои 2021-2023 миёни 193 давлати ҷаҳон дар ҷои 129-ум ҷойгир аст. Шохиси мазкур, инчунин истифодаи алоқаи собитро интишор менамояд, ки иштироки электронӣ арзёбии самаранокии хидматрасониҳои онлайнӣ, ҳамкорӣ ва мубодилаи иттилоот байни ҳукумат ва шахсони алоҳида, инчунин ҷалби шаҳрвандон дар сиёсат ва қабули қарорҳо мусоидат мекунад, дар бар мегирад. Нишондиҳандаи мазкур бошад (E-Participation Index) 0.2500-ро мебошад, ки дар он Тоҷикистон миёни 193 давлати ҷаҳон дар ҷои 135-ум ҷойгир аст. Дигар нуқтаи муҳим истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногуни кишвар мебошад, ки ассоси онро татбиқи ба мақсад мувофиқ ва мояи бунёди низомҳои муташаккили идоракунӣ меистад.

Технологияи иттилоотӣ аз забони англисӣ (eng. information tekhnology) самти шуғле мебошад, ки усулҳои идоракунӣ ва тағйирпазирии иттилооти ниҳоят калонро тариқи технологияҳои компютерӣ имконпазир менамояд.

Аз офаридаҳои ширкатҳо ва институтҳои бонуфузи олам, хусусан «... ЮНЕСКО» мушоҳида мешавад, ки ТИ комплекси илмӣ буда, дар натиҷаи баҳамории донишҳои назариявӣ ва амалӣ ба вуҷуд омадааст. Ҳамин ҳолат ба он оварда расонид, ки майдони мубодила фарох, раванди истифодабараии он васеъ ва дастрасӣ ба он ниҳоят осон гардад.

Аз нигоҳи илмӣ хосияти ТИ – и шакли нав чунин аст:

– Раванди навсозии иттилоотӣ;

–Ҳаҷми калони мубодилаи иттилоот ва нигоҳ доштани он дар таҷҳизоти мантиқӣ;

– Протсеси мубодилаи иттилоот дар фосилаи дур[49].

Субъектҳои иқтисодиёти кишвари мо бояд иттилооти калони мантиқиро тариқи тамоми воситаҳои нав нигоҳ дорад ва дастрасии онро дар асоси принсипи фарогирии умумӣ ба роҳ монад. Мушоҳида мешавад, ки воситаи таҳияи иттилоот таҷҳизоти пуриқтидори рақамӣ буда, ду низоми зеҳнии ҷамъитӣ одам ва техникаро бо мақсади таъмини равобити телекоммуникасионӣ тариқи равандҳои иттилоотӣ такмил медиҳад. Ба вуҷуд омадан ва инкишофи компютер ҷузъи муҳими раванди иттилоотикунонии ҷамъият буда, боиси рақамикунонии иқтисодиёт гардидааст.

Дар идома ба шарҳи мафҳуми рақамикунонӣ мепардозем. Дар ҷадвали 3. мафҳуми рақамикунонӣ, ки аз ҷониби мутахассисон, муҳаққиқон ва коршиносони илми иқтисодиёт ироа гардидааст бо овардани ақидаи шахсии муаллифи монография пешниҳод менамоем.

Ҷадвали 1.4. – Моҳият ва мафҳуми бозори алоқаи мобилӣ ва рақамикунонӣ дар адабиёти илмӣ*

Муаллифон	Шарҳи мафҳуми рақамикунонӣ
Г.Н.Андреева, С.В.Бадальянц	«Рақамикунонӣ - таҳияи маҳсулоти нав дар шакли рақамӣ мебошад» [50].

[49] Сайдуллаев У.Ӯ. Хусусиятҳои таҳлили иқтисодии фаъолият дар ширкатҳои телекоммуникатсиони / У.Ӯ. Сайдуллаев // Вестник ПИТТУ имени академика М.С. Осими. 2021. № 4 (21). С. 87-95.

[50] Андреева Г.Н., Бадальянц С.В. и др. Развитие цифровой экономики в России как ключевой фактор экономического роста и повышения качества жизни населения: Г.Н., Андреева, В.С., Бадальянц коллектив авторов / Нижний Новгород: издательство «Профессиональная наука», 2018. С. 8.

Д.В. Евтянова, М.В.Тиранова	«Иқтисодиёти рақамӣ - автоматикунонии идоракунии хоҷагиҳо дар асоси технологияҳои иттилоотии пешқадам, механизме, ки ба самаранокии иттилоотӣ, идоракунии низомҳои истеҳсолот замина мегузорад, мебошад»[51].
А. Энговатов	«Иқтисодиёти рақамӣ - истифодаи усулҳои нав: коркард, нигоҳдорӣ, интиқоли маълумот тавассути технологияи комютерии рақамӣ мебошад»[52].
О.В. Чистякова, А.В. Бабкин	«Иқтисодиёти рақамӣ - шабакаи умумиҷаҳонии иқтисодӣ ва иҷтимоии тариқи технологияи иттилоотӣ-компютерӣ амалишавандаест, ки имконияти барқарор намудани робитаи байни ширкатҳо, бонкҳо, ҳукумат ва аҳолиро густариш дода, робитаҳои анъанавии миёнаравон, аз ҷумла, дар муомилоти хариду фурӯш, қарздиҳӣ, иҷорадиҳӣ, пардохти андоз, ситонидани ҷарима, дигар ҳисобҳо ва пардохтҳоро аз байн мебарад»[53].
Г.Г. Головенчик	«Иқтисодиёти рақамӣ – низоми муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва технологӣ байни давлат, доираҳои тиҷоратӣ ва шаҳрвандон, дар муҳити шабакаи умумиҷаҳонии иттилоотӣ амалкунанда буда, тавлиди намудҳо ва шаклҳои рақамии истеҳсолот тавассути истифодаи васеи технологияҳои рақамии шабакавӣ ва таблиғи маҳсулоту хизматрасониҳо ба истеъмолкунанда, ки боиси тағйири шаклҳои мураттаби

[51] Евтянова, Д.В. Тиранова М.В. Цифровая экономика как механизм эффективной экологической и экономической политики // Науковедение. – 2017. – Т. 9. – №6.

[52] Цифровая экономика: как специалисты понимают этот термин. Электронный ресурс: http://prof-ras.ru/index.php?option=com_k2&view=item&id=888:tsifrovaya-ekonomika-kak-spetsialisty- ponimayut-etot-termin (Дата обращения: 19.02.2020).

[53] Чистякова, О.В. Бабкин, А.В. Особенности функционирования предпринимательских структур в условиях цифровой экономике [Текст] / О.В. Чистякова, А.В. Бабкин //Тенденции развития экономики и промышленности в условиях цифровизации / под ред. д-ра экон. наук, проф. А. В. Бабкина. – СПб: Издательство Политехнического университета, 2017. С.132-152

	инноватсионии усулҳои идоракунӣ гардида мақсади ниҳоии он баланд бардоштани самаранокии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ мебошад» [54].
Е.В.Наливайченко	«Иқтисодиёти рақамӣ (электронӣ), (англисӣ - digital economy) иқтисодиёти насли нави технологӣ буда дар он омили асосии фаъолияти иқтисодӣ технологияи рақамӣ (электронӣ) ва хизматрасониҳо мебошад»[55].
М.С. Тулиев	«Иқтисодиёти рақамӣ – татбиқи технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти хоҷагиҳои гуногуни дар низоми иқтисодиёти миллӣ амалкунанда ва сохторҳои ҷамъиятӣ дар реҷаи вақтии воқеӣ буда бо истифодаи васеи Интернет ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ пурра гардида, барои алоқамандии субъектҳои иқтисодӣ новобаста аз минтақаҳои ҷойгиршавӣ мусоидат менамояд»[56].
А.А. Алимова	«Иқтисодиёти рақамӣ – ин низоми иқтисодии ҷаҳонӣ мебошад, ки рақамикунонии соҳаҳои хоҷагии халкро фаро гирифта, барои ба тартиби муайян даровардани раванди идоракунии он мусоид мебошад, меноманд»

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ба андешаи муаллифи монография иқтисодиёти рақамӣ ба навъи истифодабарии технологияҳои рақамӣ тавъам буда,

[54] Головенчик, Г. Г. Цифровизация белорусской экономики в современных условиях глобализации [Текст] / Головенчик Галина Геннадьевна. – Минск: Издателство центр БГУ, 2019. – С. 28-29;

[55] Наливайченко Е.В. Развитие цифровой экономики в условиях глобализации: монография [Текст] / Наливайченко Е.В. – Симферополь: Крымский федеральный университет им. В.И. Вернадского, ИТ «АРИАЛ» 2019. – С. 35

[56] Тӯлиев М.С. Ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дисс. н.и.и. аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 / М.С. Тӯлиев // ДДТТ. – 2021. 168 с.

онро мизони воқеии самарадиҳанда пешрафта ва даромадоранда мепиндоранд.

Ба ақидаи баъзе коршиносон рақамикунонӣ метавонад наздики 70%-и аҳолии қувваи кориро беҷойи кор намуда, бахши истеҳсолотии чамъиятиро пурра аз байн барад. Ин ақоид то кунун ба таври пурра аз ҷониби муҳаққиқони илми иқтисодиёт дасгирӣ наёфтааст, зеро таҷрибаи ширкатҳои бузург, кишварҳои абаркудрати ҷаҳон шаҳодат медиҳад, ки таъсири манфии рақамикунонӣ ҷой надорад. Дар ҳамин марҳила касбҳои рақамие пайдо мешаванд, ки тавонмандии донишҳои зеҳнии мутахассисонро дар соҳаҳои алоҳидаи рақамӣ тақозо менамяд. Аз ҳамин ҷо хулоса бармеояд, ки рақамикунонӣ раванди яклухт ва том буда танҳо аз нигоҳи иваз ё худ истифодаи нерӯи меҳнатӣ ва таъмини аҳолии шуғл ба ҷойи кор муфид мебошад. Дар сурати рақамикунонии босуръат тадриҷан майдонҳои шабакавию рақамие пайдо мешавад, ки ҳатто метавонанд барои намояндагони шохаҳои гуногуни ҷамъиятӣ, муфид бошад ва пайваста аз амалҳои оддитарин даромади хуб ба даст оранд. Дигар шакли амалкард дар шароити имрӯза бо тавонмандии зеҳнӣ метавонад, шахс бидуни миёнарав новобаста аз сину сол кори мушаххасро анҷом диҳад ва аз натиҷаи фаъолияти худ даромади бештар ба даст оварда, аксаран тариқи ХАМ даромаднок мегардад.

Иқтисодиёти рақамӣ бо иқтидори босуръат афзоишёбанда ва хароҷоти босуръат камшаванда барои шаклҳои нави ташкили меҳнат ва шуғл, ҳам дар корхонаҳои алоҳида ва ҳам дар тамоми ҷомеа имкониятҳои муфидро фароҳам меоранд. Навгониҳои рақамӣ ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти инсоният: маориф, географияи одамони алоҳида (минтақаҳо), мизони сиёсию иҷтимоӣ, интиқоли молу коло, дучанд мутассир буда, ҳоло дар масири нав фаъолият менамояд.

Мувофиқи андешаи аксарияти муҳаққиқон ва коршиносон меҳнати дастӣ кам гардида, солҳои охир саҳми чашмдоште дар иқтисодиёти имрӯза мегузорад. Намудҳои нави хизматрасонӣ, ки тавассути шабакаҳо паҳн карда мешаванд, имкони фароҳам овардани ҷойҳои зиёди корӣ доранд, ки инро таҷрибаи пешоҳанги хориҷӣ солҳои охир тасдиқ мекунад.

Шурӯи нимаи дуюми асри XXI – аз лиҳози тавлид ва коркарди воситаи калони иттилоотӣ, нигоҳдорӣ, мубодилаи он, ки эҳтиёҷи ҷомеаи ҷаҳониро қонеъ мегарданад шинохтан мумкин аст. Бинобар сабаби арзиши баланди онҳо автоматикунонии ҳалли вазифаҳои идоракунӣ ғайриимкон буд[57].

Новобаста аз ин автоматикунонии равандҳои коркарди такрории иттилоотро бо автоматикунонии меҳнати дастӣ дар асоси истифодабарии мошинҳое, ки ҷойи одамонро гирифтанд, муқоиса кардан ғайриимкон буд. Аз рӯйи иттилооти дарёфтӣ соли 1970 – 1980 – ум дар тамоми курраи замин наздики 13 млн. 165 ҳаз. нафар тариқи компютер амалиёти гуногуни соҳавиро коркард менамуданд, яъне мизони коркади иттилоот алакай тариқи TP – и анъанавӣ (анъ. Мошинаи электронии ҳисоббарор) ба роҳ монда шуда буд. Пайдоиши флоренс (мутахассиси кори фосилавӣ) ба он оварда расонид, ки бозори ҷаҳонии меҳнат тағйир ёбад ва мутахассиси аз лиҳои дониши техникӣ пухта расида дар дилхоҳ нуқтаи ҷаҳон тариқи фосилавӣ кору фаъолият намояд.

[57] Ollila J. The making of global standards in the GIS of the 21st century / J Ollila //Computer Standards & Interfaces. 1998. T. 20. № 2-3. P. 141-145.; Dr. P. Krishnakumar., K.R. Rashmi., Service Quality Dimensions in Mobile Telecommunication Sector/ Dr. Krishnakumar P. Rashmi K.R. 2018. // IOSR Journal of Business and Management. P. 52-56.; Wang Ju., Lai Ju., Hsiao L. Value network analysis for complex service systems: a case study on Taiwan's mobile application services / Ju Wang, Ju Lai, L Hsiao //Service Business. 2015. T. 9. № 3. P. 381-407.

Баръакс, далелҳо аз он шаҳодат доданд, ки нақши ҷойҳои кории автоматикунонидашуда бо мақсади ташаккули фазои мусоиди корӣ, ташаккули тарзи рафтори истеъмолкунандагон ба молҳо ва хизматрасониҳои нав нигаронида шуда назаррас мебошанд. Ба вуҷуд овардани меҳнати фосилавӣ, хусусан дар самти технологияҳои рақамӣ дар муқоиса ба кам гардидани ҷойҳои корӣ дар соҳаҳое, ки истеъмолкунандагони маҳсулоти онҳо дар умум барои меҳнат ночиз менамоянд, назаррас намебошанд.

Фарқи байни захираҳои иттилоотӣ аз захираҳои табииро чунин маънидод намудан мумкин аст, на танҳо ба итмом намерасанд, балки баръакс зиёд мешаванд, сифатан такмил меёбанд ва ба истифодаи оптималии ҳама захираҳои дигар ва сарфаи онҳо мусоидат мекунанд. Мутаваҷҷеҳон дар ташаккули босуръати соҳаи иттилоот ва коммуникатсия дар чунин ақида ҳастанд, ки давлат нақши махсус мебозад. Ба ҳамин монанд муҳаққиқони соҳа ба он бовар доранд, ки нақши технологияҳои рақамӣ дар шароити имрӯзаи ҳамгироии иқтисодиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ ниҳоят калон мебошад.

Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки вобаста ба рушди тиҷорат нақши алоқаи мобилӣ дар он ба дараҷаи чашмрас афзоиш меёбад. Агар дар гузашта онҳо навъи хизматрасонӣ ҳисобида шуда, ҳамчун унсури бартарафсозандаи ниёзҳои соҳибкорӣ хизмат менамуданд, пас тадриҷан алоқаи мобилӣ ба яке аз ҷузъҳои таркибии тиҷорат табдил ёфт, ки бидуни рушди он фаъолияти корхонаҳо ғайриимкон мегардад[58].

Гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва хусусигардонии

[58] Меркулова С.А. Особенности развития рынка мобильной связи в развитых странах / С.А. Меркулова // Ученые записки Российской Академии предпринимательства. 2010. № 25. С. 159 - 166.

корхонаҳои давлатӣ дар бозори хизматрасонии алоқа давлатро аз ӯҳдадориҳои он оид ба назорати рушди ин бозор озод накардааст. Дар сатҳи байнидавлатӣ соҳаи хизматрасонии алоқа низ нисбат ба дигар бахшҳои иқтисодиёт ба андозаи бештар танзим карда мешавад, чи тавре ки дар банди қаблӣ зикр гардид, бозори хизматрасониҳои алоқа ТР, ва ТИК ҷузъҳои босуръат рушдёбандаи бозор мебошад. Солҳои охир афзоиши якбораи даромади ширкатҳои телекоммуникатсионӣ, бахусус операторони алоқаи мобилӣ мушоҳида мешавад. Шабакаи насли 5G, ки қаблан талабот ба хизматрасонии дастрасии фарохмавҷро ба Интернет қонеъ карда нашуда буд, рақобат кунанд. Дар тӯли солҳои охир моҳияти назорати давлатии иттилоотӣ, ки асосан мушкилоти марбут ба фаъолияти васоити ахбори оммаро фаро гирифта буд, айни замон то андозае такмил дода шуд. Унсурҳои алоҳидаи ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон ва ташкилот ба иттилооти оммавӣ, ки Конститутсияи кишвар кафолат додааст, инчунин баъзе ҷанбаҳои амнияти иттилоотиро дар бар мегирад.

Аз ибтидои солҳои 90-ум принсипҳо ва муқаррароти сиёсати давлатии иттилоотикунонӣ дар барномаҳо ва консепсияҳои гуногуни иттилоотӣ дар шакли мушаххас дарҷ гардиданд[59]. Дар баробари ин сиёсати иттилоотикунонӣ аз сиёсати пешгирифтаи давлат дар соҳаи воситаҳои ахбори омма, алоқа ва алоқаи мобилӣ амалан ҷудо карда шуд.

Равандҳои зикргардида, ки дар заминаи хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ба вуҷуд омада, боиси ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ба технологияҳои навтарини иттилоотӣ, хусусан воситаҳои муосири алоқа асос ёфтааст.

[59] Угурчиев И.Я. Товарная политика компаний-операторов сотовой связи на рынке телекоммуникаций / И.Я. Угурчиев // Региональные проблемы преобразования экономики. 2011. № 3 (29). С. 275-281.

Маҳз, технологияҳои муосири рақамӣ боиси паҳншавии босуръати шабакаҳои глобалии иттилоотӣ, пеш аз ҳама Интернет гардид, ки барои мубодилаи иттилооти байналмиллалӣ имкониятҳои куллан навро фароҳам овард.

Вазифаҳои соҳаи алоқа ба ғайр аз пешниҳоди хизматрасониҳо ба аҳолӣ, корхонаю ташкилот расондани хизматрасонии алоқа, инчунин иҷрои як қатор вазифаҳои дорои аҳамияти умумидавлатиро дарбар мегиранд: бо каналҳои алоқа таъмин намудани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти давлатӣ, хизматрасонии гурӯҳҳои имтиёзноки шаҳрвандон ва ғайра. Танзими идоракунии субъекти пешниҳодкунандаи хизматрасониҳои алоқа, фаъолияти онҳоро маҳдуд намекунад ва дараҷаи озодии зерсохтори онҳоро васеъ менамояд. Дар шароити рақамикунонӣ мақомоти давлатӣ қобилияти дахолати маъмуриро ба фаъолияти истеҳсолии корхонаҳо аз даст дода, ба объекти идоракунӣ фақат таъсири ғайримустақим расонида метавонанд.

Таҳқиқи адабиёти илмӣ ва бандҳои дар қонунҳо дарҷгардида нишон медиҳад, ки дар фарқ ба шаклҳои анъанавии иҷроиши вазифаҳо, онҳо аз шаклу принсипҳои нави муносибатҳо, ки хоси иқтисодиёти имрӯза, хусусан рақамикунонӣ мебошанд, бархурдор ҳастанд. Айни замон, баъзе коришносон, иқтисоддонҳо як қатор вазифаҳои давлатро дар соҳаи хизматрасонии алоқа пешниҳод намудаанд:

– фароҳам овардани майдони васеи фаъолият;

– таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва ҷалби онҳо аз хориҷи кишвар;

– ташкили муҳити мутаносиби идоракунӣ;

– тайёр кардани кадрҳои баландихтисос;

– такмил додани меъёрҳои ҳуқуқӣ.

Азбаски татбиқи лоиҳаҳои бузурги алоқа хатарҳои пешгӯинашвандаро ба бор меорад, давлат наметавонад, маблағҳои андозсупорандагонро дар ин самт сармоягузорӣ намояд. Аз ин рӯ, тамоми хавфу хатарҳо ба дӯши саҳмдорон меафтад ва давлат барои фаъолияти соҳибкории хусусӣ шароит фароҳам меорад. Мисоли возеҳи масоил системаҳои сохташударо бо шартҳои имтиёзнок ба мӯҳлати муайян ба истифода медиҳад.

Ҳамин тариқ, давлат дар танзими бозори алоқаи мобилӣ нақши муҳим дорад. Марҳилаи муҳими ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ татбиқи навовариҳо дар асоси меъёрҳои муносибатҳои бозорӣ буда, мувофиқи арза ва таклифот рушд намуда, таъсири маҳсулоти нав баҳо дода мешавад. Вазифаи асосии муносибатхои байни онҳо пеш аз ҳама аз лиҳози фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқӣ танзим карда шаванд. Ҷиҳати таъмини самаранокии мавқеи навовариҳо дар иқтисодиёт, ҳиссаи технологияҳои иттилоотӣ ва алоқа дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бояд мунтазам афзоиш ёбад.

Таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки фурӯши хизматрасониҳои алоқаи мобилиро ба танзим медароранд, бояд аз тарафи мақомоти давлатӣ муқаррар карда шаванд. Дар оянда бояд фаъолияти захираҳои иттилоотии фоидаовар, мувофиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ ба сохторҳои тиҷоратӣ гузаронида шавад.

Таҳлили равандҳои имрӯзаи такомули БХАМ шароит фароҳам меорад, ки принсипҳои зерини ташаккули онро аз нуқтаи назари иштироки давлат ҷудо кунем:

1. Инфрасохтори алоқа бояд аз ҷониби бахши хусусӣ бо дарназардошти бартарафсозии хатарҳои баланди молиявии пешбурди тиҷорати баланди технологӣ таъсис дода шавад. Аз ин лиҳоз, давлат бояд барои рушди он бо пешниҳоди

низомҳои иттилоотии дорои аҳамияти миллӣ пас аз таъсиси онҳо барои фаъолият бо шартҳои мусоид, ҷалби сармоягузорӣ шароити заруриро фароҳам оварад.

2. Бояд мавқеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар институтҳои давлатӣ ҳангоми идоракунии БХАМ муқаррар карда шавад. Тавсеаи ХАМ ва имконияти ҳарчи бештари ташаккули он ба вазъи рушди бозори хизматрасониҳои алоқа дар ҷумҳурӣ ва истифодаи васеи технологияҳои нави иттилоотию коммуникатсионӣ, хизматрасониҳои алоқа амалӣ карда шавад.

3. Давлат ҳамчун дорандаи миқдори зиёди иттилооте, ки аз ҳисоби андозсупорандагон ҷамъоварӣ карда мешавад, ба сиёсати дақиқ таҳияшуда оид ба шартҳои пешниҳоди хизматрасониҳои алоқа ҳам аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва ҳам шахсони воқеӣ ниёз дорад. Инчунин, ваколатҳои давлатро дар ин самти фаъолияти иқтисодӣ муқаррар мекунанд. Маҷмӯи санадҳои меъёрию ҳуқуқии дар самти танзими бозори хизматарсониҳои алоқаи мобили инҳо мебошанд. Ба таркиби санадҳои алоқаманди дорои хусусияти махсуси рушди БХАМ дошта мушкилот ва монеаҳое қарор гирифтаанд, ки бояд ҳимоя намудани амнияти миллӣ ва манофеи миллӣ дар соҳаи алоқа унвон гирад.

Бояд қайд кард, ки танзими бозори хизматрасониҳои алоқа дар сатҳи миллӣ дар аксари кишварҳо, чун қоида, аз ҷониби мақоми мустақили танзимкунанда, ки дараҷаи кофии бархурдор шудан аз имкониятҳо ва салоҳияти сиёсӣ доранд, амалӣ карда мешавад. Институтҳои танзимкунанда дар соҳаи алоқаи мобилӣ бо мустақилияти он аз мақомоти давлатӣ ва маблағгузории мустақил таъмин карда мешаванд.

Фаъолияти мақомоти роҳбарикунанда ва танзимкунанда дар соҳаи алоқаи мобилӣ ба фарогрии афзорҳои таъсиррасони давлат бо мақсади идоракунии бозори алоқаи мобилӣ нигаронида шудааст ва ин тамоюл ба амалишавии чунин ҳадафҳо мусоидат кунад:

1. Рушди муҳити рақобат дар асоси назорат аз болои якҷояшавии ширкатҳо ва пешгирии монополия;

2. Амалисозии ҳуқуқҳои шаҳрвандони ҷумҳурӣ оид ба дастрасӣ ба инфрасохтори иттилоотӣ ва алоқа;

3. Баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории бахши танзимшаванда;

4. Ҳамгироии маҷмӯи миллии иттилоотию коммуникатсионӣ ба фазои иттилоотии ҷаҳонӣ.

Дар сатҳи байналмилалӣ танзим дар соҳаи алоқаи мобилӣ ба Созишномаи генералӣ оид ба савдо ва хизматрасонӣ, аз ҷумла 2 замима: замимаи алоқаи мобилӣ ва замимаи асосии гуфтушунидҳо оид ба алоқаи мобилӣ (соли 1994 имзо шудааст) асос ёфтааст.

Илова бар ин, дар соли 1998 Созишномаи асосии алоқаи мобилӣ ва ба истилоҳ ҳуҷҷати истинод ба имзо расид. Муҳим он аст, ки аъзои Созмони Ҷаҳонии Тиҷорат танҳо чаҳорчӯбаи пешбурди сиёсати рақобатро дар баробари нигоҳ доштани чандирии кофӣ барои татбиқи муқаррароти миллӣ, ки ба шароити миллӣ мувофиқат мекунанд, гиранд. Ҳукуматҳои аъзо метавонанд танзимеро муқаррар кунанд, ки аз доираи Созишномаҳои байналмилалӣ берунтар аст, яъне созишномаи Созмони умумиҷаҳонии савдо дар бораи алоқа танҳо стандартҳои ҳадди ақали танзимро муқаррар мекунад.

Одатан, танзимии давлатии бозори хизматрасониҳои алоқа тавассути чорабиниҳои зерин амалӣ карда мешавад:

1. Хусусигардонӣ ва ғайридавлатигардонӣ дар соҳаи алоқа ва иттилоот;

2. Сиёсати зиддиинҳисорӣ дар соҳаи алоқаи мобилӣ ва иттилоот;

3. Иҷозатномадиҳӣ ба операторони алоқа;

4. Баланд бардоштани шаффофияти расмиёти танзими бозори алоқа;

5. Танзим дар соҳаи сиёсати тарофаҳо;

6. Танзими расмиёти пешниҳоди хизматрасониҳои алоқа;

7. Танзими ҳатмии муносибатҳои байни операторон;

8. Тадбирҳо оид ба беҳсозӣ (оптимизатсия) - и мақомоти танзимкунанда оид ба тақсими захираҳои маҳдуди алоқа ва сиёсати иттилоотӣ.

Сиёсати давлатии иттилоотӣ маҷмӯи ҳадафҳоест, ки манфиатҳои миллии Тоҷикистонро дар соҳаи иттилоот, самтҳои стратегии ноил шудан ба онҳо (вазифаҳо) ва Низоми тадбирҳои татбиқи онро инъикос мекунанд.

Аз ҳамин хотир, сиёсати иттилоотии давлатӣ ҷузъи муҳими сиёсати хориҷӣ ва дохилии давлат буда, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро мегирад.

Ҳадафи стратегии дарозмуддати сиёсати иттилоотӣ таъмини гузариш ба марҳилаи нави рушди ҷумҳурӣ - бунёди ҷомеаи иттилоотии демократӣ ва воридшавии кишвар ба ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ мебошад[60].

Пояи гуфтори болоро ташкили муҳити ягонаи ТИК – и мамлакат, зина ба зина афзоиш ёфтани афзори сифати маҳсулоти рақамӣ, инчунин баррасии паҳлӯҳои мувофиқи рушди он мебошад.

[60] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои то давраи солҳои 2030 [Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз с. 2016, №333].

Вазифаҳои асосии сиёсати давлатии иттилоотӣ аз инҳо иборатанд:

1. Навсозии инфрасохтори иттилоотӣ ва алоқа;
2. Рушди технологияҳои иттилоотӣ ва алоқа;
3. Ташаккул ва истифодаи самараноки захираҳои иттилоотии миллӣ ва таъмини дастрасии васеъ ва озод ба онҳо;
4. Таъмини шаҳрвандон бо иттилооти дорои аҳамияти иҷтимоӣ ва рушди воситаҳои ахбори оммаи мустақил;
5. Омода намудани инсон ба ҳаёт ва кор дар асри иттилоот;
6. Таъсиси заминаи зарурии меъёрию ҳуқуқӣ барои бунёди ҷомеаи иттилоотӣ.

Низоми иттилоотии оммавӣ барои мусоидат ба бунёди ҷомеаи иттилоотии демократӣ, таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон пешбинӣ шудааст.

Бояд ба хусусияти зерин такя намояд:

– такмили усули нави моделсозии иқтисодӣ – риёзӣ, оптимизатсионӣ;

– навсозии усул ва афзори нави назоратӣ;

– такмили фаъолияти ширкатҳо;

– назорати муҳити рақамикунонӣ;

– серверонии тамоми корхона;

– навсозии пойгоҳи таҳлилию иттилоотӣ;

– сармоягузории хориҷӣ ва ҷалби он ба рушди соҳаи БХАМ;

– оптималикунонии захираҳои дар ихтиёри ширкатҳои алоқа.

Мазмуни вазифаҳои танзими давлатии иттилоотӣ аз фароҳам овардани шароити нави рушди ҳамаи соҳаҳои

ҷамъиятӣ ва иқтисодӣ алоқаманд аст. Аксарияти кишварҳои пешрафтаи дунё мизони рақамикуниро тавре ба роҳ мондаанд, ки ба рушди анъанаҳои миллии онҳо таъсир нарасонидааст. Сиёсати иттилоотӣ барои Иттиҳоди Аврупо, инчунин барои кишварҳои G7 таҳия ва пайваста амалӣ карда мешавад. Сиёсати иттилоотии кишварҳои гуногун ба хусусияти рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии онҳо вобаста аст. Ҳадафи ҳамкории байнамилалӣ татбиқи кӯшишҳои барномарезон – бунёди интерфейси ягонаи барномавии амалиро барои саноати ҷаҳонии телекоммуникатсия инконпазир мегардонад[61].

Амалишавии ҳадафҳои стратегияҳои милли рушд, хусусан иттилоотию таҳлили (СМРТИК) ба он нигаронида шудааст, ки анаъанаҳои миллӣ бидуни тағйирпазирӣ боқӣ монад ва ҳамоҳангсозии таъсири танзимкунандаи давлат ба ҳарду ҷузъҳои асосии сиёсати иттилоотии давлатӣ, ки ин гузаришро таъмин мекунанд: иҷтимоию сиёсӣ ва техникӣ-технологӣ.

Танзими давлатии иттилоотикунонӣ бояд амалишавии меъёр ва унсурҳои зеринро ба инобат гирад:

1. Принсипи ошкорбаёнии сиёсат – тамоми самтҳои асосии сиёсати иттилоотӣ аз ҷониби ҷомеа ошкоро муҳокима карда мешавад ва давлат афкори ҷомеаро ба инобат мегирад;

2. Принсипи баробарии манфиатҳо – сиёсат манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни равандҳои иттилоотиро, сарфи назар аз мавқеи онҳо дар ҷомеа, шакли моликият ва мансубияти давлатӣ, «қоидаҳои бозӣ» барои ҳама, баробар ба назар мегирад;

[61] Сайдуллаев У.Ӯ. Муаммоҳои гузариш ба шабакаҳои телекоммуникатсионии насли нав / У.Ӯ. Сайдуллаев // Вестник ПИТТУ имени академика М.С. Осими. 2020. №3 (16). С. 16-21.

3. Принсипи муттасилӣ – ҳангоми татбиқи қарорҳо оид ба тағйир додани ҳолати яке аз объектҳои танзим қабулшуда, оқибатҳои он барои ҳолати дигарон ва ҳама дар маҷмӯъ бояд ба назар гирифта шаванд;

4. Бо роҳ додани таҳфифи саросарӣ ба истеҳсолкунандагони ватанӣ имконияти ба таври усулии мувофиқ гардонидани фаъолияти онҳо ба анъанаҳои миллӣ;

5. Принсипи тамоюли иҷтимоӣ – самтҳои асосии фаъолияти ХАМ бояд ба таъмини манфиатҳои иҷтимоии шаҳрвандони Тоҷикистон равона карда шаванд;

6. Принсипи дастгирии давлатӣ – тадбирҳои сиёсати иттилоотӣ, ки ба рушди иттилоотии соҳаи иҷтимоӣ нигаронида шудаанд, асосан аз ҳисоби давлат маблағгузорӣ карда мешаванд;

7. Принсипи афзалияти ҳуқуқ – таҳия ва татбиқи усулҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ нисбат ба ҳама гуна шаклҳои ҳалли маъмурии мушкилоти соҳаи иттилоот афзалият дорад.

Асоси усулҳои ташкилию ҳуқуқӣ таҳияи таъминоти меъёрӣ ва қонунгузории фаъолияти шабакаи алоқаи байниҳамдигарии кишвар ва операторони таркибии он, сарфи назар аз тобеияти идоравӣ мебошад[62]. Дар асоси истифодаи усулҳои зикргардида ва қоидаҳои ягонаи корӣ муассисаҳои алоқа, ҳамоҳангсозии ҳамкории онҳо бо ҳамдигар тартиб дода мешаванд.

Мобиликунонии хизматрасониҳои алоқа, воситаҳои ахбори омма аз ҳисоби рушди дастгоҳҳои фосилавӣ бояд мунтазам тараққӣ ёбанд ва тамои таҷҳизотро тариқи он идора

[62] Бармотина М.В. Внешние сетевые эффекты и роль регулирующих органов при внедрении новых технологий на российском рынке услуг мобильной связи (на примере зарубежного опыта) / М.В. Бармотина //дисс… канд… экон… наук / Государственный университет управления. Москва, 2009. 161 с.

намоянд. Афзорҳои рақамӣ имконият медиҳанд, ки бастаҳои гуногун: овоз, маълумот, видео дар як таҷҳизоти рақамии хурд, нигоҳ ва интиқол дода шаванд [63].

ХАМ бояд ба ҳамгироии «хизматрасониҳои алоқаи мобилии байналмилалӣ»[64] ва ватанӣ пешбинӣ гардида мусоидат намоянд. Усулҳои иқтисодӣ тавассути сиёсати андоз, қарз, гумрук ва нархномаҳои давлат амалӣ карда мешаванд [65].

Муҳимтарин омилҳои таъсиррасон ба иқтисодиёти миллӣ ва БХАМ:

1. Афзоиши бесобиқаи равандҳои тиҷоратӣ тариқи интернет. Омилҳои зикргардида унсури асосии афзоиши хизматрасониҳои алоқа, пеш аз ҳама, шакли электронӣ гирифтани тиҷорат дар кишварҳои гуногун мебошад. Робитаи мустақим байни субъектҳои иқтисодӣ, суръати рушди иқтисодиётро тезонида, сифати зиндагии аҳолӣ ва ҳолати татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар ҷомеа дигаргун мешавад. Ҳамон қадаре, ки сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ дар мамлакат баланд бошад, ҳаҷми истифодаи хизматрасонӣ ҳамон қадар афзоиш меёбад. Дар баробари ин, робита дар самти муқобил низ вуҷуд дорад, ки рушди соҳаи алоқаи мобилӣ дар баробари зиёд кардани шумораи ҷойҳои корӣ, самаранокии дигар бахшҳои иқтисодиётро низ афзоиш медиҳад, яъне вазифаҳои таҷдиди инфрасохтори дигар соҳаҳои иқтисодиётро иҷро менамояд. Барои соҳаҳои

[63] Сбитнев А.В. Формирование и становление рынка мобильной связи и услуг/ А.В. Сбитнев //Вестник экономической интеграции. 2009. № 3. С. 129-133.

[64] Харламов М.И. Основные тенденции развития мирового рынка услуг мобильной связи / М.И. Харламов // дисс. канд. экон. наук / Москва, 2005. 206 с.

[65] Овсянников В.В. Формирование рынков новых телекоммуникационных услуг (на примере сетей мобильной связи) / В.В. Овсянников // дисс. канд. экон. наук / Санкт-Петербург, 2000. 158 с.

алоҳидаи иқтисодиёт, хизматрасониҳои алоқа ахамияти махсус дорад. Амсоли масоил соҳаҳои хизматрасонӣ, бонкдорӣ, нақлиёт, молия, андоз, маориф, тиб, кишоварзӣ, алоқаи ҳавоӣ, аз ҷумла: фармоиш додани чиптаҳои ҳавопаймо ва ғайра дохил мешаванд.

2. Вазъи зудтағйирёбандаи хизматрасониҳои алоқа. Таъмини хизматрасониҳои алоқа, яке аз бахшҳои нисбатан зудтағйирёбандаи иқтисодиёт мебошад. Тибқи маълумоти омори Созмони ҷаҳонии тиҷорат, афзоиши миёнаи содироти ҷаҳонии хазматрасониҳои алоқа дар соли 2006, 70 миллиард буд, ки ин тамоюл нисбати соли 2004, 19 фоизро ташкил медод, айни замон наздики 80 фоизро ташкил медиҳад.

3. Бозорҳои миллии алоқаи мобилиро ишғол намудани ширкатҳои мухобиротии байналмилалӣ. Солҳои охир заъиф шудани бозори милии хизматрасониҳои алоқа мушоҳида мешавад, ки ба ворид шудани ширкатҳои мухобиротии хориҷӣ ба бозорҳои миллӣ асонок мешаванд, лекин ба низоми миллӣ мувофиқ гардонидани БХАМ имконият медиҳад, ки бозор ба манфиати ҳамаи истеъмокунандагон кор намояд. Байналмилалӣ шудани операторҳо ба фаъолияти операторҳое, ки алоқаи бесимро пешниҳод мекунанд сол то сол тақвият меёбад.

4. Афзоиши бесобиқаи навгониҳои технологӣ. Рушди навгониҳои технологӣ дар ташаккули бозори хизматрасониҳои алоқа мавқеи ҳалкунандаро ишғол менамояд.

Афзоиши босуръати навгониҳои рақамӣ дар самти хизматрасониҳои алоқа боиси рақамикунонӣ, фардикунонӣ ва мобиликунонии хизматрасониҳои алоқа гардид, ки ғоя ва мундариҷаи хизматрасониҳои телефонӣ ва телевизионии

анъанавиро сифатан тағйир дод[66]. Гузариш ба мавҷҳои рақамӣ тавоноии баланди садои интиқолро таъмин намуда, сифат ва эътимоднокии онро беҳтар мегардонад, вазн ва андозаи таҷҳизотро хеле кам мекунад. Чунончӣ, пешниҳоди мавҷи рақамӣ барои ҳама намудҳои тарофаи хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, платформаи воқеиро барои муттаҳид кардани онҳо дар як канали интиқол фароҳам меорад. Бо пайдоиши телефонҳои мобилӣ, терминалҳои алоқаи моҳворавӣ, алоқа на ба ҷойгиршавии терминал (телефон, телевизор ва ғайра), балки ба шахсе, ки терминалро бо худ мебарад, вобаста аст.

Хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, зина ба зина меъёр, сатҳи саводнокии электронии аҳолиро дигар намуда оҳиста – оҳиста дар тағйир ёфтани шуури одамон мусоидат менамояд.

Алоқаи мобилӣ барои қонеъ гардонидани ниёзҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ, ҳангоми интиқоли намудҳои гуногуни иттилоот ва паёмакҳо пешбинӣ шудааст. Аз нуқтаи назари тақсимоти ҷамъиятии меҳнат он ҳамчун соҳаи истеҳсолоти моддӣ ва қисми таркибии зерсохтори иқтисодиёт маҳсуб меёбад. Умуман, самаранокии алоқаи мобилӣ бо бисёр хосиятҳои мушаххаси соҳаи мазкур, инчунин меъёрҳои хоси самаранокии дохилии он, ки фаъолият ва дурнамои низомро муайян мекунанд ва меъёрҳои берунӣ, ки ҳар яке онҳо ба таври назаррас, паст шудани самаранокӣ ва баъзан ба вайрон

[66] Сайдуллаев У.У., Абдуллозаде Д.Х. Особенности развития цифровых технологий в экономике / У.У. Сайдуллаев, Д.Х. Абдуллозаде // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия: Естественные и экономические науки. 2022. Т. 63. № 4. С. 160-163.; Сорокин А.И., Жеребцов А.Д. Политика заимствований, ее риски и стоимость компании (на примере компании рынка услуг мобильной связи / А.И. Сорокин, А.Д. Жеребцов// В сборнике: Перспективы и тенденции развития менеджмента в XXI веке. Сборник трудов III Международной научно-практической конференции. Под редакцией Т.Ю. Ксенофонтовой, Л.А. Кравченко. Санкт-Петербург, 2022. С. 90-97.

кардани низоми корӣ таъсир мерасонанд, муайян карда мешавад.

1.3. Таҳқиқи омилҳо ва масъалаҳои ташаккули соҳа

Алоқаи мобилӣ дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, сохтор ва соҳоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, хусусан илм, маориф, тандурустӣ, маданӣ, ТИК, логистика ва нақлиёт саҳми калон дорад. Афзалияти дигари низом дар он аст, ки инфрасохтори миллӣ ва байналмилалӣ зуд рушд менамояд ва метавонад дар ояндаи наздик ҷомеаи иттилотии пухта расидаро дар шакли «инсони рақамии ҳушманд» ба вуҷуд орад[67].

Соҳаи алоқаи мобилӣ низ таҳаввулоти технологияи дастарсии наслҳои фарохмавҷи 1 G то 5G-ро гузаронидааст[68].

Зарурати иқтисодии таҳаввулоти алоқаи мобилиро метавон аз чанд нуқтаи назар таҳлил кард:

Омили аввал таҳаввулоти алоқаи мобилӣ тариқи пайвастшавии технологияи фарохмавҷи хизматрасониҳои алоқа буда, ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ саҳми назаррас мегузорад. Саноат барои ширкатҳои алоқаи мобилӣ даромади назаррас меорад, ҷойҳои корӣ эҷод мекунад, пешрафтҳои инноватсионӣ ва технологиро ба вуҷуд меорад.

Омили дуюм, таҳаввулоти алоқаи мобилӣ барои дастрасии истеъмолкунандагон ба хизматрасонҳои босифат бо нархҳои мувофиқ зарур аст. Ин ҳолат хоси мамолики рӯй ба инкишофи саноатӣ, ки дастрасӣ ба хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ барои рушд иқтисодӣ муҳим аст, мебошад.

---

[67] Каграманзаде А.Г. Основы менеджмента в телекоммуникации / А.Г. Каграманзаде //. Баку. Изд-во «Сабащ», 2002. -С.70

[68] Сайдуллаев У.У. Перспективы внедрения системы 5G в Республике Таджикистан / У.У. Сайдуллаев // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия: Естественные и экономические науки. 2022. Т. 60. № 1. С. 118-123.

Омили сеюм дар он зоҳир мегардад, ки ХАМ ва БХАМ метавонад дар инкишофу тараққии ҳамаи соҳаҳо кӯмак расонад. Ин ҳолат боиси афзоиши рақобат байни ширкатҳои алоқаи мобилӣ ва василаи паст шудани нархҳо, баланд шудани сифати хидматрасониҳо барои истеъмолкунандагон мегардад.

Омили чаҳорум, таҳаввулоти алоқаи мобилӣ метавонад дар муайянсозӣ ва ҳалли масъалаҳои амнияти шабакавӣ ва махфият кӯмак кунад. Азбаски дастгоҳҳои мобилӣ ба ҳаёти ҳаррӯзаи мо бештар ва бештар ворид мешаванд, таъмини амният ва махфияти хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ аз ҳарвақта муҳимтар аст.

Дар маҷмӯъ, равнақу ривоҷи ХАМ дар он зоҳир мегардад, ки тамоми соҳаҳои истеъмолӣ ва иҷтимоӣ дигаргун шуда тадриҷан ба ташаккули ҳамаи соҳаҳо нақши худашро гузорад. Аз ҳама муҳим дар ин давра технологияи фосилавии пайвасташвӣ ба вуҷуд омад, ки вазъи рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилиро куллан тағйир дод:

1. Шабакаи локалӣ – (Локальная вычисли́тельная сеть - Local Area Network). Доираи фарогирии мавҷи зикргардида ҳуди 1000 метрро ташкил медиҳад.;

2. Шабакаи беноқил – (Беспроводная локальная сеть - Wireless Local Area Network). Доираи фарогирии ин навъи хизматрасонӣ 100 метр мебошад.

3. Шабакаи глобалӣ – (Глобальная вычислительная сеть - Wide Area Network). Доираи фарогирии ин навъи хизматрасонии глобалӣ, тамоми нуқтаи ҷаҳон мебошад.

Дар ҷавали 1.5 шакли фосилавии дастрасӣ ба хизмарасониҳои интернет пешниҳод карда мешавад.

Ҷадвали 1.5. Нишондиҳандаҳои техникӣ ва навъи нави технологияҳои дастрасӣ ба интернети баландсуръат ва дигар навъи хизматрасониҳои фосилавӣ, тариқи имкониятҳои хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ[69]

Технология	Стандарт	Номи шабака	Суръат	Доира (диапазон) - и фарогирӣ	Зудди
Wi-Fi	802.11ac	WLAN	то 1 Гбит/с	то 300 метр	5 ГГц
Wi-Fi	802.11b	WLAN	то 11 Мбит/с	то 300 метр	2,4 ГГц
Wi-Fi	802.11g	WLAN	то 54 Мбит/с	то 300 метр	2,4 ГГц
Wi-Fi	802.11n	WLAN	то 300 Мбит/с (то 600 Мбит/с)	то 300 метр	2,4 - 2,5 ё 5,0 ГГц
WiMax	802.16d	WMAN	то 75 Мбит/с	25-80 км	1,5 - 11 ГГц
WiMax	802.16e	Mobile WMAN	то 40 Мбит/с	1-5 км	2,3-13,6 ГГц
WiMax 2	802.16m	WMAN, Mobile WMAN	то 1 Гбит/с (WMAN), до 100 Мбит/с (Mobile WMAN)	120-150 км (стандарт, дар коркард қарор дорад)	то 11 ГГц

[69] ***Сарчашма:*** таҳияи муаллифи диссертатсия дар асоси сарчашмаҳои озоди интернетӣ ва Суханова Л. Решения мм-диапазона компании док - актуальные технологии - актуальные продукты / Л. Суханова // Первая миля. 2011. Т. 22. № 1. С. 22-23.; Карлеев П., Андреев И. Предоставление GSM-услуг с использованием нелицензируемого радиодиапазона / П. Карлеев, И. Андреев // Мобильные системы. 2007. № 6. С. 50-55.; Стрелец М.В., Костин А.Н. Услуги спутниковой связи в ка-диапазоне / М.В. Стрелец, А.Н. Костин // Вестник связи. 2015. № 9. С. 42-44.; Гольдштейн Д. Куда движется рынок OSS/BSS / Д. Гольдштейн // Технологии и средства связи. 2007. № 3. С. 93-94.; Карпенко В.М. Позиционирование предприятия связи СООО «МТС» на коммуникационном рынке Республики Беларусь / В.М. Карпенко //Экономический вестник университета. 2019. № 40-2. С. 40-48.; Koonen T., Steenbergen K., Janssen F., Wellen J. Flexibly reconfigurable fiber-wireless network using wavelength routing techniques: the acts project ac349 Prisma / T Koonen, K Steenbergen, F Janssen, J Wellen //Photonic Network Communications. 2001. Т. 3. № 3. P. 297-306.

Bluetooth v. 1.1	802.15.1	WPAN	то 1 Мбит/с	то 10 метр	2,4 ГГц
Bluetooth v. 2.0	802.15.3	WPAN	то 2,1 Мбит/с	то 100 метр	2,4 ГГц
Bluetooth v. 3.0	802.11	WPAN	от 3 Мбит/с до 24 Мбит/с	то 100 метр	2,4 ГГц
UWB	802.15.3a	WPAN	110-480 Мбит/с	то 10 метр	7,5 ГГц
ZigBee	802.15.4	WPAN	аз 20 то 250 кбит/с	1-100 м	2,4 ГГц (16 канал), 915 МГц (10 канал), 868 МГц (як канал)
Хати алоқаи инфракрасионӣ	IrDa	WPAN	то 15 Мбит/с	аз 5 то 50 сантиметр, алоқаи яктарафа то 10 метр	

Аз лиҳози маркетинг воридшавӣ ба БХАМ бояд дар асоси иттилооти бадастоварда ва таҳлилшуда дар бораи бозор сурат гирад. Ин ҳолат фаъолияти объекти иқтисодиро тезонида маҳаки асосии рушди он мегардад.

Мувофиқи арзёбии мо ҳолати пешниҳоди ХАМ дар гӯшаву канори Ҷумҳурии Тоҷикистон гуногун мебошад. Ҳоло ба таҳлили якчанд бандҳое диққат медиҳем, ки гуногунии равандҳои зикргардидаро асоснок менамояд.

Барои таҳлил рӯйхати минтақаҳои пардохтпазиртарини Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода мешаванд.

Арзёбӣ гардидани иқтидори минтақаҳо имконият медиҳанд, ки ҳолати рушди хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ вобаста ба минтақаҳо баҳо дода шаванд. Аз дигар нуқтаи назар ғунҷоиши бозор ин арзиши ниҳоии ҳаҷми пешниҳоди хизматрасонӣ бо ифодаи ҳаҷм ё пул барои давраи муайян мебошад.

Минҷумла ба шакли макон бояд самтҳои қавӣ ва заъфи рақибон ба назар гирифта шаванд. Муносибати эҳсосии истеҳсолкунандагони маҳаллӣ нисбат ба маҳсулот ва хизматарасониҳои ҷадид бояд ба инобат гирифта шавад.

Тарзи баҳодиҳии дар боло зикргардида, имконият медиҳад, ки минтақаҳои зудрушдкунанда ва суструшдкунанда муайян карда шаванд. Ташаккули минтақавии бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ василаи муҳими самтҳои афзалиятноки рушди бозори миллӣ мебошад. Тамоюли рушди минтақавӣ ба бартарафсозии монеаҳое алоқаманд аст, ки сабаби боздории фаъолияти иқтисодӣ, хусусан хизмат-расониҳои алоқаи мобилӣ мегардад.

Ба андешаи мо, интихоб метавонад аз он вобаста бошад, ки робита бо мақомоти маҳаллӣ ё бо ширкатҳои тиҷоратии маҳаллӣ дар минтақаҳои таҳқиқшуда то чӣ андоза мувофиқ аст. Инчунин, аз муносибати рақибони маҳаллӣ, пеш аз ҳама аз ҳассосияти сиёсати истеҳсолкунандагони маҳаллӣ метавонад вобаста бошад. «... Дар ин раванд таҳқиқи, омилҳое ба монанди хароҷоти нақлиёт, қобилияти пардохти умумии минтақа ва андозаи бозор муҳиманд»[70].

Пешниҳод карда мешавад, ки субъектҳои бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ метавонанд, фаъолияти худро бо роҳи ҳамҷоянамоии баъзе хизматрасониҳои ва операторони минтақавӣ ба роҳ монанд. Ин шакли амалкард боиси тадриҷан тағйир додани вазъият, азхудкунии бозори минтақавӣ, афзоиши даромаднокии минтақа, ҷалби бештари

[70] Melović B., Rondović B., Mitrović S., Shoshinov V, Quality as a determinant of the customer's satisfaction on the mobile communication market / B Melović ,B Rondović ,S Mitrović , V Shoshinov // International Scientific Conference Energy Management of Municipal Transportation Facilities and Transport EMMFT 2017. Conference proceedings. Серия: Advances in Intelligent Systems and Computing. Cham, 2018. P. 1282-1295.

сармоягузорӣ ба пешбурди фаъолияти мустақилона, ба мақсад мувофиқ мегардад.

Раванди таҷдиди инфрасохтори минтақавӣ бинобар сабабҳои релефи мураккаб дар муддати тӯлонӣ амалӣ карда мешавад. Ин ҳолат ба мавҷудияти захираҳои муайян, ташкили ҳудудии соҳаи истеҳсолот ва муомилоти ҳар як минтақаи мушаххас зич алоқаманд мебошад[71].

Моҳияти иқтисодии зерсохторҳои минтақавӣ[72] мусалсал ба ҳамҷоякунии соҳаҳои ёрирасон дар давраи навсозӣ ё таҷдид ва ҳангоми истифода ба даст омадааст.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, инфрасохтор дорои баъзе хусусиятҳои хеле муҳим аст:

1. Якум, ҳамаи соҳаҳои таркибии он самаранокии иқтисодӣ намедиҳанд. Хароҷоти назаррасе, мизони рушди инфрасохторро ба вуҷуд меорад, набояд танҳои барои гирифтани даромад маҳдуд шавад, балки ақалан як низоми дарёфтии шаклдоштаро ба вкҷкд орад.

2. Фарози дуюм ин назарияи иқтисодии шаклгирифтаи мубтали ба як ноҳия аст, ки ин шакл чунон хуб нест, гарчанде бо тамоми лавозимоти зарурӣ, воситаҳои истеҳсол муҷаҳҳаз бошад. Такмили инфрасохтор бояд ба таври муайян аз тараққиёти иқтисодии ҳудуд алоқаманд бошад.

---

[71] Park W.Ye., Jeong Da.Im., A study on the effect of financial services on use intention in mobile fintech / W.Ye Park, Da.Im Jeong //Global Convergence Research Academy. 2022. T. 1. № 1. P. 51-60.

[72] Bughin Ja.R., Lind F., Stenius P., Wilshire M.J. Mobile Portals mobilize for scale/ Ja.R Bughin, F Lind, P Stenius // McKinsey Quarterly. 2001. № 2. C. 118//McKinsey Quarterly. 2001. № 2. P. 118.; B. Jabbari., Teletraffic aspects of evolving and next generation wireless communication networks / Jabbari B// In IEEE Transactions on Vehicular Technology volume 3, 1996. P. 4–9.

3. Сеюм, дараҷаи инкишофи зерсохтор дар ҳар лаҳза имкониятҳои тараққиёти маҷмӯии иктисодии минтақаро муайян мекунад.

4. Баргаи чаҳорум томоюли рушди инфрасохторӣ буда, бояд бар асоси се принсипи аввал амал намояд.

Дар шароити имрӯза бинобар тараққиёти бемайлони технологияҳои рақамӣ, мутаассифона баъзе мушкилоти иҷтимоие, пайдо шуда истодаанд, ки тамоми сайёраро фаро гирифтааст ва ин масъалаҳоро бидуни имкониятҳои хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ҳал кардан ғайриимкон аст.

Дар баробари ин, алоқаи мобилӣ ва иттилооте, ки тавассути он интиқол дода мешавад, муҳимтарин захираи миллӣ мегардад ва бо мурури замон сифатан такмил ёфта, ба истифодаи оқилонаи тамоми намудҳои дигари захираҳо, ҳифз ва эҷоди захираҳои нав мусоидат мекунад[73].

Дар асоси меъёру таснифоти шарҳои методологии институтҳои миллӣ ва байналмилалӣ ММД аксари кишварҳои ҷаҳон бо суръати баланд меафзояд. Аз дигари нуқтаи назар хароҷоти ба рушди хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ равонагардидаро бо гирифтани даромади ниҳоят зиёд дар як муҳлати кӯтоҳ рӯйпӯш намудан мумкин аст. Таҳлилу баррасиҳо ва таҷрибаи кофии андӯхтаи муаллифи монография дар ширкатҳои алоқаи мобилӣ нишон медиҳад, ки 1 доллари сармоягузорӣ ба бахши алоқаи мобилӣ 3÷4 доллар даромад меорад[74].

---

[73] Mahkmadieva S.R. The premiseses of the development of mobile banking in Republic of Uzbekistan / S.R Mahkmadieva //4th International Conference on Application of Information and Communication Technologies, AICT2010. 2010. P. 5612074.

[74] Акулич И.Л., Баранчук В.А. Возможности развития рынка услуг мобильной связи в Республике Беларусь / И.Л. Акулич, В.А.Баранчук // Вестник Белорусского государственного экономического университета. 2007. № 6 (65). С. 5-13.

Соҳаи алоқа ба ҳамаи соҳаҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ таъсири мусбат мерасонад. Феълан майдони муросилоти миллӣ ва байналмилалӣ дар самти интиқоли итилоот хело оддӣ аст ва ин тамоюл, инчунин қабули қарорҳои самаранокро таъмин менамояд.

Барои арзёбии самаранокии алоқаи мобилӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолият таҳқиқоти гуногун мавҷуданд. Ҳамин тавр, алоқаи мобилии муосир шумораи сафарҳои хизматиро 20-25 фоиз кам карда, қобилияти гузарониши нақлиётро 1,5÷2 маротиба зиёд мекунад.

Самаранокии истифодаи мошину механизмҳо дар хоҷагии қишлоқ боз ҳам зиёд (25 фоиз) ва талафи вақти кор (20÷40 фоиз) кам мегардад.

Истифодаи навгониҳои алоқа дар бахши сохтмон хуб ташкил кардашуда, имконият медиҳад, ки ҳосилнокии меҳнат баланд гардад, мӯҳлати фаъолияти объектҳо қариб 15 фоиз кам карда шаванд.

Нақш ва аҳамияти бозори хизматрасониҳои алоқа ҳамчун унсури инфрасохторӣ чунинанд:

1. Хизматрасонии алоқа рушди тамоми соҳаҳои кишварро таъмин менамояд.

2. ХАМ метавонад воситаи қавии рушди иқтисодиёти кишвар бошад;

3. ХАМ воситаи рушди тиҷорати электронӣ

4. ХАМ ва БХАМ тӯли 20-соли охир боиси рушди тамоми соҳаҳои ҷамъиятӣ гардид.

5. Хизматрасонии алоқаи мобилӣ манбаи устувори рушди тиҷорат ва зиёдшавии шумораи ҷойҳои корӣ мебошад.

6. ХИК – мунтазам алоқаи байни шаҳру деҳотро густариш медиҳад ва имконият медиҳад, дар якҷоягӣ онҳо рушд намоянд;

7. Мусоидати тамоми объект ва зерсохторҳои соҳа барои воридшавӣ ба муҳити рақамӣ.

8. ХАМ мояи асосии ташаккули сохторҳои дигари иқтисодӣ мебошад, вале ХАМ айни замон ба ғайр аз мавқеи тағйирдиҳии низомро доштан протсеси гузаришро ба андозаи мусбӣ муқаррар менамояд. Дар кишварҳои калони саноатӣ баҳодиҳии воқеиро мувофиқи нишондиҳандаи рушди шабакаи алоқа ё худ,таносуби дастгоҳҳои телефонӣ ба 100 нафари аҳолӣ баҳо медиҳанд. Ин тарзи баҳодиҳӣ дар аксари кишварҳои ҷаҳон истифода гардида манофеи ширкатҳои азимро бо ин роҳ баҳо дода ҳимоят менамоянд. Солҳои охир зарурати тадричан муҷаҳҳазгардонии субъектҳои бозорҳои минтақавии хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ бо намудҳо ва технологияҳои муосири алоқа ба миён омад, ки имконияти зиёдро ҷиҳати тағйироти шароити бозор ба миён меорад.

Ба андешаи Н. Вектор ҳаҷми иттилооти истеҳсолкардаи ҷомеа бояд, қисми зиёди маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил диҳад. Раванди мазкур бо он тавсиф мешавад, ки боигарии зеҳнию ақлонии аҳолӣ (иштирокчиёни ҷомеа) натиҷаи истифодаи самараноки технологияҳои рақамӣ ва фаъолияти бонизоми шабакаҳои ҷаҳонии алоқаманд мебошад[75].

9. Мушоҳидаи дигари мо дар ҳамин замина доман густурда таъкид менамояд, ки ХАМ ва технологияҳои идоракунии фосилавӣ дар бахшҳои иҷтимоӣ низ истифода мегардад. Амалан татбиқ гардидани ХАМ ва технологияҳои рақамӣ хароҷотро кам намуда, имкониятҳо ва доираи хизматрасониҳои иловагиро низ васеъ мегардонад. Дигар ҷанбаи масоил мушкилоти логистикӣ, ҳамкории муассир

[75] Victor N. Pinchuk National Telecommunications Networks. // Making the connections with Eurasia: conference materials of the Trade and Development Agency, US Government. Brussels, 2001, p. 17

байни ширкатҳое, ки соҳаҳои гуногуни хизматрасониро намояндагӣ мекунанд, мебошанд. Ҳангоми пешниҳоди хизматрасонӣ ба муштариён аз хизматрасониҳои логистикӣ васеъ истифода бурда мешаванд.

Хусусияти маҷозӣ (виртуалӣ) гирифтани хизматрасониҳои иттилоотӣ ва алоқа, аз ҷумла шароит фароҳам меорад, то дар миқёси истифодабарандагони сершумор босуръат паҳн шаванд[76].

Бо поён омадани арзиши дастгоҳҳои техникӣ, хизматрасониҳои муосири иттилоотӣ ва алоқаи мобилӣ, дастраси доираи васеи истеъмолкунандагон мегарданд.

10. ТИК ва имкониятҳои барномавию техникии он боис мегардад,ки навъи нави ташкили меҳнат ва идоракунии раванди он рӯйи кор омада, дар баробари ҳамаи мушкилоти ҷойдошта, даромади корхонаҳо низ афзояд.

Аз ҳамин лиҳоз, макон ё худ доира ва фарогирии ин навъи хизматрасониҳо дигар шуда, ба замми ин шакли нави он имрӯз мавриди истифода қарор гирифта истодааст. Аз рӯйи имкният ХАМ ҷуз сарманшаи фарогирӣ набуда тамоми равандҳои иртиботию такрористеҳсолиро дар заминаи саҳмгириҳои дақиқ дигар намуд. Иқтидори рушди иқтисодӣ, ки шабакаҳои алоқаи мобилӣ доранд, бениҳоят баланд аст, зеро онҳо соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсонро фаро мегиранд ва тағйир медиҳанд. Хусусан, бахшҳои фароғат, тиҷорат, молия ва ВАО, маориф, тиб, таблиғот, хизматрасониҳои почта ва ғайра.

11. Таҳқиқотчиёне, ки бо омӯзиши хусусиятҳои ҷомеаи иттилоотӣ машғуланд, диққати худро ба кор бо истифода аз

[76] Пожидаев Р.Г. Влияние глобализации бизнеса на развитие компаний сферы услуг / Р.Г. Пожидаев // Вестник ВГУ. - С. 24l

технологияҳои алоқа равона мекунанд, ки он метавонад пурра дар хона ва дар ҷойи кор анҷом дода шавад. Дар Олмон дар охири асри XX тақрибан 5000 чунин ҷойҳои корӣ мавҷуд буданд. Гарчанде ки вазъи воқеии ин бахши бозори меҳнат таҳлили дақиқро тақозо менамуд, раванди мазкур босуръат идома намуд ва имрӯз шакли фосилавии фаъолиятро ба вуҷуд оварда. Таъсири рушди хизматрасониҳои алоқа бештар дар соҳаи ба истилоҳ корхонаҳои маҷозӣ зоҳир мегардад.

Ҳамин тариқ, хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ айни замон дигаргуниҳои инқилобиро аз сар мегузаронанд, ки бо ҷаҳонишавии равандҳои истеҳсолӣ ва иқтисодӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ алоқаманданд. Ин ба пайдоиш ва рушди технологияҳои нав: омезиши низомҳои компютерӣ ва алоқа, ҷорӣ намудани технологияи нурию нахии оптикӣ, таҳияи усулҳои рақамӣ ва дастгоҳҳои интиқол, нигоҳдорӣ ва коркарди иттилоот мувофиқат мекунад.

Мо чунин мепиндорем, ки АМ такягоҳи боэътимод ва омили бунёдию марказии иқтисодиёти кишвар маҳсуб ёфта, ба ташаккули ҳамаи соҳаҳои дигари иқтисодӣ кӯмак мерасонад.

Ба ғайр аз гуфтаҳои боло бояд, кайд кард, ки инкишофи алоқаи мобилӣ вақтро сарфа намуда, мушкилоти аҳолӣ, сохторҳои давлатӣ, умуман ҳамаи иштирокчиёнро осон мекунад. Барои бисёре аз фаъолиятҳо, метавон дар хона ҷойи кор дошт ва иртиботи расмӣ, додани супориш ва қабули онро тавассути каналҳои алоқаи мобилӣ иҷро кардан мумкин аст. Бо баровардани телефонҳои ҳамроҳ ба интернет монеаҳо дар роҳи табодули на танҳо садо, балки иттилооти визуалӣ низ аз байн рафтанд. Алоқаи мобилӣ ба бехатарии на танҳо, ҳаёти инсон, балки тамоми шакли фаъолияти ӯ мусоидат мекунад. Шахсе, ки дар вазъияти душвор қарор дорад, метавонад ба

хизматрасониҳои фаврии ширкати мобилӣ (call center) муроҷиат кунад ва мушкилии техникӣ, барномавии ба вуҷудомадаро ҳаллу фасл намояд. Таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки одамонро дар сурати ба вуҷуд омадани хатарҳо бо истифодаи телефонҳои мобилӣ аз харобаҳо наҷот додан мумкин аст. Таъсири рушди хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ бештар дар бахши ба истилоҳ корхонаҳои виртуалӣ зоҳир мегардад.

Эҷоди навъи муосири ХАМ дар заминаи ТИК – и муосир барои тамоми иштирокчиёни раванд, ки ҳатто дар минтақаҳои дурдаст қарор доранд ва барои онҳо мушилоти дастрасии маҳсулоти аввалиндараҷа мавҷуд аст заминаи боэътимод мебошад.


Насб намудани дастгоҳҳои нав дар минтақа барои таъмини алоқаи мобилӣ назар ба насби низоми телефонии муқаррарии симӣ арзонтар аст. Дар бахши алоқаи мобилӣ коршиносонро бахусус суръати рушди телефони мобилӣ ба ҳайрат меорад. Ширкатҳои алоқаи мобилӣ ба қувваи пешбарандаи бозор табдил ёфтаанд. Таҳлили коршиносӣ нишон медиҳад, ки шумораи муштариёни алоқаи мобилӣ дар давоми шаш сол пайиҳам ва амалан ду баробар афзудааст.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда, нақш ва аҳамияти хизматрасонии алоқаи мобилӣ дар иқтисодиёти миллии ҳам дар муҳити микроиқтисодӣ ва ҳам муҳити макроиқтисодӣ баррасӣ карда шуд. Ҳамин тариқ, ба таври мушаххас ошкор карда шудааст, ки нақши ТИК, ХАМ ва БХАМ дар такомули минбаъдаи иқтисодиёт калон мебошад.

Мавқеи ТИК, ХАМ ва БХАМ ва дигар унсурҳои зикргардида дар тақвият бахшидани ҳукумати электронӣ ва соҳибкории рақамӣ, инчунин хизматрасониҳои маишӣ ва

тиҷорати калон мебошад. Ин ҳодиса ё зуҳуроти иҷтимоӣ серистеъмол будани тамоми онҳоро нишон медиҳад[77]. Нишондиҳандаи мазкур истифодаи хизматрасониҳои алоқаи мобилиро ба интиқоли иттилоот, кам кардани масрафоти меҳнатӣ, фишори майнагӣ, равонӣ, хусусан иҷтимоӣ, ҷудокунӣ ва тақсимоти он бо истифодаи усулҳои махсуси иқтисодӣ – математикӣ, оптимизатсионӣ зиёд кардани фоидаи корхона возеҳ мебошад. Дар сатҳи давлатӣ вобаста ба истифодаи хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар сатҳи микроиқтисодиёт нақши хизматрасониҳои алоқа дар бунёди инфрасохтор, афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, афзоиши даромади буҷети давлатӣ, поин овардани шиддати сатҳи бекорӣ ва зиёд намудани ҷойҳои корӣ, инчунин баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ ва такмил додани усулҳои идоракуниро ба таври мӯъҷаз асоснок менамояд.


Мо дар чунин ақоид комилан мувофиқ мебошем ва дар идома мавқеи онро дар расмҳои алоҳида дида мебароем (расми 3).



Расми 3. Мавқеи хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар рушди иқтисодиёт ва иҷтимоёт (таҳияи муаллиф)

[77] Бороздина Н.А. Тенденции развития российского рынка услуг мобильной связи / Н.А. Бороздина // NovaInfo.Ru. 2015. Т. 1. № 39. С. 131-138.

Аз расми 3. маълум аст, ки чи гуна ба рушди иқтисодиёт ХАМ ва БХАМ таъсир мерасонанд. Ба ибораи дигар, таъсири иқтисодии ташаккули хизматрасонии алоқаи мобилӣ ниҳоят самаранок аст.



Расми 4. Мавқеи равандҳои таҳлилӣ ва баҳодиҳӣ дар рушди БХАМ (таҳияи муаллиф)

Боиси ёдовари аст, ки рушди ҳаматарафаи БХАМ ба равандҳои иттилоотӣ, таҳлилӣ ва баҳодиҳӣ, инчунин ташкили пойгоҳи иттилоотӣ вобастагии қавӣ дорад.

Рушди иқтисодиёт дар кишвар, инчунин аз рушди соҳибкорӣ дар ин бахш, таҳлили доимии талаботи иштирокчиёни бозори хизматрасониҳои алоқа ва ҳамзамон аз риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва маънавӣ низ вобаста аст.


Дар охир бояд тазаккур дод, ки БХАМ - яке аз бахшҳои зудрушдкунанда, муҳаррики иқтисодиёти кишвар ва омили рушди ҳамаи соҳаҳо мебошад. Бо ибораи дигар, тараққиёти ҳаматарафаи бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар ягон давра махдуд намешавад, балки дар назди он бештар муаммоҳои нави баҳсталаб меистанд, ки таҳқиқоти комиллан нави илмиро талаб ва тақозо менамояд.

Ҳамаи омилҳои таъсиррасон ба бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилиро дар маҷмӯъ ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1. Макроиқтисодӣ: иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, техникӣ – технологӣ;

2. Микроиқтисодӣ; ташкилӣ, иқтисодӣ.


Дар идома вобаста ба дараҷаи таъсиррасонӣ омилҳоро ба гунаи зерин пешниҳод менамоем (расми 5.).



Расми 5. - Омилҳои таркибии таъсиррасон ба рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ (таҳияи муаллиф)

Дар натиҷаи таҳлили васеи рушди соҳа омилҳои зерини ба рушди бозори хизматрасониҳои алоқа мутаассир ошкор карда шуд (расми 3.): шумораи корхонаҳои алоқа; дастрасии хоҷагиҳо ба хизматҳои интернетӣ аз тариқи компютери хонагӣ; дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии интернет; шумораи мукотибаи хаттии ирсолшуда; шумораи васоити чопии фиристодашуда; ҳаҷми иттилооти фиристодашуда; шумораи коркунони корхонаҳои алоқа; шумораи ташкилоти алоқа; хиссаи аҳолии синни қобили меҳнат.

Дар байни тамоюлҳои ҷаҳонии рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеи иттилоот ва дониш афзоиш меёбад. Иттиллоот яке аз ниёзҳои асосии инсон ва асоси ҳар як кишвар пазируфта шудааст.



Расми 6. Системаи бозори хизматрасониҳои иттилоотӣ дар рушди иттиллоот ва равандҳои иттилоотӣ (таҳияи муаллиф)

Системаи мазкур нишон медиҳад, ки бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ (БХАМ) чи гуна ба сифати омили поягӣ дар рушди иттилоот ва равандҳои иттилоотӣ, инчунин

интиқоли онҳо таъсир расонида, бо ёрии ТР амалан онро пурра мегардонад.

Имрӯз алоқаи мобилӣ иқтисодиёти навоваронаро ба вуҷуд овардааст, ки омили муҳимтарини баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ мебошад. Зимоми идоракунии иттилоотӣ - таҳлилӣ дар аксарияти кишварҳои ҷаҳон ба давлатҳо мансуб буда, имконият медиҳад, ки тараққиёти кишвар ва минтақаҳо ҳамчун унсури низомсоз истифода гардад. Ҳамаи ин ба он вогузор карда мешавад, ки ба навсозии соҳаҳои ҷамъиятӣ алоқаманд ва таъсиркунанда аст.

Ин ҳама бо туфайли рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва хизматрасониҳои алоқа имконпазир гардид.

Муайян намудани самтҳои танзими давлатии БХАМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омили баланд бардоштани сифат ва суръати гузариши кишвари мо ба марҳилаи нави рушд, марҳилаи ҷомеаи иттилоотӣ аст, ки таъсири он ба иқтисодиёти кишварамон ниҳоят муфид мебошад.

Вобаста ба ин, аҳамияти мавзуи интихобкардаи мо дар таҳқиқи вазифаҳои зерин: омӯзиши танзими давлатии равандҳои иттилоотӣ аз нуқтаи назари гуногун ва ошкорсозии дурнамои асосии рушди он ба ҳисоб меравад.

Барои муайян кардани танзими давлатии соҳаи алоқаи мобилӣ дар маҷмӯъ баррасӣ намудани паҳлӯҳои мухталифи иқтисодиёт лозим аст.

Дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ давлат наметавлонад бо роҳи ҳавасмандкунӣ ҳамаи мушкилиҳоро бартараф намояд. Танҳо нақши давлат дар ин замина чунин аён мегардад: тариқи қабули санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ. Зуҳурёбии механизми тавозунии танзими идоракунии давлатӣ, ки ба манфиати ду тараф субъекти соҳибкорӣ, бахши хусусӣ ва давлатӣ қарор дорад, як навъ ногузирӣ ва

носозгории иқтисодиро ба миён овардааст [78]. Низоми бозор, ки дар асоси қабули қарорҳо аз ҷониби истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон асос ёфтааст, на танҳо вазифаҳои танзимкунандаи давлатро нигоҳ медорад, балки онро мустақиман ҳал менамояд, зеро механизми бозорӣ наметавонад ҳамаи мушкилоти рушди иқтисодиро ҳал намояд. Давлат метавонад тавассути қабули қонунҳои зиддиинҳисорӣ фаъолияти пурсамари низоми бозорро таъмин намояд ва рақобат воситаи расидан ба ин ҳадаф мебошад. Ҳамин тариқ, қонунҳои зиддиинҳисорӣ барои ташвиқи рақобат истифода мешаванд.

Хулоса аз рӯйи боби якум

Ҳангоми ҷамъбасти таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии ХАМ ва бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ якчанд нуқтаҳои муҳимро ишора ва қайд менамоем:

Дар хулоса баъзе хусусиятҳои рушди бозори хизматрасонии алоқа, ки яке аз бахшҳои зудрушдкунанда, муҳаррики иқтисодиёти кишвар ва омили рушди ҳамаи соҳаҳо мебошад, дида мебароем. Бо ибораи дигар, тараққиёти ҳаматарафаи бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар ягон давра махдуд намешавад, балки дар назди он бештар муаммоҳои наву баҳсталаб меистанд, ки таҳқиқоти комиллан нави илмиро тақозо менамояд.

1. Таҳлили илмии комплексӣ ва таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии масъала нишон медиҳад, ки аксарияти кормандони институтҳои илмӣ оид ба мафҳумоти ХАМ ва БХАМ фикру ақоидҳои гуногун баён намудаанд. Бо дарназардошти таҳқиқоти анҷомдодашуда ҳоло ҳам баъзе

[78] Сборник научных трудов СевКавГТУ. Серия «Экономика». 2009, № 9, - С. 27 - 32

муаммоҳои нокушода боқӣ мондаанд, ки баррасии баъзе паҳлӯҳои он дар ин боби монография оварда шудааст.

2. Дар байни тамоюлҳои ҷаҳонии рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеи иттилоот ва дониш афзоиш меёбад. Иттилоот яке аз ниёзҳои асосии инсон ва асоси рушди ҳар як кишвар пазируфта шудааст. Имрӯз алоқаи мобилӣ иқтисодиёти навоваронаро ба вуҷуд овардааст, ки омили муҳимтарини баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ мебошад. Зимоми идоракунии иттилоотӣ - таҳлили дар аксарияти кишварҳои ҷаҳон ба давлатҳо мансуб буда, имконият медиҳад, ки тарақиёти кишвар ва минтақаҳо ҳамчун унсури низомсоз истифода гардад. Хусусан ХАМ дар чаҳорчӯбаи чунин хизматрасониҳои давлатӣ ва маишӣ: манзили дастрас, рушди кишоварзӣ, ҳифзи муҳити зист ва пешгирии офатҳои табиӣ, муборизаи муваффақиятомез ба муқобили ҳаракатҳои мамнӯъ татбиқ мегарданд.

3. Мавқеи ТИК, ХАМ ва БХАМ ва дигар унсурҳои зикргардида дар тақвият баъшидани ҳукумати электронӣ ва соҳибкории рақамӣ, инчунин хизматрасониҳои маишӣ ва тиҷорати калон мебошад. Ин ҳодиса ё зуҳуроти иҷтимоӣ серистеъмол будани тамоми онҳоро нишон медиҳад[79]. Нишондиҳандаи мазкур истифодаи хизматрасониҳои алоқаи мобилиро ба интиқоли иттилоот, кам кардани масрафоти меҳнатӣ, фишори майнагӣ, равонӣ, хусусан иҷтимоӣ, ҷудокунӣ ва тақсимоти он бо истифодаи усулҳои махсуси иқтисодӣ – математикӣ, оптимизатсионӣ зиёд кардани фоидаи корхона возеҳ мебошад. Дар сатҳи давлатӣ вобаста ба истифодаи хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар сатҳи

[79] Бороздина Н.А. Тенденции развития российского рынка услуг мобильной связи / Н.А. Бороздина // NovaInfo.Ru. 2015. Т. 1. № 39. С. 131-138.

микроиқтисодиёт нақши хизматрасониҳои алоқа дар бунёди инфрасохтор, афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, афзоиши даромади буҷети давлатӣ, поин овардани шиддати сатҳи бекорӣ ва зиёд намудани ҷойҳои корӣ, инчунин баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ ва такмил додани усулҳои идоракуниро ба таври мӯъҷаз асоснок менамояд.

Рушди иқтисодиёт дар кишвар инчунин аз рушди соҳибкорӣ дар ин бахш, таҳлили доимии талаботи иштирокчиёни бозори хизматрасониҳои алоқа ва ҳамзамон аз риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва маънавӣ низ вобаста аст.

БОБИ II. АРЗЁБИИ ВАЗЪИ КУНУНИИ РУШДИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ АЛОҚАИ МОБИЛӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНӢ

2.1. Таҳлил ва баррасии унсурҳои таркибии ҳолати муосири ташаккули бозор

Ҷузъи муҳимтарини суръат бахшидани рушди иқтисодӣ дар ҳама кишвар инфрасохтор аст[80]. Дар шароити рақамикунонӣ истифода накардан аз низоми иртиботӣ, хадамоти телефонӣ, радиоӣ ва телевизионӣ ё худ технологияҳои рақамӣ қобили қабул нест ва ҳатто берун аз дарку ақлият мебошад. Мушкилоти асосии замони мо ба он пайванд аст, ки ҳамаи онҳо берун аз таҳқиқоти ҷиддӣ монда имрӯзҳо низ ба ҳадди имкон ба омӯзиши он мароқ зоҳир намегардад. Дар замони Шӯравӣ ҳамаи ин масъалаҳо дар доираи нақшаҳои ояндадор ва бисёрсола мушаххас омӯхташуда доир ба баратараф намудани онҳо ҳамаи масъалаҳо мавриди омӯзиш ва таҳқиқот қарор гирифта, корхонаҳои нав ва инфрасохтори таркибии онҳо сохта, истифода мешуд[81]. Комплекси банақшагирии Шӯравӣ, ки ҳоло аксарияти муҳаққиқон ва пажӯҳишгарони илми

[80] Клюева Ю.С., Фомина Т.А. Оценка уровня конкуренции на рынке услуг сотовой связи в России / Ю.С. Клюева, Т.А. Фомина //В сборнике: Промышленное развитие России: проблемы, перспективы. Сборник статей по материалам XIII Международной научно-практической конференции преподавателей, ученых, специалистов, аспирантов, студентов. Нижегородский государственный педагогический университет имени Козьмы Минина, Кафедра экономики предприятия. 2015. С. 177-175.;

[81] Кайюмов С.Т., Миров Ф.Т., Каримова С.Ф. Анализ состояния рынка услуг мобильной связи и продажа мобильных телефонов / С.Т. Кайюмов, Ф.Т. Миров, С.Ф. Каримова //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2018. № 4. С. 73-76.

иқтисодиёт дар мисоли Тоҷикистон номувофиқ унвон намудаанд, боиси суст рушд кардани кишвари мо гардид, лекин Тоҷикистони азизи мо дар замони Шӯравӣ дастгоҳҳои пуриқтидори телевизионӣ, радиошунавонӣ ва телефонии мувофиқ ба он солҳоро дошт. Он низоми мухобиротии кӯҳна ва номукаммал буд. Яъне дар шароити соҳибистиқлолӣ дастгоҳҳои пуриқтидори телевизионӣ, радиошунавонӣ ва телефонӣ, низоми мухобиротӣ, хусусан бозори ХАМ ва низоми ХАМ аз он шароиту имкониятҳо баръакс бархӯрдор намуд. Дар кишварҳои дигар бошад онҳо низоми кӯҳанро такмил дода пойгоҳи пуриқтидори телевизионӣ, радиошунавонӣ ва телефонӣ, низоми мухобиротиро ба вуҷуд оварданд, яъне сохтанд. Аз ҳамин хотир сифати тамоми хизматрасониҳои марбут ба алоқа то замони мо бесифат ва ғайриқобили истифода мебошанд. Чунки дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ бошад, қисми зиёди соҳа пурра зарар дид ва дар баробари ин ба истифодабарандагон таъсири равонӣ гузошт.

Таҳлили натоиҷи пешрафта ва нодири кишварҳои иттиҳоди аврупоӣ, Россия, Чин, ШМА гувоҳӣ он аст, ки пойгоҳи пуриқтидори телевизионӣ, радиошунавонӣ ва телефонӣ, низоми мухобиротии пешсаф робита дошта бо ҳамаи соҳаҳои маишӣ, тиҷоратӣ, истеҳсолӣ, оддӣ гардонии равобити судманди давлат ва аъзоёни ҷомеаро таъмин менамояд [82];[83];[84];[85];[86].

---

[82] Демченко Е.В. Основные тенденции развития рынка услуг мобильной связи в Республике Беларусь / Е.В. Демченко // Менеджмент и маркетинг: опыт и проблемы. Сборник научных трудов. Под общей редакцией И.Л. Акулича. Минск, 2018. С. 91-95.

[83] Бурцева Т.А., Валова С.А. Статистический анализ развития рынка услуг мобильной связи Российской Федерации / Т.А. Бурцева, С.А. Валова // Экономическая безопасность: современные вызовы и поиск эффективных решений. материалы всероссийской научно-практической конференции. Москва, 2020. С. 1028-1034

Дар марҳилаи аввали соҳибистиқлолӣ ин имкониятҳо ба таври қобили дарку мулоҳиза омӯхта шуд ва дар ин росто якчанд қадамҳои устувор гузошта шуданд. Дар марҳилаи аввал дар назди тамои низоми ҳокимият дастрасӣ ба хизматрасонӣ ва воситаҳои таъминкунандаи он ва баъдан сифати хизмарасонии ХАМ меистод, ки ин мушкилот ба таври нозукбинона ҳал гардид. Мушкилоти аҳолии кишвар дар ин марҳила дастрасӣ ба технологияҳои пешниҳодкунанда ва дастраскунандаи алоқаи мобилӣ буд. Хушбахтона, ин мушкилот ҳаллу фасли худашро ёфт ва то як андоза дар ин самт мувафаққият ба даст омад.

Ҳоло бошад вазъ ва таъсири соҳаи алоқа ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт дида баромада мешавад. Дар ҷадвали 2.1. сохтори субъектҳои иқтисодӣ, аз он ҷумла соҳаи алоқа оварда мешавад.

Ҷадвали 2.1. Саҳми соҳаи алоқа ва дигар соҳаҳо дар ташаккули маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ*

[84] Демченко Е.В. Позиционирование услуг на рынке мобильной связи Республики Беларусь / Е.В. Демченко // В сборнике: Менеджмент и маркетинг: опыт и проблемы. сборник научных трудов. под общей редакцией доктора экономических наук, профессора И.Л. Акулича; Белорусский государственный экономический университет; Университет Ганновера; Высшая школа Миттвайда; Институт экономики НАН Беларуси; Балтийская международная академия; Балтийский институт психологии и менеджмента. Минск, 2019. С. 61-65.

[85] Дуброва Т.А., Дитковский К.А. Статистический анализ рынка услуг мобильной связи в россии и зарубежных странах / Т.А. Дуброва, К.А. Дитковский // Вестник университета. 2013. № 17. С. 59-67

[86] Кузовков Т.А., Братанов О.В. Анализ влияния конвергенции на перспективы объединенного бизнеса операторов фиксированной и подвижной связи / Т.А. Кузовков, О.В. Братанов //T-Comm: Телекоммуникации и транспорт. 2012. Т. 6. № 12. С. 40-42.

Нишондиҳан-дахо	Солҳо								Тағйирот соли 2023/2016 (+;-)	Фарқият соли 2023/2016 (мар.)
	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023		
Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, млн. сомонӣ	54790,3	64434,3	71059,2	79109,8	83958,3	101076,3	118181,7	130791,5	76001,20	2,39
Кишоварзӣ, шикор ва ғ.	11427,6	13069,4	14049,8	16507,9	19050,5	23883,4	28466,4	31769,7	20342,10	2,78
Саноат, якҷоя бо энергетика	9266,9	9359,569	9453,165	9547,696	9643,173	9739,605	9837,0011	9935,37	668,47	1,07
Сохтмон	7756,093	7833,654	7911,99	7991,11	8071,021	8151,732	9163,90	10313,20	2557,11	1,33
Савдо ва дигар хизматрасониҳо	6111	6172,11	6233,831	6296,169	6359,131	6422,722	6551,18	6682,20	571,20	1,09
Нақлиёт, алоқа, хоҷагии анбор	4875,2	4923,952	4973,192	5022,923	5073,153	5123,884	5226,36	5330,89	455,69	1,09
Фаъолияти молиявӣ	1857	1875,57	1894,326	1913,269	1932,402	1951,726	1990,76	2030,58	173,58	1,09
Мақомоти идоракунӣ, таъминоти иҷтимоӣ	1708,6	1725,686	1742,943	1760,372	1777,976	1795,756	1831,67	1868,30	159,70	1,09
Маориф	2871,3	2900,013	2929,013	2958,303	2987,886	3017,765	4528,00	7595,40	4724,10	2,65
Тандурустӣ ва пешниҳоди хизматҳои	1292,1	1305,021	1318,071	1331,252	1344,564	2072,3	2146,10	3008,40	1716,30	2,33

иҷтимоӣ										
Пешниҳоди хизматрасониҳои коммуналӣ, иҷтимоӣ ва инфиродӣ - шахсӣ	1644,1	1660,541	1677,146	1693,918	1710,857	945,3	1142,20	2776,10	1132,00	1,69
Андоз аз маҳсулот	5755,1	5812,651	5870,778	5929,485	5988,78	9882,8	10958,00	13443,00	7687,90	2,34
Кӯмаки молиявӣ барома маҳсулот	95	95,95	96,9095	97,8786	98,85738	184,3	270,60	286,90	191,90	3,02
Иттилоот ва алоқа	1013,2	1533,8	1366,8	1421,1	1492,9	1192,1	1215,94	1240,26	227,06	1,22
Даромад аз фаъолияти асосии корхонаҳои алоқа	211,6	248,3	263,1	267,7	179,3	167,2	196,70	187,30	-24,30	0,89
Саҳми соҳаи алоқа дар ташаккули ММД*100	0,39	0,39	0,37	0,34	0,21	0,17	0,17	0,14	0,00	0,37
Ҳиссаи сохтори иттилоот ва алоқа дар ММД*100	2,52	2,38	1,92	1,80	1,78	1,18	1,05	0,95	0,30	0,51

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: АОНПҶТ, 2022. – С. 217.; Тоҷикистон: 30 – соли истиқлолияти давлтӣ (маҷмӯаи оморӣ). – Душанбе: АОНПҶТ, 2021. – С. 344 - 345.; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: АОНПҶТ, 2023. – С. 218 - 219; С. 303; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: АОНПҶТ, 2023. – С. 218 - 219; 303; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: АОНПҶТ, 2024. – С. 11 - 12; 215; 218 – 2019; 308 ва коркардҳои муаллифи монография.

Баррасии нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.1. шаҳодат медиҳад, ки афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, млн. сомонӣ, тағйирот соли 2023/2016, 76001,20 ва фарқият нисбати солҳои таҳлили 2,39 маротиба мебошад. Дар рафти таҳлил муқаррар гардид, ки дар қатори дигар соҳаҳо, соҳаи алоқа низ дар ташаккули маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Танҳо дар ҳамин давра дар якҷоягӣ афзоиши соҳаи нақлиёт, алоқа, хоҷагии анбор млн. сомонӣ, тағйирот соли 2023/2016, 455,69 ва фарқият нисбати солҳои таҳлили 1,09 маротиба мебошад. Афзоиши бахши иттилоот ва алоқа, млн. сомонӣ, тағйирот соли 2023/2016, 227,6 ва фарқият нисбати солҳои таҳлили 1,22 маротиба мебошад. Даромад аз фаъолияти асосии корхонаҳои алоқа бошад, тағйирот соли 2023/2016, - 24,30 ва фарқият нисбати солҳои таҳлили 0,89 маротиба мебошад. Саҳми соҳаи алоқа дар ташаккули маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 0,14 млн. сомонӣ ва ҳиссаи бахши иттилоот ва алоқа дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар соли 2023, 0,95 млн. сомониро ташкил медиҳад. Фарқияти соҳаи алоқа нисбати соли таҳлилшаванда 0,37 фоиз ва бахши иттилоот ва алоқа 0,51 фоизро ташкил медиҳад.

Чунин ба назар мерасад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пойгоҳи пуриқтидори телевизионӣ, радиошунавонӣ ва телефонӣ, низоми мухобиротии пешсаф ва робита дошта бо ҳамаи соҳаҳои маишӣ, тиҷоратӣ, истеҳсолӣ, воситаи оддигардонии равобити судманди давлат ва аъзҳоёни ҷомеа бо суръати хуб рушд намуда истодааст

Чунин мушоҳида мешавад, ки раванди пешниҳоди хизматрасонӣ хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, мазмуни навро дорост. Ҳама ба тағйири шакли анъанавии хизматрасониҳои алоқаи мабилӣ алоқаманд буда, аз ҳисоби ҳиссаи хизматрасониҳои технологияи рақамӣ ва сердаромад тадриҷан меафзояд.

Шурӯъ аз соли 1995 дар заминаи шахсӣ гардонидани моликияти давлатӣ саҳҳомигардонии объектҳои алоқаманд ба ХАМ низ ба ин раванд мувофиқ гардони шуданд.

Яъне дар чаҳорчӯбаи санадҳои расмӣ Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хусусигардонӣ, дар ихтиёри ширкатҳои саҳҳомӣ гузоштани объектҳое, ки хизматрасониҳои алоқаро пешниҳод менамуданд, шурӯъ намуд. Дар навбати аввал корхонаҳои алоқаи барқӣ шакли фаъолияташонро дигар намуда, ба намуди саҳҳомӣ гузаштанд.

Ҳоло бошад дар бозори хизматрасониҳои алоқа ширкатҳои ҷадид ба фаъолият шурӯъ намуданд. Дар ҷадвали 2.2. ширкатҳои пешниҳодкунандаи алоқаи мобилӣ пешниҳод карда мешавад.

Ҷадвали 2.2. - Шумораи истифодабарандагон вобаста ба ширкатҳои пешниҳодкунандаи алоқаи мобилӣ, ҳаз. нафар, солҳои 2016 – 2023

№	Ширкат-ҳо	Солҳо						Фарқият 2023-2016 (+; -)	Тағйирот 2023/2016 (мар.)
		2016	2018	2020	2021	2022	2023		
1.	ҶСП «ТТ Mobil»	1404366	1813300	1287010	1319690	1457668	1333123	-71243	95%
2.	ҶДММ «Tcell»	3091928	2778925	2632593	2706995	1275466	1351705	-1740223	44%
3.	ҶДММ «Вавилон мобайл»	2184051	1010658	1168923	1152425	970186	989543	-1194508	45%

4.	ҶДММ «Таком»	1990747	1246930	981049	1045986	407023	394046	**-1596701**	**20%**
5.	Дигар ширкатҳо	10000	1634670	2551	162416	2836998	3850261	**3840261**	**384,03**
Ҳамагӣ:		8681092	6852513	6072126	6387539	6500759	7918678	**-762414**	**-0,09**

Сарчашма: аз тарафи муаллиф дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти ҶТ: Омори солонаи ҶТ. - Душанбе: АОНПҶТ, 2015. - С. 313; Тоҷикистон 25-соли истиқлолияти давлатӣ: маҷмӯи омори Агентии омори назди Президенти ҶТ. – Душанбе: АОНПҶТ, 2016. – С. 353; Агентии омори назди Президенти ҶТ: Омори солонаи ҶТ. - Душанбе: АОНПҶТ, 2017. - С. 330; Омори солонаи ҶТ. - Душанбе: АОНПҶТ, 2018. - С. 333; Омори солонаи ҶТ. - Душанбе: АОНПҶТ, 2019. - С. 325 Омори солонаи ҶТ. - Душанбе: АОНПҶТ, 2020. - С. 341; Тоҷикистон: 30 – соли истиқлолияти давлтӣ (маҷмӯаи оморӣ). – Душанбе: АОНПҶТ, 2021. – С. 344 – 345; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: АОНПҶТ, 2022. – С. 306; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: АОНПҶТ, 2023. – С. 304; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: АОНПҶТ, 2024. – С. 506 таҳия шудааст.

Аз таҳлили васеи раванди мазкур (ҷадвали 2.2.) мушоҳида намудан мумкин аст, ки шумораи истеъмолкунандагони ХАМ, ки аз ҷониби субъектҳои ХА ба пешниҳоди хизматрасонӣ машғуланд, дар муддати солҳои 2016 – 2023 ба гунаи зерин тағйир ёфтааст: ҶСП «ТТ Mobil» 0,95 мар., ҶДММ «Tcell» 0,44 мар., ҶДММ «Вавилон мобайл» 0,45, ҶСК «Таком» 0,20 ва дигар ширкатҳо 384,03 маротиба.

Истифодаи технологияҳои рақамӣ дар хоҷагии халқи мамлакат, низоми идоракунӣ [87];[88];[89];[90];[91];[92] хусусан соҳоти

[87] Евсеева С.А. Анализ телекоммуникационной отрасли России /Евсеева С.А.//В сборнике: Актуальные проблемы науки и образования в условиях современных

муҳими иҷтимоӣ ва ислоҳотталаби иқтисодиёти миллӣ босуръати баланд идома доранд. Таҳлили ин протсесро пурра ба инобат гирифта баъзе хусусиятҳои рушди он дар заминаи равобити мутамарказро асоснок ба раванди таҳқиқот мешуморем.

Акнун якчанд мушкилотеро номбар менамоем, ки ба рушди бозори технологияҳои иттилоотӣ монеа эҷод мекунанд. Дар ин радиф мушкилот метавон: қабул нагардидани консепсияи минтақавии рушди хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, қонунгузорӣ, афзоиши содирот, мушкилоти институтсионалӣ ва ғайраро номбар менамем, ки баъд аз таҳлиилу синтези БХАМ рӯйи кор омада бартараф намудани онҳо дар шароити имрӯза хело муҳим мебошад.

Саривақт такмил наёфтани ҷанбаҳои ҳуқуқии масоили муҳокимашаванда, ки ба ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, истифодаи амалӣ ва фардии ҳуҷҷатҳои расмӣ, ба рушди ҳам талабот ва ҳам пешниҳоди технологияҳои иттилоотӣ халал мерасонад. Ҳамаи он усулу воситаҳои тақвиятбахшандаи раванди мазкур, ки ба ҷанбаи ҳуқуқӣ такя

вызовов (шифр -МКАП 3). Сборник материалов iii Международной научно-практической конференции. Махачкала, 2021. С. 90-96.

[88] Синица С.А. Тенденции развития рынка телекоммуникационных услуг в России в региональном разрезе / С.А.Синица //Вестник экономики, права и социологии. 2018. № 3. С. 55-60.

[89] Жетписбаева А.Т., Каргулова А.Н., Нурпейсова Д.А.Внедрение м2м рынка в Казахстане / А.Т.Жетписбаева, А.Н. Каргулова, Д.А. Нурпейсова //Вестник Казахской академии транспорта и коммуникаций им. М. Тынышпаева. 2017. № 3 (102). С. 66-70.

[90] Третьим будешь? Стратегии операторов при взаимодействии с поставщиками услуг, век качества. 2011. № 4. с. 48-52.

[91] Нечаева М.Л. Анализ рынка услуг как основной аспект социально-экономического развития регионов / М.Л. Нечаева // Экономика и управление: проблемы, решения. 2018. Т. 4. № 2. С. 61-64.

[92] Мобильная связь в Китае: тенденции, перспективы развития. Век качества. 2008. № 1. С. 33-35.

менамоянд бояд тамоми санадҳои меъёрии ҷаҳонӣ ва миллиро ба инобат гиранд. Мутассифона, набудани ҳамаи он дастгоҳҳову воситаҳо ва ТР боис гардидааст, ки дар ҳамаи соҳаҳо мушкилоти андозтаъминнамоӣ ва андозсупорӣ ҳамчун масъалаи баҳсталаб боқӣ бимонад.

Чунин мушоҳида мешавад, ки ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва соҳаи алоқаи мобилӣ бо сабаби набудани тақозои тахассусӣ ба маҳсулот ва хизматрасониҳои IT маҳдуд шуда истодааст. Ҳамаи ин омилҳоро мо ба гунаи зерин гурӯҳбандӣ менамоем:

- рушди нокифояи донишҳои техникӣ ва электронӣ;
- татбиқ нагардидани ТР дар тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ;
- иҷро нагардидани фармоишоти давлатӣ тариқи ТИК;
- ба таври бояду шояд амали намудани лоиҳаҳои ниҳоят калони технологияҳои рақамӣ;
- тақсимоти нодурасти заминаи меъёрии идоракуни рақамӣ;

Дар ин марҳила масъалаи рушди ноустувори соҳибкорӣ пеш омадааст, ки фазои сармоягузориро бояд дар давраи дарозмуддат ба ҳаракати технологӣ (автоматикунонии равандҳои технологии тамоми соҳаҳо) ворид намояд. Дигар мушкилот афзоиши раванди истеҳлоки хатҳои технологии корхонаҳо, ки сифати маҳсулоти аввалиндараҷаро ба маротиб коҳиш медиҳад ва ин ҳолат ба тамоми навъи фаъолият таъсир расонида, муомилоти ношаффофи корӣ ва хатарзоро ба вуҷуд меорад.

Рафъи ҳолати мазкурро дарк намуда Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баррасии масоили такмил ва тағйиру мувофиқгардонии заминаи ҳуқуқӣ камари ҳиммат баст. Соли

2002 бо шарофати ин ислоҳот Қонун «Дар бораи алоқаи барқӣ» ва «Дар бораи алоқа» - ро қабул намуд.

Ин зиддиятҳои дар низоми хадамоти алоқа бударо пурра бартараф намуд.


Аз моҳи майи соли 2002 сиёсати соҳаи алоқаи мобилӣ заминаи ҳуқуқии азнавсозии куллии институтсионалӣ ва сохтории соҳаро бо роҳи баратарафсозии ҳадафҳо, такмилу васеъ гардонидани умури давлатӣ дар бахши зикргардида ва зина ба зина маҳдуд намудани назорати тарофавӣ иқдом гузошта буд.

Чораҳои қатъӣ оид ба муайян намудани сиёсати танзими давлатӣ аз байн бурдани маҳдудиятҳои қаблан сунъӣ эҷодгардида, таъмини муҳити рақобатнок ва хусусигардонии операторони мобилӣ дар бозори хизматрасонии алоқаи мобилӣ анҷом дода шуданд. Ҳамаи ин амалҳо дар кишвар дар асоси лоиҳаи муштараки «... Бонки аврупоии тақдид ва рушд» амалӣ карда шудаанд.

Ин боиси ба кор андохтани мубодилаи нави рақамӣ ва ифтитоҳи марказҳои нави тамос, инчунин афзоиши шумораи муштариёни операторони мобилӣ мусоида намуд.

Дар амал ҷорӣ гардонии лоиҳаҳо шароит фароҳам оварданд, ки кишвари мо ба торномаи ҷаҳонии иттилоотӣ даст ёбад.

Натиҷаи чунин корҳои мақсаднок буд, ки дар як мӯҳлати кӯтоҳ шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ бо суръати баланд, афзоиш ёфт. Дар расми 7. шумораи истифодабарандагони хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ пешниҳод карда мешавад.



Расми 7. - Шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ дар солҳои 2016 -2023 (ҳаз. нафар)

Аз таҳлили расми 7. бармеояд, ки миқдори истеъмол-кунандагони ХАМ, вобаста ба солҳои таҳлилшаванда гуногун буда, дар соли 2022, 7327522- нафарро ташкил медиҳад, ки нисбати шумораи умумии аҳолӣ 73,3 фоиз мебошад. Таҳлили ҳолати мазкур нисбати соли 2023 – 2016 бармеояд, ки шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ дар солҳои таҳлилшаванда гуногун буда, дар соли 2023, 7918678-нафарро ташкил медиҳад, ки нисбати шумораи умумии аҳолӣ 79,2 фоиз мебошад.

Дар идома таҳлили муқоисавии миқдори истеъмол-кунандагони ХАМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ сурат мегирад. Дар ҷадвали 2.3. миқдори истеъмол-кунандагони ХАМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ пешниҳод мегардад.

Ҷадвали 2.3.- Шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ, соли 2023*

№ р/т	Кишварҳо	Шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ, млн. Нафар	Шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ
1.	Россия	130	89%
2.	Украина	39	88%
3.	Белоруссия	8	80%
4.	Молдавия	3	75%
5.	Казоқистон	13,9	71,5%
6.	Гурҷистон	3	69%
7.	Арманистон	2	66%
8.	Озарбойҷон	7	66%
9.	Қирғизистон	4	65%
10.	Туркманистон	4	64%
11.	Тоҷикистон	8	83%
12.	Ӯзбекистон	21,2	63,1%
Ҳамагӣ дар ИДМ:		***238***	***81%***

***Сарчашма:** Мобильная экономика Россия и СНГ [Текст]. – Москва. 2023. С. 13.

Таҳлили ҷадвали дар боло овардашуда нишон медиҳад, ки ҳиссаи фарогирии алоқаи мобилии кишвари мо дар миқёси давлатҳои ИДМ 66 фоиз ё наздики 6 млн. нафар истифодабарандагонро ташкил медиҳад. Нишондоди мазкур гувоҳи он аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миқёси кишварҳо мавқеи чорумро ишғол намуда, аз кишвари Ӯзбекистон ва Қирғизистон як зина боло қарор дорад.

Ҷадвали 2.4. Шумораи истифодабарандагони шабакаи Интернет вобаста ба субъектҳои пешниҳодкунандаи хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2016-2023*

№	Ширкатхо	Солҳо								Фарқият 2023-2016 (+; -)	Тағйирот 2023/2016 (мар.)
		2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023		
1.	ҶСП «TT Mobil»	487218	664592	742869	892133	870892	893006	1011086	1333123	845905	2,74
2.	ҶДММ «Tcell»	870405	961621	1090285	1164811	1187018	1193612	1275466	1351705	481300	1,55
3.	ҶДММ «Интерком»	44	52	611	653	656	622	786	996	952	22,64
4.	ҶДММ «Вавилон-Т»	12923	10560	8497	8076	13109	21703	29507	30231	17308	2,34
5.	ҶДММ «Вавилон мобайл»	535927	568787	704448	755840	821907	840381	970186	989543	453616	1,85
6.	ҶДММ «Истэра»	301	260	254	278	237	237	261	0	-301	0,00
7.	ҶДММ «Таком»	416999	296030	381144	374343	426751	430968	407023	394046	-22953	0,94
8.	ҶСП «Телеком-технолоҷӣ»	4105	4105	4176	4145	4021	4292	4938	5790	1685	1,41
9.	ҶДММ «Сатурн-онлайн»	5462	1839	3384	3377	-	50	40	0	-5462	0,00
10.	ҶДММ «Тоҷиктелеком»	5483	6567	11611	15206	20761	25365	27772	36737	31254	6,70

***Сарчашма:** аз тарафи муаллиф дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти ҶТ: Омори солонаи ҶТ. - Душанбе: АОНПҶТ, 2015. - С. 313; Тоҷикистон 25-соли истиқлолияти давлатӣ: маҷмӯи омори Агентии омори назди Президенти ҶТ. – Душанбе: АОНПҶТ, 2016. – С. 353; Агентии омори назди Президенти ҶТ: Омори солонаи ҶТ. - Душанбе: АОНПҶТ, 2017. - С. 330;

Дар ҷадвали 2.4. шумораи провайдерҳои интернетро вобаста ба субъектҳои пешниҳодкунандаи хизматрасонӣ пешниҳод карда шудааст (ҷадвали 2.4).

Мавриди таъкиди хос аст, ки айни ҳол дар ҷумҳурӣ 99 фоизи дастгоҳҳои рақамӣ дар истифода қарор доранд. Бояд гуфт, ки шурӯъ аз соли 1999 - ум инфрасохтори алоқаи «Тоҷиктелеком» дар ҳолати на он қадар хуб қарор дошт, қариб ҳамаи АТС-ҳои телефонӣ аналогӣ буда, хатҳои магистралӣ кӯҳна буданд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ аз лиҳози провайдерони хизматрасониҳои интернетӣ низ ниҳоят пешрафта аст. Тамоюли рушди мазкур метавонад пурра кишвари моро аз бартарафсозии мушкилоти суст будани суръати интернет берун барорад.

Илова бар ин, дар ин давра провайдерҳои хизматрасонии тиҷоратии интернет низ лоиҳаҳои бузурги инфрасохториро амалӣ карданд. Татбиқи ин лоиҳаҳо ба афзоиши истифодабарандагони интернет дар кишвар аз рӯи технологияҳои муосиртарини дастрасии фарохмавҷ мусоидат намуд. Дар айни замон «... ҶСК Тоҷиктелеком» ҳамаи минтақаҳои кишварро бо шабака васл намуда истодааст. Ҳамин тариқ ширкати зикргардида дар ҷумҳурӣ зиёда аз 74 бахш ва намояндагиро доро буда, бузургтарин оператори миллии мухобиротӣ ва соҳиби рақобат дар бозори алоқаи симӣ мебошад. Шумораи истифодабарандагони он қариб 15278- нафарро ташкил медиҳад.

Ҳарчанд ҳудуди 10 ширкат иҷозатномаи пешниҳоди хизматрасониҳои телефонии маҳаллиро доранд, саҳми ширкатҳои дигар дар бозори алоқаи симӣ ночиз аст. Ин ҳолат бештар ба амалишавии барномаҳо ва тағйири зернизомҳо,

технологияҳои пешрафта мавҷуданд, ки барои пешниҳоди хизматҳои маҷмӯӣ, аз ҷумла садо, ки аз ҷониби операторони алоқаи тиҷоратӣ тарҳрезӣ, ҷорӣ мегарданд, имкон медиҳанд.

Инчунин, дар бозор баъзе операторҳо бо истифода аз технологияҳои мобилии CDMA хизматрасониҳои алоқаи собитро пешниҳод мекунанд, ки ба алоқаи собит дохил кардани онҳо нодуруст мебошанд.

Дар идома таҳлил дар доираи вазъи **техникӣ ва инфрасохтории нишондиҳандаҳои бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ** сурат мегирад.

Дар баробари рушди технологияҳои алоқаи симии овозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон технологияҳои алоқаи бесими овозӣ мунтазам афзоиш меёбанд.

То миёнаи соли 2010 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 оператори мобилӣ амал мекарданд (ҷадвали 2.5.).

Ҷадвали 2.5. Нишондиҳандаҳои техникӣ, иқтисодии бозори хизматарсониҳои алоқаи мобилӣ*

Ширкат	Технологияи пайвастшавии алоқа	Саҳмия
Вавилон-М	GSM, 3G, 3.5G	(ҶСП «Вавилон-Мобайл»)
Tcell	GSM, 3G, 3.5G ЗАО	«Индиго Тоҷикистон ва ҶСП «Индиго Сомонком»
Beeline	GSM, 3G, 3.5G	ҶДММ «ТАКОМ» - 80% ҶСК «Вымпелком», Россия
МЛТ	GSM, 3G, 3.5G	TT-Mobile – «Мегафон», Россия, бастаи назоратии саҳм, ва Ҳукумати ҶТ
ТКмобайл	CDMA	ҶСП «ТК мобайл» -

		ZTE Corporation, Хитой
SkyTel	CDMA	СОАО «Телеком Инк»
M.Teко	CDMA	
T-Mobile	CDMA	СМС – ҶСК «Точиктелеком»
Телеком Технолоджи Ltd	CDMA	

Сарчашма: Дар асоси омӯзиши вазъи татбиқи ТИК дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фонди ҷамъиятии «Интернет»-и Тоҷикистон, Душанбе 2010. - С. 9; Омори солонаи ҶТ. - Душанбе: АОНПҶТ, 2023. - С. 506 таҳия карда шудааст.

Дар бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз рӯи шумораи муштариён ва минтақаи фарогирии шабака, инчунин базаи техникӣ 4 ширкат ҳиссаи бештари бозорро ишғол менамоянд.: Babilon-M; Tcell; Z-mobile; Megafon. Ширкатҳои зикргардида аҳолӣ ва субъектҳои иқтисодиро ба технологияи GSM,3G-UMTS/3,HSDPA/4G-LTE -ро таъмин мекунанд. Ду ширкати аввал дорои шумораи истифодабарандагони хело зиёд мебошад. Айни замон шумораи истифодабарандагони ширкати якум 870892- нафар ва дуюм 1187018- нафар буда, ба ин васила ба беш аз нисфи шумораи умумии корбарони алоқаи мобилӣ дар Тоҷикистон хизмат мерасонанд.

Ширкатҳои зикргардида наздики 99 дарсади ХАБ - ро ба муштариён дастрас намуда истодааст. Таҳлили техникию барномавии он нишон медиҳад, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ АМ – и 3G-UMTS/3,5G-HSDPA/4G-LTE пайваст мебошанд. Баъзе ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ), вилояти Суғд (Кӯҳистони Мастчоҳ) ва ноҳияи Сангвор истисно мебошанд. Дар ҷойи истиқомат беш аз 90% сокинони Тоҷикистон имкони истифода аз алоқаи мобилиро доранд. Фарогирии алоқаи шабакаи мобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

соли 2020, 90%, стандарти 3G, 90% ва стандарти 4G, 80% мебошад[93].

Зимнан, бояд ёдовар шуд, ки 93 дарсади қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистонро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, инчунин, деҳаҳои хурди баландкӯҳ мавҷуданд, ки бо сабабҳои иктисодӣ ҳанӯз ба шабакаҳои алоқа фаро гирифта нашудаанд.

Маълумоти дақиқтар дар бораи шумораи муштариёни ин стандарт аз сабаби он ки худи ширкатҳо чунин маълумотро пешниҳод намекунанд, дастрас нест.

Ҷадвали 2.6. -Ҳолати техникии ширкатҳои алоқаи мобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2023*

Ширкат	**Технологияи пешниҳоди хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ**	**Саҳмия**
Tcell	GSM, 900/1800, 3G, 4G,5G	AKFED
ТТ – Мобайл (Мегафон)	GSM 900/1800, UMTS, LTE, 5G	ТТ-Mobile – «Мегафон», 75% – ҳисса ПАО «МегаФон», 25% – ҳисаи ҶСК «Точиктелеком».
«Вавилон-Мобайл»	GSM 900/1800, 3G-UMTS/3,5G-HSDPA/4G-LTE.	(ҶСП «Вавилон-Мобайл»)
Таком	GSM 900/1800, UMTS, LTE, 5G	ООО «ТАКОМ» - 80% ҶСК «Вымпелком», Россия
Телеком Технолоджи Ltd	CDMA	

Сарчашма: таҳияи муаллифи монография дар асоси маълумоти оморӣ.

[93] https://www.itu.int/en/ITU-D/Statistics

Ширкатҳое, ки аз рӯи стандарти мазкур фаъолият мекунанд, дар солҳои 2004-2006 ба кори худ шурӯъ намуда, дар солҳои аввали фаъолият шумораи зиёди муштариёнро ба даст овардаанд. Ин ҳам аз сабаби сифати алоқа ва ҳам нархи пасти хизматрасонӣ дар муқоиса бо операторони GSM гардид. Аммо, оҳиста - оҳиста ширкатҳо мавқеи худро аз даст доданд. Ба гуфтаи коршиносон, вазъи молии ин ширкатҳо ноустувор аст.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми ироаи паёмашон «... Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» қайд намуданд, ки танҳо дар 10-соли охир барои истифодаи алоқаи мобилӣ аз ҷониби аҳолии мамлакат 30 миллиард сомонӣ хароҷот шудааст»[94].

Дар раванди таҳлил кӯшиш намудем, ки ба ҳолати ташкили ширкатҳои мобилӣ диққат диҳем.

Якумин оператори мобилии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ширкати мобилии Ҷамъияти саҳҳомии пӯшида «Индиго Сомонком» (JV Somoncom) Корхонаи муштараки Тоҷикистону Амрико 1-уми марти соли 1998 таъсис ёфтааст. Соли 2001 ширкат хизматрасонии алоқаи мобилиро бо стандарти GSM 900/1800-ро пешниҳод намуд.

Ҷамъияти саҳҳомии пӯшидаи «ТТ мобайл» (тамғаи молӣ «МЛТ»), ки 3 юми сентябри соли 2001 бо стандарти GSM 900/1800 МГц ба фаъолият шурӯъ кардааст. Баъдан июли соли 2011 онро бо тамғаи молии «Мегафон» иваз намуда, то ҳол фаъолият дорад.

Ҷамъияти саҳҳомии пӯшидаи «Вавилон-Мобайл» -

[94] Паёми Асосгузори сулҳу, Ваҳдати миллӣ, президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ [23.12.2022, ш. Душанбе].

оператори алоқаи мобилии Тоҷикистон хизматрасонии алоқаи мобилиро бо стандарти GSM 900/1800, 3G-UMTS/3,5G-HSDPA/4G-LTE 1-уми январи соли 2003 оғоз намуд ва айни ҳол бо стандартҳои GSM 900/1800, 3G-UMTS/3,5G-HSDPA/4G-LTE фаъолият менамояд.

Ҷамъияти саҳҳомии пӯшидаи «Индиго Тоҷикистон» 10 ноябри соли 2001 иҷозатнома оид ба пешниҳоди алоқаи мобилӣ бо стандарти GSM-900 ва аз 2 июли соли 2002 фаъолияташро дар ҷануби Тоҷикистон таҳти тамғаи «Индиго» оғоз намуд.

Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Таком», тамғаи молӣ «ZET-MOBILE» (Beeline, Tacom, Tajik-tel, Билайн, Таком, Tajik-tel) дорои иҷозатномаи пешниҳоди алоқаи мобилӣ бо стандарти GSM 900/1800, UMTS, LTE, 5G хизматрасониҳои телематикӣ ва хизматрасониҳо оид ба интиқоли маълумот (додаҳо), инчунин хизматрасониҳои алоқаи байналмиллалӣ ва байнишаҳрӣ дар ҳудуди Тоҷикистон мебошад.

«О Mobile» дар бозори Тоҷикистон фаъолияташро моҳи октябри соли 2020 оғоз намуд, ки дорои иҷозатномаи пешниҳоди алоқаи мобилӣ бо стандарти GSM 900/1800 мебошад.

«ТК Мобайл» ширкати Чин буда, фаъолияташро бо стандарти CDMA2000 1 X соли 2004 дар Тоҷикистон оғоз намуда ва моҳи апрели соли 2018 қатъ кард.

Дар ҷумҳурӣ соли 2006, 402828 - муштарии Интернет ба қайд гирифта шуда соли 2016, 2377477 ташкил дод, ки он дар ин давра 1974649 - ҳазор нафар истифодабаранда зиёд шуд. Ҳоли ҳозир бошад ин миқдор ба 7918678- нафар расидааст. Аз ин миқдор 1798485 (2023) ба ширкати «ҶСП ТТ Мобайл», 2664651, (2023) ба ширкати «ҶДММ Tcell», 967888, (2023), «ҶДММ Таком», 1880975, (2023) ба ширкати «ҶДММ

Вавилон Мобайл» ва боқимонда дигар ширкатҳо рост меояд. Даромади ширкатони хусусии мобилӣ дар ҶТ дар соли 2023, 179,3 - миллион доллярро ташкил дод.

Сабаби асосии нобаробар тақсим шудани шумораи истифодабарандагони хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ҷой доштани рақобати шадид, таблиғи маҳсулоту хизматрасонӣ аз ҷониби ширкатҳои алоқа мебошад. Афзоиши шумори истифодабарандагони телефонҳои мобилӣ дар Тоҷикистон бо суръати баланд идома дорад, яъне афзоиши бештар аз 70 баробарро ташкил дод. Шумораи истифодабарандагони телефони мобилӣ нисбат ба соли 2010, 16 маротиба зиёдтар аст.

Рақобати мавҷуда операторонро вазифадор мекунад, ки майдони фарогирии алоқаи мобилӣ, шумораи пойгоҳҳои техникӣ, хати радиорелеии алоқа ва системаҳои радиотелефонии алоқа (бесим), ки минтақаҳои дурдасттарини ҷумҳурӣ ба он ниёз доранд, зиёд намоянд. Хамаи намудҳои алоқаи почта, ки берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ фиристода мешаванд ва аз хориҷ гирифта мешаванд, мувофиқи талаботи байналмилалӣ қабул ва коркард мешаванд. Бо мақсади тезонидан ва муносибгардонии ҳаракати почта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи марти соли 2000 нақшаи интиқоли мактубҳо тавассути почта тағййир дода шуданд. Ҳамаи мактубҳо ба ҷумҳурӣ ва берун аз он ба воситаи тайёра фиристода ва қабул карда мешаванд.

Маълумоти дар боло овардашуда гувоҳи онанд, ки ХА ба намуди рақамӣ ворид гардида на танҳо алоқаи мобилиро фароҳам меорад, балки пайвастшавӣ ба интренетро таъмин менамояд. Ин ҳолат ба таъсиси пойгоҳи нави иттилоотӣ, коркарди лоиҳаҳо кӯмак мерасонад. Дар даҳ соли оянда бояд ақалан дар кишвари мо як то оператори миллии алоқаи

мобилӣ фаъол гардад. Иҷрои уҳдадориҳои мушаххас, ки вазифаи дорои аҳамияти умумимиллиро дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ иҷро мекунад, равона карда шавад.

Ҳамин тариқ, таҳлили маҷмӯии ҳолати рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ нишон медиҳад, ки сатҳи пешниҳоди хизматрасониҳои алоқа, фарогирии доираи истифодабарандагон нисбати солҳои пешин дорои рушди устувор мебошад. Таҳлили вазъи техникӣ, иқтисодии ширкатҳо, инчунин такмили инфрасохтори соҳа дар ҳолати навсозӣ қарор дорад.

Барои пурра гардидани таҳқиқот дар идома ба омӯзиши ҷузъҳои таркибии бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва баҳодиҳии унсурҳои таркибии он диққат дода мешавад, ки яке аз вазифаҳои муҳими таҳқиқоти мазкур ба ҳисоб меравад.

2.2. Арзёбии омилҳои таъсиррасон ва коркарди низоми нишондиҳандаҳои рушди бозор

Баҳодиҳии воқеӣ ба технологияҳои пуриқтидори рақамӣ ва ХАМ ва БХАМ, хусусан аз рӯи натиҷаҳои истифодаи фановариҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ки дар асоси маълумоти оморӣ дар соли ҷорӣ амал мекунанд. Чунин ба назар мерасад, ки айни замон дар мамлакат аҳолие, ки датрасӣ ба компютер доранд 83% буда, 37 фоизи дигар дастрасии доимӣ ба интернетро доранд.

Ин ҳолат дар қиёс бо коркунони мақомоти давлатӣ бошад 73%, буда шумораи компютерҳои истифодашудаистода ба ҳисоби фоиз 69% - ро ташкил медиҳад. Тамоюли мазкур гувоҳи он аст, ки ба ҳар нафар корманди дуюм як компютер рост меояд. Дар дастгоҳи марказӣ шумораи кормандон 83-нафарро ташкил медиҳад. Компютерҳои ҳама тамға 92% фоизро ташкил медиҳад. Таҳлили умуми ҷараёни фавқуззикр ба он менигарад, ки ба масъалаи компютеркунонии мақомоти

марказӣ ва вилоятҳои ҷумҳурӣ диққати махсус дода мешавад. Инчунин, ҳар як корманд аз телефони мобилӣ ва дигар хизматрасониҳои он ҳангоми коргузорӣ ба таври васеъ метавонад истифода менамояд. Арзёбии муқоисавӣ нисбат ба шумораи аҳолӣ бошад (параграфи 2.1.). шаҳодат медиҳад, ки агар наздики 73 фоизи кормандони мақомоти давлатӣ аз алоқаи мобилӣ истифода намоянд, пас ин нишондиҳанда дар миқёси аҳолӣ фарогири 66% мебошад. Дар ин ҳолат мушоҳида мешавад, ки мақомоти давлатӣ нисбати аҳолӣ дар истифодаи фановариҳои ҷадид пешсаф мебошанд. Сабаби асосии ба таври васеъ истифода нагардидани алоқаи мобилӣ дар ҳудудҳои мураккаби ҷуғрофӣ ҷойгиршавии аҳолӣ буда 73% - аҳолӣ дар деҳоти мамлакат умр ба сар мебаранд. Дар сатҳи мақомоти давлатӣ бошад ин масъала мушоҳида мешавад, яъне аксарияти марказҳои маъмурии ҷамоатҳо дар минтақаҳои кӯҳӣ ҷойгиранд. Дигар ҷанбаи масоил сатҳи омодагии электронии синнусолии аҳолӣ дар самти истифодаи фановариҳои нави рақамӣ унвон намудан ба воқеият наздик мебошад.


Аз ҳамин хотир, мо дар доираи таҳқиқоти илмӣ ва натиҷаи баҳои коршиносӣ яқинан чунин мушоҳида намудем, ки бо мақсади татбиқи ХАМ аз ҳарду тараф ҳам пешниҳодкунанда ва ҳам арзакунанда як қатор мушкилоти баҳсталабу мураккаб мушоҳида мешавад:

- дастрас набудани хизматрасонии сифатнок ба қисми зиёдӣ аҳолӣ, ки истифодабарандаи асосӣ ё истеъмолкунандаи хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ба шумор мераванд;
- ҷой надоштани меъёри мушаххаси нархгузорӣ ба хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ;
- зиёд ситонидани арзиши хизматрасонии пешниҳодшуда аз ҷониби ширкатҳои фароҳамоварандаи хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ;
- аз рушди воқеи дур мондани ХАМ ва ғ.

Мушкилоти ҷойдошта ба баррасии омилҳои ҷузъии бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва арзёбии омилҳои

ба он алоқаманд вобаста мебошанд.

Мувофиқи нишондодҳои расмӣ шумораи истифодабарандагони воситаҳои технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар тамоми ҷаҳон 56% ва Ҷумҳурии Тоҷикистон 21% мебошад. Маълумоти мазкур ҳаминро собит менамояд, ки наздики 21 фоизи истифодабарандагони воситаҳои технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ онро ба мақсади ноил шудан ба аҳдофи шахсӣ, корӣ истифода менамоянд. Аз рӯи баъзе ҳисобҳо (аз рӯи ҳисобҳои кортҳои интернетии фурӯхташуда, дастгоҳҳои фаъоли алоқаи барқӣ, хизматрасонии интернет-кафе ва замимаҳои мобилии фаъолияткунанда) 1333123 - нафар аз ин навъи хизматрасониҳо ба таври васеъ барои баратараф намудани эҳтиёҷот истифода менамоянд.



Расми 8. - Арзёбии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, соли 2023 (таҳияи муаллиф дар асосӣ баҳодиҳии коршиносӣ ва kinoema.ru)

Раванди мазкур ба мавқеъгирии оилаҳое, ки ба шабакаи Интернет васл шудаанд (дар охири соли 2023) ба ҳисоби фоиз

аз шумораи умумии хонаводаҳо 9 фоиз рабт мегирад. Ҳамин тариқ, дар намуддори навбатӣ (расми 8) баҳодиҳии амалии татбиқи ТР дар бахшҳои ИМ ироа карда мешавад.

Яке аз иқтдомҳои асосии Ҳукумати мамлакат бо мақсади оммавикунонии фаъолияти идоравӣ ташкили сомононаҳои мақомоти марказӣ ва маҳалии идоракунии давлатӣ, инчунин созмон додани платформаҳои ҳукуматӣ, ва шахсӣ маъмуланд.

Ба ҳамин монанд дар кишвар «Барномаи рушди дарозмуддати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тариқи Ҳукумати кишвар сомонаи расмии ҳамаи мақомоти марказӣ ва минтақавӣ ба фаъолият оғоз кард. Бояд қайд намуд, ки дар заминаи ин барнома на танҳо сомонаҳои мақомоти марказӣ, балки марказҳои минтақавии он низ созмон дода шуданд.

Айни замон, дар доираи Лоиҳаи ЮНИСЕФ «... Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», Барномаи DEVINFO-ро амалӣ карда истодааст, ки яке аз вазифахои асосиаш ин ташкили пойгоҳи маълумот оид ба вазъи иктисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ дар давоми чанд сол (амалисозии лоиҳа дар охири соли 2006 оғоз ёфт) мебошад.

Дар доираи Лоиҳаи TAC IS (Statistics -9, Eurostat) бо иштироки мушовири байналмилалӣ барои мутахассисони Маркази ҳисоббарории Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба коркарди маълумоти оморӣ ва ҷорӣ намудани ТИК дар низоми омор тренинг моҳи апрели 2007 ташкил карда шуд.

Шаҷараи ин барномаҳо муттасил рафъи ҳаводиси табии буда, дар ин миён барномаи ҳадафманд миёни ду кумитаи марказӣ «... Кумитаи давлатии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», инчунин якчанд вазорату идораҳо барои

мубодилаи иттилоот тавассути интернет созишнома ба имзо расид.

Принсипҳои мушаххаси танзими алоқаи мобилӣ дар санадҳои қонунгузории дар боло зикргардида мутобиқат, ошкорбаёнӣ, дастрасӣ, самти иҷтимоӣ, инчунин кофӣ будани дастгирии ҳуқуқии танзими алоқаи мобилӣ муайян карда шудаанд:

Чорабиниҳои асосии сиёсати давлатӣ мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар ба таъмини манфиатҳои иҷтимоии шаҳрвандон нигаронида шуда, риояи устувори қонун, баробарии ҳуқуқии ҳамаи иштирокчиёни фаъолияти алоқа, сарфи назар аз мавқеи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва вазъи иқтисодиро муайян мекунад.

Тавре ки омӯзиш ва таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳолати ташкилию идоракунӣ бозори хизматрасониҳои алоқа дар Тоҷикистон нишон медиҳад, муҳити алоқа бояд барои интиқоли иттилоот, аз ҷумла садо ва тасвир, воситаи дастрасӣ ва пардохтҳои ғайринақдии маҳсулоту хизматрасонӣ, хизмат намояд. Он бояд ба таври мушаххас на ин ки бояду шояд ба ташкили тамоми намуди фиъолияти иқтисодӣ, ки онро низоми қонунгузорӣ маҳдуд накардааст дар заминаи интернет мусоидат кунад, инчунин идоракунии самарабахши ҷараёни ахборотро дар доираи минтақаҳо, ҷумҳурӣ ва байнидавлатӣ таъмин намояд. Рушди шабакаҳои мавҷуда ва таъсиси шабакаҳои нави алоқа бояд имконияти фаъолияти онҳоро дар доираи фазои ягонаи иттилоотӣ таъмин намояд.

Ҳамин гуна мо ба шарҳи якчанд унсурҳое мепардозем, ки мояи рушди иқтисодиёти кишвар, бахусус бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ мебошад:

- инфрасохтори шабакавии ва ҳам ҷузъи таркибии низоми байналмилалии алоқа ба шумор рафта айни замон

мувофиқи ангезиши ҷаҳонии он тараққӣ меёбад, яъне ҷаҳонишавии алоқаи миллӣ.

- зина ба зина ворид намоии технологияҳои пуриқтидори рақамӣ ва инкишофи он дар асоси механизми истифодаи самараноки зихираҳои мавҷудбуда;

– кафолати бехатарии амалиёт ва чоранадешиҳои ташкилӣ, техникӣ ва ҳуқуқӣ, ки барои шохаи васеи истифодабарандагон ва корхонаҳо дастрас бошад.

Дар шароити имрӯза масоили дастрасӣ ба хизматрасониҳои алоқаи мобилии сифатнок воситаи муҳими раванди рақамикунонии иқтисодиёт мебошад. Ба андешаи мо мизони табодул ва мубодилаи хизматрасониҳо бояд дар чаҳорчӯбаи усулҳои маъмули илмии иқтисодӣ дар сурати зарурат таҳия ва татбиқи системаи нав ва ҷавобгӯй ба талаботи БҶХАМ имконпазир мебошад. Ҳамаи инҳо имконият доданд, ки то дар раванди амалишавӣ коршиносон ва муҳаққиқон дар коркарди низоми махсуси пешниҳоди хизматрасонии алоқаи мобилӣ бо мушкилоти гуногун рӯ ба рӯ нашаванд. Аксарияти мутахассисон ва коршиносони соҳа ба он назаранд, ки коркарди низоми боэътимод ва зудмувофиқшаванда ба фаъолитяи объекти иқтисодӣ робитаҳои ҳамаи иштирокчиёнро тезонида, шакли нави муомилоти хзиматрасонӣ ва маҳсулотро ба роҳ мемонад. Таҳлили ҳамин низомҳо ба мо имконият фароҳам овард, ки фаъолияти БХАМ ва дигар субъектҳои иқтисодиро ба таври комил ва фарогир баҳо диҳем.

Аз таҳлили васеи адабиёти илмӣ бармеояд, ки гарчанде имрӯз методҳои маъмули пешниҳоди хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ амал намояд ҳам ҳангоми иҷрои хизматрасонӣ пурра татбиқ намешаванд. Аз таҷрибаи пешоҳанги ҷаҳонӣ, кишварҳои

истеҳсолкунандаи маҳсулот ва хизматрасонӣ, ширкатҳои байналмилалии алоқаи мобилӣ мушоҳида мешавад, ки имрӯзҳо ҳангоми пешниҳоди хизматрасонӣ аз тамоми имкониятҳо бо мақсади манфиатовар будани хизматрасонӣ барои ҳарду ҷониб, ҳам ҷониби пешниҳодкунандаи хизматрасонӣ ва ҳам истеъмолкунандаи он усулҳои махсус истифода бурда мешавад.

Аз сабаби он, ки ҳолати ҷории пешниҳоди хизматрасониҳои зикргардида пуртуғён аст мо ба қадри имкон системаи нишондодҳои соҳавиро дар чаҳорчӯбаи муайян таҳия намудем, ки рушди ХАМ ва БХАМ ояндадор меҳисобем.

Ҳолати кунунии таснифоти мушаххаси хизматарсониҳои алоқаи мобилӣ, инчунин муқоисаи онҳо бо дигар навъи хизматрасониҳо шароит фароҳам меорад, ки усулҳои илмӣ ҷиҳати коркарди иттилооти оморӣ ҳамаҷониба татбиқ гардад ва ба нигоҳдорӣ, истифодаи такрории он кӯмак расонад. Аз дигар нуқтаи назар татбиқи самараноки усулҳо имконият медиҳад, ки онҳоро барои на танҳо мушоҳидаҳо ва баҳодиҳиҳо, инчунин барҳам задани хафҳои такроршавандаи дар БХАМ зуд – зуд ба вуҷуд меомада ба кор барем.

Баррасии масоили болозикр на танҳо бо роҳи андешидани чорабиниҳои танзими давлатӣ имконпазир аст, балки коркарди низоми нишондиҳандаҳо, истифодаи методҳо ва дастгоҳҳои махсус, умуман таъмини рушди устувори бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ зарур ва саривақтӣ мебошад.


Ҳамин гуна дар монография ҳамаи он мушкилоту монеаҳо, ки садди роҳи рушди БХАМ дар давраи дарозмуддат мегардад ба таври кофӣ таҳқиқ намудем.. Ҳамин нуқтаро бояд ҳатман ба инобат гирифт, ки таҳлили иттилооти ибтидоии омории марбути соҳаи алоқаи мобилӣ нишон медиҳад, ки

фаъолияти молиявӣ, иқтисодии ширкатҳо ва корхонаҳои пешниҳодкунандаи хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ба таври мушаххас инъикос карда намешавад. Пешниҳоди иттилоотии марбути соҳа, ки дар шакли иттилооти омории солона ироа карда мешавад бояд, ба таври васеъ саҳми соҳа ва ширкатҳои соҳаи алоқаро инъикос намояд. Бинобар ин ҳиссаи ширкатҳоро дар таъмини равандҳои ҷудогонаи иқтисодиёти миллӣ ба таври мушаххас баҳодиҳӣ намудан имконнопазир боқӣ мемонад. Новобаста аз мушкилоти зикргардида аз ҷониби мо дар баробари коркарди низоми нишондаҳинадаҳо ва таснифи навъҳои он омилҳои мутаассир ба рушди минбаъдаи он ошкор гардида бо истифодаи усулҳои амсилисозии иқтисодӣ – математикӣ арзёбии воқеии фаъолияти имрӯза ва ояндаи он ба таври мушаххас мавриди баррасии муҳокимаронҳои дақиқ қарор дода шудааст.

Мақсади умумии коркарди системаи нишондиҳандаҳои бозори хизматрасонии алоқаи мобилӣ (расми 9.) аз ошкорсозии омилҳои таркибии бозор, инчунин ба таври эътимоднок ба роҳ мондани низоми пешниҳоди хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва танзими фаъолияти он барои давраи дарозмуддат мебошад. Ҳангоми баррасию муҳокимаронҳо ошкор гардид, ки инфрасохтори соҳа дар кишвари мо дар ҳолати такмилдиҳии босуръат қарор дорад. Ин тамоюл василаи асосии рушди соҳаи хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонӣ мебошад. Такмили раванд низ бидуни коркарди низоми нишондҳандаҳои бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ғайриимкон мебошад.

Такимили минбаъдаи бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ аз таҳияи низоми нишондиҳандаҳое, ки аз рӯйи хусусиятҳояшон ба се гурӯҳ тасниф карда мешаванд, алоқаманд мебошанд. Низоми нишондиҳандаҳои мазкур аз се унсур иборат

буда, бо татбиқи самараноки технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти ширкатҳои пешниҳодкунандаи хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ амалӣ карда мешаванд. Нишондиҳандаҳои асосии инфрасохтори телекоммуникатсионии хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар сатҳи истифодабарандагони гуногун гурӯҳбандӣ кардашуда дар навбаи худ боиси рушди дигар соҳаҳои иқтисодиёт мегарданд



Расми 9. – Низоми нишондиҳандаҳои бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонӣ (таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти илмӣ)

Дигар ҷанбаи масъала таҳқиқи омилҳои ба рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ мутассир таъсиррасон бо истифода аз усулҳои амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ ҷанбаи амалӣ дошта, имконият медиҳад, ки арзёбии дуруст гузаронида шавад. Амсилаи иқтисодӣ-математикӣ бо истифодаи формулаҳо, муодилаҳои математикӣ ва инчунин бо назардошти омилҳои таъсиркунандаи дохилию берунӣ оид ба фаъолияти объект тарҳрезӣ карда мешавад. Аз нигоҳи математикӣ амсилаи иқтисодӣ-математикӣ имконият медиҳад, ки омилҳои алоқаманд ва таъсиррасон ба фаъолияти объектҳо муайян гардида, барои рушди минбаъдаи он тавсияи дақиқ ва илман асоснок пешбинӣ карда шавад. Дар зинаи аввали тарҳрезии амсилаи иқтисодӣ-математикӣ таҳқиқи назариявӣ оид ба раванди объекти омӯхташаванда дар шаклҳои гуногун ба роҳ монда мешавад. Дар монографияи иҷрошудаистода методҳои маъмули амсиласозии иқтисодӣ – математикии раванди таҳияи иттилооте, ки истифодаи самараноки хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилиро дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ба роҳ мемонад, пешниҳод карда шудааст. Аз ҳамин хотир, ошкорсозии алоқамандии миқдори корбарони ХАМ «… ва таъсири омилҳои: миқдори аҳолӣ, ҳаз. нафар, даромади пулии аҳолӣ, ҳамагӣ, млн. сомонӣ, донишҳои электронии аҳолӣ, бо %, соҳаи хизматрасонӣ, млн. сомонӣ, фоида аз амалиёти асосии корхонаҳои алоқа, мутаносибан бо нархҳои амалии мувофиқ ба солҳо, млн. сомонӣ» (ҷадвали 2.7). анҷом дода мешавад.


Шароити зудтағйирёбанда ва босуръати бениҳоят баланд рушдкунандаи хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ гувоҳӣ медиҳад, ки таҳияи низоми нишондиҳандаҳои мушаххас бо ба инобат гирифтани маълумоти зарурӣ ниҳоят мушкил

мебошад. Новобаста аз ин бо дарназардошти унсурҳои таркибӣ кушиш намудем низоми нишондиҳандаҳои бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ тартиб дода шавад.

Ба андешаи муаллифи монография, алоқа ва телекоммуникатсия яке аз соҳаҳои асосӣ дар сохтори рушди иқтисодиёти муосири мамлакат мебошад, ки муваффақияти назаррас дар рушди он, ва таҳлили онҳо бо соҳоти дигар, ба андозаи зиёд, бо истифодаи пойгоҳҳои бузургу ғании захираҳои иттилоотӣ алоқаманд мушаххас дошта метавонад. Дар баробари ин, дар заминаи сустшавии суръати рушди умумии иқтисодӣ, телекоммуникатсия тамоюли мусбати умумии нишондиҳандаҳоро дар самти рушди саноат нишон медиҳад, ки айни замон кишвари мо дар масири такмил ва рушди босуръати он қарор дорад. Аз ҳамин хотир, бояд мавриди андеша ва муҳокима гирифт, ки омили инқилобии рушди соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи алоқа ва телекоммуникатсия буда метавонад. Дар сурати ба даст овардани даромади соҳа ва азнавтақсимкунии он дар миқёси дигар соҳаҳои иқтисодиёт, хусусан саноат имконият ба миён меояд, ки он ҳамчун пойгоҳи эътимоднок ва ояндадори иқтисодиёти миллӣ рушд намояд.

Аз расм аён аст, ки бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити кунунӣ бо дигар соҳоти иқтисодиёти миллӣ таъсири мусбӣ расонида, тавозуни рушди онро ҳам аз лиҳози ташкилӣ ва ҳам аз лиҳози алоқаманднамоӣ ба роҳ мемонад.

Ҳангоми таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ асоснок намудем, ки бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити кунунӣ бо дигар соҳоти иқтисодиёти миллӣ таъсири мусбӣ расонида, дар ду зина микро ва макроиқтисодиёт ба таврии васеъ нақши он бармало мегардад.



Расми 10. Бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва ҳамгироии он бо дигар соҳоти иқтисодиёт миллӣ (таҳияи муаллиф)

Тибқи таҳлилҳои созмонҳои иқтисодӣ, молиявии байналмилалӣ, агар фарогирии аҳолӣ бо интернети фарохмавҷ 10% афзоиш ёбад, рушди иқтисоди кишвар боз 1,4% афзоиш хоҳад ёфт. Бадоҳатан кишвари мо дар ростои татбиқи технологияҳои гуногуни пуриқтидор қарор дошта, дар раванди идоракунии давлатӣ, хизматрасонӣ ва дигар соҳаҳо имкониятҳои васеъ дорад. Дар сурати мавҷуд набудани роҳҳои баҳрӣ иқтисоди рақамӣ барои рушди соҳаҳои хоҷагиҳои гуногуни дар иқтисодиёти миллӣ амалкунанда замина фароҳам меорад. Ба вуҷуд овардани ихтисосҳои замонавӣ дар самти барномасозӣ, таҳия, коркарди механизми самаранок барои аҳолии дар минтақаҳои дурдаст истиқоматкунанда, татбиқи барномаҳои электронӣ ва дигар васоиту такмилдиҳии афзории дохили идоравӣ ва

умумимиллӣ мебошад. Аз тарафи дигар, истифодаи усулҳои амсиласозии иқтисодӣ – математикӣ дар ин бахши иқтисодиёти миллӣ боиси истифодаи оқилонаи захираҳо гардида, иқтисодиёти кишвари мо дар заминаи имкониятҳои он пеш меравад.


Ҷадвали 2.7. - Нишондиҳандаҳои бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ барои таҳияи амсилаи иқтисодӣ – математикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2011-2023[95].*

N	Солҳо										
	2011	**2013**	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**
Y_i	6,94	6,2	6,53	7,54	8	8,49	9	6,29	6,85	65	79
S_{hii}	6433	8864	13084	14635	16242	22519	23475	25148	29473	38000	4379375
Sha	7251	7621	7987	8161	8352	8551	8743	8931	9127	10000	10304
So	9	12	16	18	19	33	27	28	32	35	38,6
D_a	1321	1762,9	25569,8	31373	37247,5	41083,9	47986,3	65347	80508,8	95124,7	120715
S_{kh}	7744,3	11127,1	15737,7	18289,2	18988	19972	20359,3	25049,7	26111,4	26189,7	34046,6
D_{aka}	108,3	103,5	123,4	126	113,5	126	211,6	248,3	263,1	265,2	187,3
S_{ia}	0,5	0,56	0,6	0,61	0,68	0,72	0,75	0,79	0,85	0,89	0,96

[95] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе: АОНПҶТ, 2012. - С.315; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе: АОНПҶТ, 2014. - С.314; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе: АОНПҶТ, 2016. - С. 335; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе: АОНПҶТ, 2018. - С. 331; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе: АОНПҶТ, 2019. - С. 325; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе: АОНПҶТ, 2020. - С. 341; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе: АОНПҶТ, 2023. - С. 126; 303; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе: АОНПҶТ, 2024. - С. 308.

дар ин ҷо: N – ишораи нишондиҳандаҳои мантиқӣ; Y_i - шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ (ҳаз. нафар), S_{hii} - шумораи истифодабарандагони интернет (ҳаз. нафар), Sha - шумораи аҳолӣ (ҳаз. нафар), So - сатҳи омодагии электронии шаҳрвандон (бо %), D_a - даромади аҳолӣ, ҳамагӣ (млн. сомонӣ), S_{kh} - соҳаи хизматрасонӣ (млн. сомонӣ), D_{aka} - даромад аз фаъолияти асосии корхонаҳои алоқа (мувофиқан бо нархҳои амалии солҳо, млн. сомонӣ), S_{ia} - сабади истеъмолии аҳолӣ аз ҳисоби истифодаи хизматрасониҳои ТИК.

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф




Расми 11. – Даромади аҳолӣ дар давоми солҳои 2011-2023, млн. сомонӣ

Натиҷаҳои ҳосилшуда имконият медиҳанд, ки аҳамияти илмӣ ва амалии таҳлили анҷомдодашуда дақиқ баҳодиҳӣ карда шаванд. Дар идомаи таҳқиқот роҷеъ ба мушкилоти ҷойдошта тавсияҳои дақиқ оид ба рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ироа карда шаванд. Таҳқиқоти мазкур бо дарназардошти даромади аҳолӣ, ки омили муҳими истифодаи васеи хизматрасониҳои электронӣ мебошад, гузаронида шудааст (расми 11.).

Бояд қайд намуд, ки омили даромади аҳолӣ дар рушди сохтори бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ хело калон мебошад. Аз ҳамин хотир, дар тақсимбандии минбаъдаи он бояд ба хароҷот ҷиҳати дастрасӣ ба хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ унсури нав ворид карда шавад. Барои ҳамин дар давраи таҳлилӣ муайян карда шудааст, ки яке аз омилҳои мутаассир ба рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ин даромади аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Мувофиқи таҳлили анҷомдодашуда сохтори даромади аҳолӣ дар тамоми давраҳои таҳлил ба андозаи 91,4 маротиба (2023/2010) тағйир ёфтааст. Дар таносуб ба шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ бошад дар ҳамин давра тағйирот 65,59 маротиба мебошад. Дар сурати афзоиш ёфтани даромади аҳолӣ талабот ба истифодаи хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ боло меравад. Аз дигар нуқтаи назар, таъсири ин раванд боиси зиёдшавии даромади корхонаҳои дар соҳа амалкунанда, хусусан корхонаҳои соҳаи алоқа мегардад. Дар сурати таҳлили даромади аҳолӣ ва таносуби афзоиши даромад аз фаъолияти асосии корхонаҳои алоқа дарк менамоем, ки сол аз сол даромади ин шакли корхонаҳо зиёд шуда истодааст. Дар идома динамикаи афзоиши даромад аз фаъолияти асосии корхонаҳои алоқа пешниҳод карда мешавад (расми 12).

Аз муқоиса ва баҳодиҳии нишондиҳандаҳои омории дар боло зикршуда (расми 12.) мушоҳида мешавад, ки афзоиши ҳаматарафаи он дар муддати тӯлонии таҳлилӣ мушоҳида мешавад. Даромади аслии он нисбати соли 2010 дар ноҳияи 2,40 маротиба дигар шуда 265,2 млн. сомонӣ буд.




Расми 12. – Динамикаи афзоиши даромад аз фаъолияти асосии корхонаҳои алоқа (бо нархҳои амалии мувофиқи солҳо), солҳои 2011 – 2023, млн. сомонӣ

Дар ҳама ҳолат бояд даромади аҳолӣ ҳамчун асоси рушди БХАМ қадр карда шавад. Дар сурати ба маротиб афзоиш ёфтани даромади аҳолӣ миқдори истифодабарандагони БХАМ зиёд шуда, талаб карда мешавад, ки маҳз бо туфайли он дигар маҷрои хизматрасонӣ ба ин уқёнуси пуртуғён илова карда мешавад.

Хулоса, ҳиссаи аҳолии қобили истифодаи ХАМ хеле зиёд буда, наздики 79 фоиз аз ҳиссаи умумии аҳолиро ташкил медиҳад. Ин тавозун дар соли 2008, 8% буд. Бо гузаштаи солҳои тӯлонӣ маҷрои татбиқи БХАМ зиёд гардида, ҳамрадифи рушди даромади аҳолӣ мебошад. Тағйироти ба вуқӯъ омада хело назаррас мебошад.

Дигар омил сабади истеъмолии аҳолӣ аз ҳисоби истифодаи хизматрасониҳои ТИК, ки ҷузъи асосиаш хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ аст, мебошад. Дар расми 13 сабади истеъмолии аҳолӣ аз ҳисоби истифодаи


хизматрасониҳои ТИК дар доираи солҳои интихобшуда 2008 – 2023 оварда мешавад.



***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Расми 13. – Сабади истеъмолии аҳолӣ аз ҳисоби истифодаи хизматрасониҳои ТИК, солҳои 2008 – 2023

Аз расми 13 бармеояд, ки сабади истеъмолии аҳолӣ аз ҳисоби истифодаи хизматрасониҳои ТИК дар соли 2023, 0,96 воҳид мебошад. Тамоюли афзоиши сабади истеъмолии аҳолӣ аз ҳисоби истифодаи хизматрасониҳои ТИК дар ҳамаи марҳилаҳои муқоисакунӣ якранг набуда дар соли 2023 нисбати соли 2008 тағйирот бо 0,39 нишондиҳанда баробараст.



***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Расми 14. – Шумораи истифодабарандагони хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, солҳои 2008 – 2023

Дар марҳилаи таҳқиқи қисмати амалӣ ба масъалаи басо муҳим моделсозии иқтисодӣ-математикии таҳлили нишондиҳандаҳои омории БХАМ диққат дода, аз нигоҳи амалӣ баъзе мушкилоти вуҷуддоштаро муҳокима намуда, ба расмиёти рушди он идома диҳем. Маълумоти зарурии таҳлилгардида дар ҷадвали 2.8. оварда шудааст.

Ҷадвали 2.8. - Матритсаи зарибии коррелятсионӣ*

	Y_i	S_{hii}	Sha	So	D_a	S_{kh}	D_{aka}	S_{ia}
Y_i	1,0000							
S_{hii}	0,7609	1,0000						

S_{ha}	0,8035	0,5910	1,0000					
S_{o}	0,6414	0,4813	0,9420	1,0000				
D_{a}	0,7693	0,6133	0,9831	0,9241	1,0000			
S_{kh}	0,6829	0,6032	0,9675	0,9362	0,9770	1,0000		
D_{aka}	0,1886	0,0905	0,5484	0,6685	0,5160	0,5708	1,0000	
S_{ia}	0,7143	0,5503	0,9850	0,9613	0,9794	0,9752	0,5785	1,0000

дар ин ҷо. Y_i - шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ (ҳаз. нафар), S_{hii} - шумораи истифодабарандагони интернет (ҳаз. нафар), Sha - шумораи аҳолӣ (ҳаз. нафар), So - сатҳи омодагии электронии шаҳрвандон (бо %), D_a - даромади аҳолӣ, ҳамагӣ (млн. сомонӣ), S_{kh} - соҳаи хизматрасонӣ (млн. сомонӣ), D_{aka} - даромад аз фаъолияти асосии корхонаҳои алоқа (мувофиқан бо нархҳои амалии солҳо, млн. сомонӣ**)**, S_{ia} - сабади истеъмолии аҳолӣ аз ҳисоби истифодаи хизматрасониҳои ТИК

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Нигоришҳои дар ҷадвали 2.8. инъикосгардидаи БХАМ фарогири тамоми нишондодҳои таҳлилигардида буда, ишора менамояд, ки омилҳои интихобгардида ба рушди минбаъдаи он таъсири фавқуллода дақиқ мерасонанд.

Дар қисми дигар (ҷадвали 2.9.). масоили таҳқиқи регрессионии инъикосгардидаи нишондодҳои БХАМ оварда мешавад.

Ҷадвали 2.9. - Нишондиҳандаҳо барои гузаронидани таҳлили регрессионӣ*

Солҳо	**Воҳиди мантиқии омилҳо**							
	Y_i	**S_{hii}**	**Sha**	**So**	**D_a**	**S_{kh}**	**D_{aka}**	**S_{ia}**
2011	6,94	6433	7251	9	1321,0	7744,30	108,3	0,5
2012	6,07	7548	7417	10	1490,6	9673,50	89,6	0,52
2013	6,20	8864	7621	12	1762,9	11127,1	103,5	0,56
2014	6,32	12392	7807	16	2098,8	12759,7	102,1	0,59

2015	6,53	13084	7987	16	25569,8	15737,7	126,0	0,60
2016	7,54	14635	8161	18	31373,0	18289,2	163,8	0,61
2017	8,00	16242	8352	19	37247,5	18988,0	248,3	0,68
2018	8,49	22519	8551	33	41083,9	19972,0	263,1	0,72
2019	9,00	23475	8743	27	47986,3	20359,3	267,7	0,75
2020	6,29	25148	8931	28	65347,0	25049,7	179,3	0,79
2021	6,85	29473	9127	32	80508,8	26111,40	167,2	0,85
2022	65,0	38000	10000	35	95124,7	26189,73	196,7	0,89
2023	79,0	4379375	10304	38,6	120715,1	34046,649	187,3	0,96

$$Y = a_0 + a_1X_1 + a_2X_2 + \cdots + a_nX_n, \qquad \textbf{(2.1)}$$

дар инҷо Y_i - шумораи истифода-барандагони алоқаи мобилӣ (ҳаз. нафар),

S_{hii} - шумораи истифодабарандагони интернет (ҳаз. нафар),

Sha - шумораи аҳолӣ (ҳаз. нафар),

So - сатҳи омодагии электронии шаҳрвандон (бо %),

D_a - даромади аҳолӣ, ҳамагӣ (млн. сомонӣ),

S_{kh} - соҳаи хизматрасонӣ (млн. сомонӣ),

D_{aka} - даромад аз фаъолияти асосии корхонаҳои алоқа (мувофиқан бо нархҳои амалии солҳо, млн. сомонӣ**),**

S_{ia} - сабади истеъмолии аҳолӣ аз ҳисоби истифодаи хизматрасониҳои ТИК ***омилҳоро*** ифода мекунанд.

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси ҷадвали 2.7.

Нишондиҳандаҳои инъикосгардида ҷадвали 2.9. имконият медиҳад, ки таҳлили дақиқи регрессионӣ анҷом дода шавад.

Мавқеи асосиро ошкорсозии равандҳо, ки дар рушди БХАМ ва маҳз тариқи татбиқи технологияҳои рақамӣ ва усулҳои маъмули амсиласозии иқтисодӣ ва математикӣ, мутаассир аст, пешниҳод карда мешавад. Барои ин гуфтаҳо муодилаи 2.1. – ро пешниҳод менамоем.

Дар зер ба модели бисёромила диққат дода, мувофиқи маълумоти (ҷадвали 2.9.) иттилооти коркардшудаи расмиро пешниҳод менамоем (ҷадвали 2.10.).

Ҷадвали 2.10. - Коэффитсиентҳои регрессия ва баҳодиҳии омории амсилаи бисёромила*

Нишонидиҳандаҳо	Коэффит-сиентҳо	Хатогии стандартӣ	t-омор	P-қимат
Y_i – бурриш	-372,9296	46,3258	-8,0502	0,0005
Шумораи истифодабарандагони интернет (ҳаз. нафар), S_{hii}	0,0012	0,0000	7,2368	0,0008
Шумораи аҳолӣ (ҳаз. нафар), Sha	0,0711	0,0071	9,9895	0,0002
Сатҳи омодагии электронии шаҳрвандон (бо %), So	0,0007	0,4034	0,0019	0,9986
Даромади аҳолӣ, ҳамагӣ (млн. сомонӣ), D_a	0,0003	0,0002	1,4557	0,2052
Соҳаи хизматрасонӣ (млн. сомонӣ), S_{kh}	-0,0045	0,0007	-6,4144	0,0014
Даромад аз фаъолияти асосии корхонаҳои алоқа (мувофиқан бо нархҳои амалии солҳо, млн. сомонӣ), D_{aka}	-0,0264	0,0231	-1,1402	0,3058
Сабади истеъмолии аҳолӣ аз ҳисоби истифодаи хизматрасониҳои ТИК, S_{ia}	-198,88	55,0883	-3,6102	0,0154

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф


$$Y = -372{,}9296 + 0{,}0012 + 0{,}711 + 0{,}0007 + 0{,}0003 - 0{,}0045 - 0{,}0264$$

Дар ҷамъбасти таҳлили мазкур нишондиҳандаҳои инъикосгардида ҷадвали 2.10 – ро ба риштаи таҳлил мекашем. Дар ду ҳолат мушоҳида мешавад, ки омилҳои зерин So, S_{kh}, D_{aka}, S_{ia} ба рушди БХАМ таъсири манфӣ мерасонанд. Аз он ба хулосаи дақиқ омадан мумкин аст, ки омилҳои зикргардида танҳо ва танҳо дар оянда метавонанд аз ҳисоби рушди соҳаи телекоммуникатсия ба роҳ монда мешавад. Хулосаҳое, ки муаллифи монография ба он ноил гардидааст мувофиқи тавозуни дитерменатсия баланд буда 0,9962 ва ё худ 99 % мебошад.

Ҳудудан навъи дигари таҳлил, таҳлил хулосавӣ шабеҳи он аст, ки қимматҳои ҳосилшду ба ҳамаи хусусияти бозор расман мувофиқат менамояд. Омилҳои So, S_{kh}, D_{aka}, S_{ia} дарҷгардида хусусияти таъсиррасонии қавӣ дошта моҳияти интихоби дигар унсурҳоро дуруст таъкид менамояд.

Қимматҳои ҳосилшуда аз як тараф бидуни шубҳа дуруст буда, ба амалишавии дигар нишондиҳандҳои бозор таъсир мерасонад.

Рушди устувори бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ба таҳқиқи масъалаи зерин бояд алоқаманд карда шавад (расми 15)



Расми 15. Унсурҳо ва омилҳои БХАМ дар шароити воридшавӣ ба муҳити рақамикунонӣ (таҳияи муаллиф)

Бо мақсади алоқаманднамоӣ ва рушди БХАМ нишондиҳандаҳои асосӣ ва хусусиятҳои тарофаи хизматрасониҳои алоқаи мобилиро мавриди омӯзиш қарор медиҳем.

2.3. Нишондиҳандаҳои асосӣ ва хусусиятҳои тарофаи хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ

Дар робита ба навсозии унсурҳои таркибии иқтисодиёт ва васеъшавии бозор фарогирии минтақаҳои ҷумҳурӣ бо алоқаи мобилӣ низ меафзояд. Хатҳои оптикии ХАМ дар низоми БХАМ гуногун буда дар асл ба такмили маҷрои техникии раванд таъсири калон мерасонад. Дарозии умумии каналҳо 765,246 ҳазор канал/км, аз ҷумла:

- моҳвора - 152,246 ҳазор канал / км;
- хати радиорелеии алоқа - 248,283 ҳазор канал / км;
- кабелӣ - 346,565 ҳазор канал / км;
- ҳаво - 17,596 ҳазор канал / км.

Албатта, Интернет ҳоло серистеъмолтарин ва маъмултарин шабакаи пайвастшавӣ дар ҷаҳон аст. Имрӯз дар Тоҷикистон бештар ба далели рақобати озод дар иҷозатномадиҳӣ ба операторон ва провайдерҳои хизматрасониҳои иттилоотӣ шароит барои ҷорӣ намудани хизматрасониҳои нав фароҳам оварда шудааст. Дар саросари кишвар 76 дорандаи иҷозатнома хизматрасониҳои алоқаро пешниҳод мекунанд, ки аз онҳо 12 оператор ва 10 провайдер дастрасии навъҳои зиёди хизматрасониро тариқи каналҳои алоқаҳои электронӣ пешниҳод мекунанд.

Чанд сол қабл шабакаи миллии илмию таълимии компютерии TARENA таъсис дода шуд, ки ба ҳамаи донишгоҳҳои шаҳри Душанбе хизматрасонии интернетиро пешкаш менамуд. Дар кишвари мо дар ҳамин давра, яъне соли

2004 як ташкилоти ҷамъиятии «… Ассотсиатсияҳои операторони алоқаи мобилӣ ва провайдерҳои интернет» манофеи ҳуқуқии ташкилотҳои зикргардидаро ҳимоят менамояд.

Ҳангоми баррасии мушкилот ва дурнамои танзими бозори хизматрасониҳои алоқа бояд қайд кард, ки танзими давлатии алоқаи мобилӣ, ки дар параграфи 3.3. ба сифати унсур ва механими рушдкардаи молиявӣ ва иқтисодиро бояд ташккул диҳад.

Дар чаҳорчӯбаи ҳамгироиҳои рушди алоқаи мобилӣ дар асл, рақобати озод мавқеи ҳалкунандаро доро мебошад. Комплекси мавҷуддаи соҳаро мавриди таҳлил қарор дода, бояд қайд намуд, ки дар баробари сифат бояд ба таъминоти рақобати комили ширкатҳои дар БХАМ амалкунанда диққат дода


Ҳамаи ин гувоҳӣ медиҳад, ки дар ташаккул ва рушди БХАМ ҳоло ҳам баъзе камбудиҳо ҷой доштан аз тахминҳо холӣ нест. Дар ҳамин замина бояд мизони нарх ва тарофаи хизматрасонӣ тавассути мақомоти махсусгардонидашуда назорат ва таҳлил карда шавад. Яъне дар баъзе мавридҳо нисбати бархе операторони алоқаи мобилӣ санҷиши дағал ва берун аз фаъолияти корӣ анҷом дода мешавад, ки то андозае фаъолияти онҳоро мураккаб мегардонад. Маҳз, чуни шакли амалкард хилофи баъзе санадҳо ва меъёрҳои ҷоришуда мебошад. Дар ин росто, масалан, қарори Хадамоти зиддиинҳисории ҷумҳурӣ № 1 ф. аз 10 апрели соли 2010 «Дар бораи тарифҳои пайвасти алоқаи баркӣ»-ро ёдовар шудан ба мақсад мувофиқ аст, ки тибқи он ба «Тоҷиктелеком» то 3 млн. трафик бо арзиши 10 сент дода мешуд, «Тоҷиктелеком» бошад трафики худро ба оператори мобилӣ бо арзиши 1 сент пешниҳод мекард.

Мушкилоти ҷойдошта дар ҳақиқат намегузорад соҳаи БХАМ ба таври кофӣ рушд намояд. Амалӣ намудани сиёсати ба мақсад мувофиқи рушд метавонад ҳолати рушди онро дигар намояд. Провайдерҳои интернетӣ ба таври ошкоро берун аз ваколати худашон амал намуда, мизони пешниҳоди хизматрасониро тамоман дигар намудаанд.

Мушоҳида мешавад, ки заминаҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии БХАМ каме ҳам бошад ба тағйирот ниёз дорад. Қисми меъёрҳои он тамоман кӯҳна буда, раванди фаъолияти субъектҳои иқтисодиро кафолат намедиҳад. Аз дигар тараф онҳо ба тағйироти ҷиддӣ ниёз доранд. Ҳолати кунунии қонунгузории иҷозатномадиҳӣ, инчунин тартиби мураккаби бозхонди иҷозатномаҳо, ки қарорҳои идоракуниро ба кулли қоидаҳои иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи алоқаи мобилиро тақозо мекунад, монанд нестанд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки БХАМ аз доираи фаъолият баромада, ҳатто дар баъзе ҳолатҳо аз раванди озодии фаъолият бархурдор нестанд. Ҳаракат ба сӯи бозори озоди алоқа дар Тоҷикистон аз байн бурдани ҳуқуқҳои истисноии як оператор ва ҷалби операторони дигар ба бахши хизматрасонии зиёноварро дар назар дорад.

Муҷтамаи тиҷоратию маишӣ, сайёҳӣ, кӯҳӣ, саноатӣ, таълимӣ, таҳқиқотӣ, хусусан бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар асри нав ба як мизони суръатбахши такомул ва рушд ворид гардид. Аз расм дидан мукин аст, ки нишондиҳандаҳои асосии рушди БХАМ шурӯъ мешавад аз таъминоти техникӣ интиҳо меёбад ба ташкили пойгоҳҳои пуриқтидори рақамии ҳамин соҳа, яъне, нишондиҳандаҳои асосии рушди БХАМ маҳдуд намешавад ва дар таркиби он метавонад дигар шаклҳо ва унсурҳо ва нишондиҳандаҳоро илова намуд.



Расми 16. Нишондиҳандаҳои асосии рушди БХАМ (таҳияи муаллиф)

Барои он, ки БХАМ рушд ёбад бояд тамоюлҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:

1. Омӯзиши хосиятҳо ва рушди ҳаматарафаи бозор дар шароити муҳити рақобатнок;


2. Равнақ бахшидани фаъолияти операторони хусусӣ нисбат ба операторони давлатӣ;

3. Ивазшавии сохторҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва навсозии БХАМ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ.

Дар намудори навбатӣ нишондиҳандаҳои макроиқтисодии рушди БХАМ пешниҳод карда мешавад (расми 17).

Дар ҳақиқат барои ошкорсозии нишондиҳандаҳои БХАМ як қатор нишондиҳандаҳои болозикрро истифода намудем, ки ҳамаи онҳо дар натиҷаи таҳили васеи ҳолати бозор ба даст омадаст.

Ба таркиби нишондиҳандаҳои БХАМ доираи фарогирӣ ва зичии ҷойгиронии шумораи истифодабарандагони АМ ва ХАМ дохил шуда, дар миқёси дастгоҳҳои телефонӣ ба 100 нафар, фард ё 100 оила ҷудо карда шудааст. Таҳлили васеъи ҳолат нишон медиҳад, ки аз ҳисоби истифодаи ин ду намуди унсур бозори хизматрсониҳои алоқаи мобилӣ умуман БХАМ побарҷо мебошад, лекин тафовути асосӣ дар байни ҳиссаи аҳолии шаҳр ва аҳолии дар деҳот иқоматкунанда боқӣ мемонад. Дар ҳамин росто қабули консепсияи мушаххаси илмӣ ва васеъсозии фаъолияти бозор дар мӯҳлати дурудароз муҳим ва саривақтӣ мебошад. Барои ҳамин тағйири низоми нав хело муҳим буда, ивазшавии шаклҳои дохилии системаи АМ – ро, ки дар манотиқи гуногуни кишвар ҷойгиранд, зарурият дорад.



Расми 17. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодии БҲАМ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт (таҳияи муаллиф)

Ҷойгиронии объектҳои АМ бинобар сабаби релефи мураккаб ва шадид ғайримикон мебошад. Барои ҳамвор кардани поляризатсияи фазоӣ (поляризатсия - хосияти дар як сатҳи муайян ҷойгир шудани мавҷҳои нур ва электромагнитӣ) воситаҳои гуногун: мустақим ва ғайримустақим, маъмурӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ, ки дар ҳамаи сатҳҳо ва унсурҳо истифода мешаванд. Усулҳои бевоситаи таъсиррасонӣ дахолати мустақими давлат, қабули қарори маҷбурӣ, ки дар асоси

дастури мақомот бароварда мешавад, на бо интихоби мустақили субъектҳо, аз ҷумла сармоягузории буҷетӣ, хариди давлатӣ, меъёрҳои амортизатсия, иҷозатномадиҳӣ ба фаъолияти иқтисодӣ, мукофотпулӣ, имтиёзҳо ва ғайра. Усулҳои иқтисодии таъсиррасонӣ аз таъсири ҳавасмандкунанда ё маҳдудкунанда ба рушди минтақа, аз ҳисоби сиёсати ҷорӣ дар буҷет, андоз, гумрук, фароҳам овардани шароити махсус барои рушди истеҳсолот ва соҳаи хизматрасонӣ, минтақаҳои махсуси иқтисодӣ иборатанд. Усулҳои институтсионалии таъсиррасонӣ аз татбиқи сиёсати моликияти давлатӣ (минтақавӣ), андозбандии он, таъсиси ташкилотҳои давлатии шаклҳои гуногуни моликият ва ғайра иборатанд. Усулҳои сиёсӣ манфиатҳои миллӣ, динии минтақаҳоро ба инобат мегиранд қарорҳое, ки ба сохтори мавҷудаи мақомоти давлатӣ қабул карда шудаанд ва ғайра.

Абзорҳои иқтисодӣ дар сатҳи хурд ё танзимгарони умумии иқтисодӣ дар сатҳи миллӣ барои пешбурди сиёсати умумимиллӣ нисбат ба минтақаҳо ва таъсир расонидан ба рафтори субъектҳои хоҷагидор тавассути параметрҳои дифференсиалӣ (меъёрҳо ва ғ.) ва шартҳои андоз, қарз, сармоягузорӣ, нархгузорӣ, иҷтимоӣ ва дигар сиёсатҳо истифода мешаванд.

-тавассути додани назорати тиҷоратӣ, фискалӣ ва пулию қарзӣ.

-сиёсат ба минтақаҳо ё тавассути назорати пурраи сиёсат аз ҷониби давлат. Дар ҳолати аввал, минтақаҳо аз воситаҳои сиёсати макроиқтисодӣ мувофиқи салоҳдиди худ истифода бурда, параметрҳои рушди иқтисодиро танзим мекунанд, масалан, бо роҳи тафриқаи меъёрҳои андоз ва боҷҳои содиротӣ ва воридотӣ.

Ҳамин тариқ, дар идома (ҷадвали 2.11.) нишондиҳандаҳои

асосии БХАМ, ки фарогири зичии телефони алоқаи мобилиро ба ҳар 100- нафар аҳолӣ нисбат ба нишондиҳандаҳои зичии телефони алоқаи собит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи солҳои 2018 – 2022 пешниҳод карда мешаванд.

Ҷадвали 2.11. - Нишондиҳандаҳои алоқаи мобилӣ нисбат ба алоқаи собит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2018 - 2023*

Номгӯи нишондиҳанда/ сол	**2018**	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**
Зичии телефонҳои алоқаи мобилӣ				49,86	48,79	52,3
Тағйирот нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта					-0.96	3,4
Зичии алоқаи собит	3,91	3,95	3,98	3,97	3,89	4,2
Тағйирот нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта		0,04	0,03	-0,01	-0,02	0,31

***Сарчашма:** дар асоси пойгоҳи додаҳои Google, Public Data, Бонки ҷаҳонӣ. Захираи электронӣ: https://www.google.com/publicdata/explore (Вақти даромад: 10.05.2019); Агентии омори назди Президенти ҶТ. - Душанбе: АОНПҶТ, 2016. - С. 328-330; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: АОНПҶТ, 2017. - С. 330; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: АОНПҶТ, 2019. - С. 325, Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: АОНПҶТ, 2023. - С. 308 тартиб дода шудааст.

Чунин мушоҳида мешавад, ки нишондиҳандаи зичии телефони - алоқаи мобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи соли 2009 ба ҳар сад нафар аҳолӣ 48-ададро ташкил дода, аз нишондиҳандаи шабеҳи алоқаи статсионарӣ қариб 12 маротиба зиёд буд.

Ҳамин тариқ, мушоҳида мешавад, ки ҳолати зичии телефони алоқаи мобилӣ ба ҳар 100 - нафар аҳолӣ зуд афзуда истодааст, лекин дар се соли охир доираи паҳншавии он каме тағйироти мусбиро касб намудааст. Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст карда ишора намуда метавонем, ки бозори алоқаи мобилӣ солҳои охир дорои тамоюли мусбат мебошад.

Технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун воситаи сиёсати иқтисодии минтақавӣ метавонанд, дар сатҳҳои гуногун мавриди истифода қарор гирад.

Ҷадвали 2.12. - Шумораи истифодабарандагони хизматрасониҳои нави алоқа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023*

Ширкат	Шумораи муштариёни Интернет	Шумораи муштариёни алоқаи мобилӣ
ҶСП «ТТ - Мобайл »	1798584	1333123
ҶДММ «Tcell»	2664651	1351705
ҶДММ «Интерком»	-	996
ҶДММ «Вавилон - Т»	-	30231
ҶДММ «Вавилон - Мобайл»	1880975	989543
ҶДММ «Истэра»	-	-
ҶДММ «Таком»	967888	394046
ҶСП «Телекомтехнолоҷӣ»	-	5790
ҶДММ «Сайр Тур»	-	-
ҶСШК«Тоҷиктелеком»	275230	36737
Ассотсиатсия «Тарена»	-	65000
ҶСП «О-Мобайл»	240573	107401
ҶДММ «Ошногрупп»	-	3,9
ҶДММ «СА-Интернет»	-	-

ҶДММ «Исател»	-	-
ҶДММ «Шабакаи Осмонӣ»	-	-
ҶДММ «Технологияҳои Транс Телематикӣ»	-	-
Ҳамагӣ:	**4379375**	**7918678**

***Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. АОНП Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024. - С. 308

Аз шумораи зикршуда 7918678 - нафар муштариёни фаъоли алоқаи мобилӣ мебошанд.

Омилҳои мушаххасе, ки ба афзоиши даромади операторони алоқаи мобилӣ таъсир мерасонанд ин дигар шудани ҳолати воқеии зиндагонии аҳолии кишвар ва дастрасии хизматрасониҳои ширкатҳои мобилӣ мебошанд. Илова бар ин, аз соли 2006 бо ҷорӣ шудани принсипи “зангзананда пардохт мекунад», операторони алоқаи мобилӣ ба гирифтани даромади иловагӣ аз зангҳо ба телефонҳои мобилӣ шурӯъ карданд, ки қаблан чунин набуд. Аз тарафи дигар, ин принсип имкон дод, ки барои операторони алоқаи мобилӣ бартарии иловагии рақобатӣ фароҳам оварда шавад. Айни замон ба ҳар як табақаи аҳоли тарифҳои муносиб аз ҳар як ширкати алоқаи мобилӣ пешниҳод мегардад. Омилҳое, ки ба афзоиши даромади операторони мобилӣ таъсир мерасонанд: зиёдшавии даромади аҳолӣ, қатъ гардидани муҳоҷирати мавсимӣ, афзоиши шумораи сайёҳони хориҷӣ, баланд бардоштани сифати хизматарсонӣ, ба ҷумҳурӣ ворид намудани технологияҳои пуриқтидори рақамии идоракунии таҳдидҳои киберӣ, тавсия бахшидани насли нави шабака, васли тамоми минтақаҳои кишвар ба шабакаи ягонаи миллии дастрасии захираҳои умумӣ ва ғайраҳо мебошад.

Рушди минбаъдаи соҳаи алоқаи мобилӣ пеш аз ҳама бо ҷорӣ ва рушди хизматрасониҳои нав дар асоси истифодаи технологияҳои интернетӣ, инчунин хизматрасониҳои иловагӣ дар асоси инфрасохтори мавҷуда алоқаманд аст.

Аз як тараф, ин сатҳи баланди даромади дохилии сармоягузорӣ, дигар ҷанбаи он бозгардонии маблағи сармоя мебошад. Дар оянда фишори молиявии мушоҳидашуда на танҳо коҳиш меёбад, балки аз ҳисоби даромади афзоянда аз беҳбуди сифати алоқа ва фарогирии шабакаҳо ҷуброн карда мешаванд.

Ҷадвали 2.13. - Динамикаи истеъмоли хизматрасониҳои алоқа дар сохтори умумии хизматрасониҳои пулакии аҳолӣ дар солҳои 2016 - 2022 (млн. сомонӣ)*

N	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**
Khp	14236,3	14563,7	14272,5	14515,1	14094,1	15165,3	20358,8	23840,1
Mi	3722,6	3908,3	4030,6	4387,2	4253,8	4379,6	4937,4	5316,3
Nm	1987,1	2208,2	2264,4	2000,9	1394,2	1376,9	3879,2	4555,3
A	1593,4	1645,3	1948,5	2018,7	1973,2	2303,6	2596,9	4389,7
Nma	1231,4	1354,8	1576,5	1761,1	1841,1	2125,2	2096,4	2275,3
Khm	71,32	74,5	72,4	76,1	56	66,1	68,1	54,7
Se	2,1	4,0	6,0	10,0	2,4	3,8	5,0	5,7
T	447,1	490,7	628,9	703,1	687,9	826,6	826,6	913,9
St	43,4	48,1	63,7	53,7	29,7	42,0	60,5	59,8
Mb	399,2	384,2	534,6	689,6	1324	1228,8	2209,7	1911,7
Dkh	7,1	665,3	799,2	1135,4	1575,7	2557,5	3344,3	4019,4
Hsa	***0,11***	***0,11***	***0,14***	***0,14***	***0,14***	***0,15***	***0,13***	***0,18***

N – ишораи нишондиҳандаҳои мантиқӣ; Khp - Хизматрасониҳои пулакӣ; Mi – Маишӣ; Nm - Нақлиёти мусофирбар; A – Алоқа; Nma – Низоми маориф; Khm – Хизмати муассисаҳои маданӣ; Se – Сайёҳӣ-экскурсия; T – Тиббӣ; St – Санаторӣ ва табобатӣ; Mb – Муассисаҳои бонкӣ ва хусусияти ҳуқуқидошта; Dkh - Дигар хизматрасониҳо; Hsa – Ҳиссаи соҳаи алоқа дар хизматрасониҳои пулакии аҳолӣ.


***Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024.С - 359

Суръати рушди бозори хизматрасонии алоқа **дар панҷ соли охир дар маҷмӯъ** аз иқтисодиёти кишвар пештар буд ва аммо аз нигоҳи сатҳи рушд ва истифодаи хизмати алоқа дар раванди истеҳсолот, Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо аз мамлакатхои Ғарб, балки аз баъзе мамлакатхои ИДМ ҳам ақиб мемонад.

Ҳиссаи соҳаи алоқа дар ташаккули хизматрасониҳои пулакии аҳолӣ гуногун буда дар соли 2023, 0,18 фоиз мебошад. Ин нишондиҳандаҳо дар соли 2016 ҳамагӣ 0,11 фоизро ташкил медод, яъне дар ташаккули хизматрасониҳои пулакии аҳолӣ чаҳорум нишондиҳандаи муҳим ба шумор меравад. Дар оянда бояд ин нишондиҳанда наздики 30 фоизи хизматрасониҳои пулакии аҳолиро ташкил диҳад.

Суръати кунунии рушди бозори хизматрасонии алоқа барои рафъи самаранокии пасти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нокифоя буда, барои ин зарурати ҳарчи зудтар бартараф намудани мушкилоти маҳдудсозии истифодаи технология фарсуда ва кӯҳна ва ба ҷойи он ворид намудани технологияҳои пуриқтидори насли навро зарур мешуморем. Дар сохтори бозори хизматрасониҳои иттилоотӣ ва алоқа ба ҳолати соли 2023 ҳиссаи асосиро хизматрасониҳои таҳияи нармафзор – зиёда аз 75%, хизматрасониҳои телекомуни-

катсионӣ 16%, дигар хизматрасониҳои иртиботӣ 6% ва сервисҳои иртиботи 2%-ро ишғол мекунад.



	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023
A	1593,4	1645,3	1948,5	2018,7	1973,2	2303,6	2596,9	4389,7
Нзд	11%	11%	14%	14%	14%	15%	13%	18%

Расми 18. - Ҳиссаи хизматрасониҳои алоқа дар сохтори хизматрасониҳои пулакӣ. ***Тартиб дода шуд аз рӯи**: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022.- С. 357; 2023. – С. 303. 2024. – С. 359 - 360.


Дар расми 19 сохтори бозори хизматрасониҳои иттилоотӣ ва алоқа ба ҳолати соли 2023 пешниҳод карда мешавад.



Расми 19. - Сохтори бозори хизматрасониҳои иттилоотӣ ва алоқа ба ҳолати соли 2023 (таҳияи муаллиф)

***Тартиб дода шуд аз рӯи:**сомонаи https://www.gsmaintelligence.com/

Ҳаҷми бозори хизматрасонии алоқа, тибқи ҳисобҳои гуногун, 4,5-6 миллиард долларро ташкил медиҳад (расми 20).



Расми 20. - Сохтори бозори алоқаи почтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар асоси маълумоти: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. - С. 302; 2023. – С. 307 тартиб дода шудааст.

Дар аксари кишварҳои олам бахши алоқа ҳамчун низоми дарунсохт ва сердаромад ҷиҳати ҷалби сармоягузорӣ боқӣ мемонад[96], яъне имконияти гирифтани даромади мушаххас аз ин навъи фаъолият ин ҳам бошад даромади баланд ва раванди бадасториаш боэътимод, масъалаи бешубҳа асоснок барои сармоягузорон мебошанд.

Дигар самти масоил коркарди тавсияҳои илман асоснокшуда бо ёрии усулҳои амсиласозии иқтисодӣ - математикӣ ва оптимизатсионӣ мебошад, ки дар идомаи таҳқиқот мавриди омӯзиш ва таҳқиқи васеъ қарор дода мешавад.

Хулоса аз рӯйи боби дуюм

Бо назардошти шароити мушаххаси тараққиёти иҷтимоию иқтисодии ҳар як субъекти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имконияти истифодаи захираҳои маҳдуд, ки шароити умумии истеҳсоли неъматҳои моддиро дар як ҳудуди муайян ва шароити умумии зиндагии мардум таъмин менамоянд, технологияи иттилоотӣ метавонад дар маҷмӯъ як воситаи коҳиш додани фарқиятҳои байниминтақавӣ ва баланд бардорандаи самаранокии сиёсати минтақавӣ гардад.

1. Таҳлили васеи маҷмӯии нишондиҳандаҳои БХАМ дақиқияти воқеаро чунин менигорад, ки ба таври мусбат рушд намуда истодааст. Дар баробари ин баъзе падидаҳое ҳангоми таҳлил ошкор гардид, ки ба фаъолияти ояндаи БХАМ бетаъсир монда наметавонад. Дар доираи боби мазкур ҳамаи масъалаҳои марбут ба рушди соҳа таҳлил гардида тавсияҳои илман асоснок ироа карда шудааст.

[96] Цуриченко М.В. Оценка инвестиционной привлекательности региональных рынков мобильной связи как инструмента продвижения инновационных услуг / М.В. Цуриченко // дисс. канд. экон. наук. Междунар. университет в Москве. Москва, 2011. С. 290.

2. Абзорҳои иқтисодӣ дар сатҳи хурд ё танзимгарони умумии иқтисодӣ дар сатҳи миллӣ барои пешбурди сиёсати умумимиллӣ нисбат ба минтақаҳо ва таъсир расонидан ба рафтори субъектҳои хоҷагидор тавассути параметрҳои дифференсиалӣ (меъёрҳо ва ғ.) ва шартҳои андоз, қарз, сармоягузорӣ, нархгузорӣ, иҷтимоӣ ва дигар сиёсатҳо истифода мешаванд, аз он ҷумла БХАМ низ аз ин раводид бетараф буда наметавонад.

- тавассути додани назорати тиҷоратӣ, фискалӣ ва пулию қарзӣ;
- сиёсат ба минтақаҳо ё тавассути назорати пурраи сиёсат аз ҷониби давлат.

3. Таъсири ХАМ ба тамоми соҳаи фаъолияти инсон мушоҳида мешавад. Муҷтамаи тиҷроратию маишӣ, сайёҳӣ, кӯҳӣ, саноати, таълимӣ, таҳқиқотӣ хусусан, бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар асри нав ба як мизони суръатбахши такомул ва рушд ворид гардид. Дар умум, мушоҳида намудан мумкин аст, ки нишондиҳандаҳои асосии рушди БХАМ шурӯъ мешавад аз таъминоти техникӣ интиҳо меёбад ба ташкили пойгоҳҳои пуриқтидори рақамии ҳамин соҳа. Яъне, нишондиҳандаҳои асосии рушди БХАМ маҳдуд намешавад ва дар таркиби он метавонад дигар шаклҳо ва унсурҳо ва нишондиҳандаҳои илова намуд.

Барои он, ки БХАМ рушд ёбад бояд тамоюлҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:

1. Омӯзиши хосиятҳо ва рушди ҳаматарафаи бозор дар шароити муҳити рақобатнок;

2. Равнақ бахшидани фаъолияти операторони хусусӣ нисбат ба операторони давлатӣ;

3. Ивазшавии сохторҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва навсозии

БХАМ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ.

Дар қисми хотимавии боби мазкур чунин хулоса намудан мумкин аст, ки шароити ибтидоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба офаридани маҳсулот ва хизматрасониҳои нав ва ташаккули малакаи истифодаи онҳо дар умум чандон мусоид нест. Аз ҳамин хотир дар идомаи таҳқиқот масъалаҳои баҳсталаб ва мураккаби БХАМ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода мешавад.

БОБИ III.
ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛИЮ -ИҚТИСОДИИ ТАШАККУЛИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ АЛОҚАИ МОБИЛӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ

3.1. Таҳияи амсилаи иқтисодӣ – математикӣ, оптимизатсионии пешниҳоди хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ

Татбиқи амалии технологияҳои пуриқтидори рақамӣ ва усулҳои моделсозии иқтисодӣ – математикӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ, хусусан БХАМ васоити муҳими бурунрафт аз бӯҳрони шадид бекорӣ ва норасоии маҳсулот мебошад.

Технологияҳои пуриқтидори рақамӣ ва усулҳои моделсозии иқтисодӣ – математикӣ протсесҳои истеҳсолиро ҷунбиш дода, дар баробари такмили низоми иқтисодии зери унвони «иқтидори истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ», ки дар гузашта мураккаб буд нав месозад. Маҳз, чунин рӯёрӯйи бо мушкилоти мураккаб низомҳои истеҳсолотии ҷамъиятиро такон дода, принсипи фоидагирии мутлакро ба вуҷуд меорад. Мушкилии дарки онҳо аз он вобаста аст, ки онҳо ба истеҳсоли маҳсулоти ғайримоддӣ алоқаманданд. Соҳаи хизматрасонӣ бо иқтидорҳо нави шабакавӣ ҳарчи бештар доираи фаъолияташон васеъ мешаванд. Дар чунин шароит бояд омили поягии раванди мазкур, яъне дигаргунсозии пойгоҳи асосии истеҳсолӣ бо ёрии усулҳои муосири тавонманд ва санҷидашуда баромад намуда, ба навсозии ҷузъҳои оддитарини он кӯмак расонад. Ин тамоюл мундариҷаи асосӣ ва имконпазири давраи навбатии рушди иқтисодиро ошкор мекунад. Дар ҳолате, ки хизматрасониҳои нав ба

истеъмолкунандагон пешниҳод карда мешаванд, ширкатҳои таъминкунанда ба бозорҳои ҷаҳонӣ дастрасӣ пайдо мекунанд ва ба масоили кортаъминкунии аҳолӣ кӯмак мерасонанд. Иқтидори рушди иқтисодии шабакаҳои иттилоотӣ дар шароити рақамикунонӣ бениҳоят баланд буда, онҳо соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсон: фароғат, тиҷорат, молия, ВАО, маориф, тиб, таблиғ, хусусан хизматрасониҳои почта ва ғайраро фаро мегиранд ва мунтазам тағйир медиҳанд.

Дигар масоил таъмини рақобати озод ва софу бидуни таваккал имконият медиҳад, ки дар баробари боздоштани шиддати пасти сифати хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ имконияти дастрасии нисбатан арзон ба роҳ монда шавад. Дар чунин шароит Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ хусусан Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешгирии мушкилоти сунъи эҷодгардидаи нарх чораи қонунӣ менадешанд. Аз дигар нуқтаи назар, таъмини рақобати соф ва он ҳам озод на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми кишварҳо мушкил ва мураккаб мебошад. Давоми 50 – соли охир натавонистаанд, ҳатто дар кишварҳои калонтарини саноатии дунё ба ин масъалаи муракакаб нуқта гузошта рушди иқтисодиёташонро дуруст ба роҳ монанд, лекин фикру мулоҳизаҳо дар атрофи ин ҷараёни ба истилоҳ нав метавонад дар сурати амалан пиёда гардидан, ҳамаи мушкилоти дар боло ишорагардидаро ба кулли нест намояд ва ҳатто бидуни ягон харочоти иловагӣ сарфаи вақт ва маблағро пурра дар доираи ТР ҳаллу фасл намояд. Роҳи дигари бурун рафтан аз ин мизони ношаффоф истифодаи усулҳои пешрафта ва илман асосноки амсилаҳои иқтисодӣ – математикӣ, оптимизатсионӣ, ки бидуни татбиқи он ташаккул, рушд ва тамоюли минбаъдаи на танҳо БХАМ, умуман тамоми соҳот ва зерсоҳоти иқтисодиёт ва ғ... ғайриимкон мебошад.

Дар адабиёти муосири олимони ватанӣ ва хориҷӣ[97] мо зуд – зуд ба мафҳуми истифодаи усулҳои амсиласозии иқтисодӣ-математикии рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ вомехурем[98]. Дар ин радиф корҳои илмии беназири тоҷик низ кам нестанд[99].

Дар корҳои илмии олимони маъруфи тоҷик А.Д. Ахророва, (истифодаи оптималии захираҳои энергетикӣ), В.А. Разиқов, (моделсозии иметатсионӣ, оптималикунонии фаъолият), Р.А. Аскаров, Р.Қ. Раҳимов, (моделсозии иқтисодӣ ва математикии комплекси агросаноатӣ), Г.Ҷ. Ҷӯрабоева, (Моделҳои ҳамоҳангсозии МОК), Д.Х. Каримов, (моделҳои шабакавӣ), Х. Орипов, (мушкилоти экологӣ), Р.Қ. Рачабов, П.Д. Хочаев (моделсозии иқтисодию риёзӣ оид ба хизматрасонии нақлиёт),

---


[97] Гладкова М.А., Зенкевич Н.А., Сорокина А.А. Методика интегральной оценки и выбора качества услуг и ее реализация на примере рынка мобильной связи Санкт-Петербурга/ М.А. Гладкова, Н.А. Зенкевич, А.А. Сорокина //Вестник Санкт-Петербургского университета. Менеджмент. 2011. № 3. С. 60-95.

[98] Полянская Е.В., Зивенкова А.Ю. Становление и развитие рынка сотовой связи в России / Е.В. Полянская, А.Ю. Зивенкова //Young Science. 2015. Т. 2. № 7. С. 50-54.; Рустембаев Б.Е., Нурмаганбетов К.К., Каскатаев Н.М., Асилов Б.У. Развитие информационно-коммуникационных технологий в Республике Казахстан / Б.Е. Рустембаев, К.К. Нурмаганбетов, Н.М. Каскатаев, Б.У. Асилов //Фундаментальные исследования. 2013. № 4-4. С. 950-954.; Минаков В.Ф., Азаров И.В. Моделирование конъюнктуры инфотелекоммуникационного рынка / В.Ф. Минаков, И.В. Азаров //Экономический вестник Ростовского государственного университета. 2006. № 2. С. 35-39; Burkov V.N. Problems of optimum distribution of resources. — Control and Cybernetics. Vol. 1 (1972), №1/2. http://www.omorrss.ru/index.php?s=54&m=1051

[99] Исаев Р.С. Вопросы моделирования оказания электронных услуг в условиях цифровой экономики // Исаев Р.С., Тулиев М.С. Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. 2020. № 2 (83). С. 39-47.; Джурабаев Г., Мирзоахмедов Ф., Ахмедов А.С. Детерминированные и стохастические модели производственных процессов в условиях свободного рынка. //Сб. статей Российско - Таджикского Славянского Университета, Душанбе, 2000 С. 32-43.; Ахророва А.Д., Лолаев З.Х., Ашуров К.Р. Малый и средний бизнес и его роль в обеспечении устойчивого экономического развития Республики Таджикистан // Ахророва А.Д., Лолаев З.Х., Ашуров К.Р. Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2019. № 7. С. 53-56.; Раджабов Р.К. Формирование системы обеспечения устойчивого развития предпринимательской деятельности в сфере транспортных услуг: проблемы и региональные аспекты / Р.К. Раджабов. - Душанбе: Ирфон, 2011. – 204 с.

Р.С. Исаев (моделҳои ҳифзи захираҳои об, моделсозии оптималикунонии пешниҳоди хизматрасониҳои иттилоотию электронӣ), Ф. Мирзоахмедов, А.С. Ахмедов (моделсозии стохастикии равандҳои истеҳсолот, моделҳои иқтисодӣ-математикӣ ва усулҳои банақшагирии истеҳсолот) масъалагузориҳо оид ба истифодаи моделҳои иқтисодӣ-математикӣ ва оптимизатсионӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд, ки дар шароити имрӯза низ татбиқи онҳо дар иқтисодиёт мувофиқат мекунад.

Гуфтаҳои болоро асоснок намуда, дар идома ба таҳқиқи масоили амсиласозии иқтисодӣ – математикӣ, оптимизатсионии бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ диққат медиҳем.



Расми 21. - Алгоритми амсилаи оптмизатсионӣ ва иқтисодӣ-математикии бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ (таҳияи муаллиф)

Муаллифи монография, чунин мешуморад, ки ба созишоӣ ва сатҳи амалишавии моделсозии математикӣ, оптимизатсионӣ, хусусан муқоисаи натиҷаҳои фаъолияти модел ба хусусияти система вобаста аст. Мушоҳида мешавад, ки дар сурати ошкор шудани объекти ба моделгирифташуда натиҷаҳои бавҷудомада ба хусусияти низом алоқаманд карда шавад, эътимоднокии он меафзояд.

Ҳамин гуна, дар идомаи таҳқиқ марҳилаи дуюми амсиласози иқтисодӣ – математикӣ, оптимизатсионии бозори хизматрасонҳои алоқаи мобилиро мавриди омӯзиш қарор медиҳем. Функсияи мақсади амсилаи иқтисодӣ – математикӣ, оптимизатсионии бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ба кам кардани хароҷот ва максималикунонии даромад нигаронида шудааст.

$$A_{max} = \sum T_j I_i + \sum S_i - \sum H_{mi} + \sum Tzm_i + \sum Htt_i + \sum Rr_i$$

дар ин ҷо:

$T_j I_i$ – нархи маҳсулот, хизматрасонии i - юм ва j - юм;

S_i – сармоягузорӣ барои коркарди маҳсулот ва хизматрасонии i-юм;

H_{mi} – захираҳо, захираҳои моддӣ барои коркарди маҳсулоти i-юм;

Tm_i – истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ барои истеҳсоли навъи маҳсулот ва хизматрасонии i-юм;

Htt_i – ҳаҷми хароҷот барои нав кардани асбобу анҷом, таҷҳизот ва ташкили курсҳои такмили ихтисоси коркунони корхона аз хизматрасониҳои i-юм;

Rr_i – раванди татбиқи технологияҳои рақамӣ ва рақамикунонии равандҳои истеҳсолии маҳсулот ва хизматрасониҳои i-ум[100].

Мавриди зикр аст, ки масъалаи кам ва ё зиёд намудани фоида, даромади корхонаҳо басо кори мушкил, мураккаб ва баҳсталаби на танҳо БХАМ, балки ҳамаи соҳаҳо ва умуман илмҳои риёзӣ, иқтисодӣ мебошад. Лекин оптималикунонии даромад, инчунин дараҷаи таъмини истеъмолкунандагонро аз лиҳози татбиқи хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ (ҷустуҷӯй, интиқол ва қабул, коркард, таҳлил, навсозии иттилоот) - ро муҳим мегардонад, ки дар он фаъолияти мунтазам ва фоидаовар ба дараҷаи ниҳоӣ амалӣ гардонида мешаванд.

Барои ба намуди оптималӣ даровардани хизматрасониҳои БХАМ мо чунин гузориши масъаларо истифода менамоем.

дар ин ҷо:

m_{ij} – зарибии нархи маҳсулот ва хизматарсонӣ дар муддати 1- сол аз зергурӯҳи j-юми $(j = \overline{3})$ гурӯҳи i-юм $(i = 5)$ (ҳаз. сомонӣ), r_1 – маҳдудият доир ба татбиқи захираҳои дар ихтиёри ширкат буда, ҳамаи намуди дороиҳо (ҳаз. сомонӣ), r_2 – маҳдудият доир ба истифодаи базаи моддию техникии корхона (ҳаз. сомонӣ), r_3 – маҳдудият доир ба амалан истифода гардидани қувваи корӣ дар корхона (нафар) мебошад.

Дар асоси маълумоти ибтидоии дар монография дарҷ гардида натиҷаи амсилаи иқтисодӣ – математикӣ, оптимизат-

[100] Такмили муаллиф ар асоси: Азаров И.В. Моделирование динамики рынка телекоммуникационных услуг / И.В. Азаров // дисс. канд. экон. наук / Ставрополь, 2006, 176 с.; Исаев Р.С., Тулиев, М. С. Вопросы моделирования оказания электронных услуг в условиях цифровой экономики [Текст] / М.С. Тулиев, Р.С. Исаев // Вестник ТГУПБП. Серия общественных наук. – 2020. – № 2 (83). – С. 39-47.

сионии дар шакли зерин пешниҳод карда мешавад. Натиҷаи таҳлил нишон медиҳанд, ки агар нақшаи оптималӣ майл ба 1 дошта бошад, он гоҳ модел дуруст кор мекунад ва ҳамаи омилҳои интихобшуда ба оптималикунонии даромади ширкат таъсир мерасонанд. Ин падида гувоҳӣ медиҳад, ки айни замон соҳаи алоқа дар бозори умумии хизматрасонии алоқаи мобилӣ дар марҳилаи ташаккул ва такмилёбӣ қарор дорад ва бо истифодаи ин модел робитаи зич дорад. Аз таҳлили ҳаматарафаи таҷрибаи пешсафи хориҷӣ аён аст, ки омили дигар технологияи идоракунии фосилавии дар асоси Интернет мебошад, ки бидуни он воситаи тавонои фаъолияти корхонаи алоқа бунёд кардан имконнопазир аст. Дар асоси ин корхонаи алоқа бояд дар ояндаи наздик ба навсозии технологияҳои кӯҳна ва бунёди инфрасохтори тавонои алоқа диққат диҳанд.

$$\begin{cases} T_j I_i \geq 100 \\ S_i \geq 3{,}96 \\ H_{mi} \geq 5{,}25 \\ Tm_i \geq 2{,}58 \\ Htt_i \geq 1{,}131 \\ Rr_i \geq 2{,}125 \\ 5{,}25x_1 + 9{,}6x_2 + 3{,}94x_3 + 6{,}17x_4 \leq 600{,}35 \\ 9{,}22x_1 + 2{,}53x_2 + 8{,}17x_3 + 20{,}44 \leq 4200{,}95 \\ 3{,}82x_1 + 8{,}07x_2 + 2{,}71x_3 + 3{,}41x_4 \leq 130{,}00 \end{cases} \quad (3.1.)$$

Натиҷаи коркарди маълумоти дар боло овардашуда нишон медиҳад, ки барои афзоиши минбаъдаи даромадноки таҳияи ҷадвали зерин аз ҳисоби муодилаи 2 – юм зарур мебошад. Ҳангоми анҷом додани ҳисоб ҳамаи маълумоти муодила истифода нашудааст. Танҳо иттилооте истифода

шудааст, ки ба рушди минбаъдаи ширкат таъсир мерасонанд (ҷадвали 3.1).

Ҷадвали 3.1. - Натиҷаи кори амсилаи иқтисодӣ – математикӣ, оптимизатсионии бозори хизматрасонҳои алоқаи мобилӣ

								Варианти 1.
НАТИҶАИ КОРИ БАРНОМА								
c=	265,09	249,83	170,45	296,64				
						b=		**y=**
A=	1,00	0,00	0,00	0,00	>=	1,23		0,00
	0,00	1,00	0,00	0,00	>=	2,65		0,00
	0,00	0,00	1,00	0,00	>=	3,45		0,00
	0,00	0,00	0,00	1,00	>=	8,65		0,00
	110,20	120,69	12,00	123,47	<=	12000,00		1,00
	88,69	97,14	90,73	99,00	<=	18500,00		1,00
	66,20	32,00	67,72	74,17	<=	12560,00		1,00
Ҳал:								
						max		
X=	1,23	31,19	109,31	54,98	**<c,x>=**	43060,00		
Ҳисоб аз рӯйи амалиёт:			*Пурсида нашуд*					

Шумораи амалиёт – 8 Вақти ҳалли масъала 0:00:06

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф бо истифода аз барномаи оптимизатсионии Fin Plus

Дар асоси таҳқиқоти пешниҳодшуда ва муайян кардани варианти оптималии хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ (ҷадвали 3.1.) мо ба хулосае омада метавонем, ки фаъолияти бозори муосири алоқаи мобилӣ ба таври оптималӣ амал намекунад. Ба ин аз ҳад зиёд будани талаботи аҳолӣ аз арзаи

ташкилоти таъминкунанда шаҳодат додааст, арзиши нишондиҳандаи нарх аз баробари 1 воҳиди меъёрӣ аст. Дар баробари ин, месазад хотиррасон намуд, ки талабот дар бозори алоқаи мобилӣ нисбат ба пешниҳод чанд маротиба зиёдтар аст. Ҳамин тариқ, ширкатҳои мобилӣ дар натиҷаи пешниҳоди хизматрасони мушаххас як қисми фоидаро ба даст намеоранд.

Варинати оптималии 2 – юм нишон медиҳад, ки дар сурати афзоиши имконпазири захираҳои меҳнатӣ аз ҳисоби афзоиш додани нуқтаи хизматрасонӣ ба муштариён даромади ширкат низ ба маротиб афзоиш меёбад.

Дар ҷадвали 3.2. – юм варинати 2 – юми оптимали-кунонии хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ пешниҳод карда мешавад.

Ҷадвали 3.2. Натиҷаи кори амсилаи амсилаи иқтисодӣ – математикӣ, оптимизатсионии бозори хизматрасонҳои алоқаи мобилӣ*

								Варианти 2.
				НАТИҶАИ КОРИ БАРНОМА				
c=	265,09	249,83	170,45	296,64				
						b=		**y=**
A =	1,00	0,00	0,00	0,00	>=	1,23		0,00
	0,00	1,00	0,00	0,00	>=	2,65		0,00
	0,00	0,00	1,00	0,00	>=	3,45		0,00
	0,00	0,00	0,00	1,00	>=	8,65		0,00
	110,20	120,69	12,00	123,47	<=	12000,00		1,00
	88,69	97,14	90,73	99,00	<=	18500,00		1,00
	66,20	32,00	67,72	74,17	<=	12560,0		1,00

						0		
Ҳал:								
						max		
X =	1,23	31,19	109,31	54,98	<c,x> =	43061,10		
Ҳисоб аз рӯйи амалиёт:			*Пурсида нашуд*					

Шумораи амалиёт – 8 Вақти ҳалли масъала 0:00:06

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф бо истифода аз барномаи оптимизатсионии Fin Plus

Дар кишварҳои аврупоӣ гузариш ба рақобати ошкоро дар бозорҳои алоқаи мобилӣ ҳадафи асосии ислоҳоти кунунии чунин бозорҳо маҳсуб мешавад.[101]

Равиши аврупоии танзими муносибатҳо[102] дар соҳаи алоқаи мобилӣ ба консепсияи ягона ва назарраси бозор асос ёфтааст, ки дар доираи он институти ҳуқуқии монополияи табиӣ татбиқ намегардад. Объекти танзим бозорҳои молӣ мебошанд, ки дар аввал ба бозорҳои яклухт барои дастрасӣ ва истифодабарии инфрасохтори алоқа (ҳамкории байни операторон) ва бозорҳои чаканаи хизматрасонии алоқа барои истифодабарандаи ниҳоӣ тақсим мешаванд. Таснифи минбаъдаи бозорҳо ба маълумоти талабот ва пешниҳод асос ёфтааст[103]. Нақши асосӣ ба танзими дастрасӣ ба инфрасохтори

[101] Ю.А. Нисневич, Е. А. Войниканис, Проблемы государственного регулирования рынка телекоммуникаций и связи в России / Нисневич Ю. А., Войниканис Е. А. // 2007. № 4. С. 86-89.


[102] Соперничество стационарной и мобильной связи в центральной и восточной Европе.Век качества. 2009. № 2. С. 43-45.

[103] Климченя Л.С., Флерко С. Исследование становления рынка услуг мобильной связи Беларуси / Л.С.Климченя, С. Флерко // Маркетинг: идеи и технологии. 2010. № 2. С. 30-34.

коммуникатсионӣ ва ҳамкории байни операторҳо гузошта шудааст[104].

Муомилоти хизматрасонии алоқаи мобилӣ дар асоси меъёри «зангзананда бояд пардохт намояд» ба роҳ монда шудааст. Ин ҳаракатҳо баръакс боиси зиёдшавии муштариёни он гардид. Новобаста аз мушкилоте, ки дар замони аввали фаъолияти операторҳо ҷой дошт, муштариёни онҳо кӯшиш намудаанд доираи хизматарсониро на танҳо ба фоидаи худашон, балки ба фоидаи ширкатҳо низ истифода намоянд.


Дар намуддори навбатӣ ду унсури ташкили фаъолияти бозор, ки дар натиҷаи омӯзиш ва коркарди амсилаи оптмизатсионӣ ва иқтисодӣ-математикии бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ роҷеъ шудааст пешниҳод карда мешавад:



Расми 22. Гардиши мубодилавии унсурҳои таркибии БХАМ дар шароити рақамикунонӣ (таҳияи муаллифи монография)

[104] Лабазанова Д.Б. Стратегическое развитие услуг операторов мобильной беспроводной связи на конкурентном рынке в России / Д.Б. Лабазанова //Экономика и предпринимательство. 2015. № 5-2 (58). С. 939-941.

Дуюм ин таъсири омили равонӣ ва таъсири ҳаракатҳои иҷтимоӣ дар шароити рақамикунонӣ.



Расми 23. Таъсири фарҳанги иттилоотӣ ва унсурҳои иртибототии ҷамъиятии БХАМ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт (таҳияи муаллифи монография)

Дар ҳарду намуддор (расми 22 ва расм 23) муқаррар намудани меъёрҳои бартарӣ дар ин бозорҳои ба таври мушаххас оварда нашудаст, лекин ба ду масъалаи муҳим такмили пойгоҳи рақамӣ ва маданияти истифодаи хизматрасонӣ ба таври мушаххас оварда шудааст. Дигар масоил бошад ба масоили вазифаҳои танзими давлатиии соҳаи алоқа ва усулҳои таъсири танзимкунанда, ки ба ин вазифаҳо мувофиқанд нигоҳе кӯтоҳе равона гардид. Аз ҳамин хотир, мо

дар параграфи навбатӣ ҳарду масъаларо ба таври мушаххас дида мебароем.

Фаъолияти сармоягузорӣ дар ин соҳаҳо, минбаъд мувофиқи талаботи муқаррарнамудаи давлатӣ бо роҳи ҳавасмандгардонии ҷалби мустақими сармоягузориҳо аз ҷониби операторҳо амалӣ карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, самтҳои асосии такмили бозори хизматрасониҳои телекоммуникатсиониро ҷамъбаст намуда, бояд қайд кард, ки қабул ва татбиқи чорабиниҳои дар боло зикршуда дар рушди бозори хизматрасонии алоқа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ояндаи дарозмуддат нақши муҳим ва ҳалкунанда мебозад.

3.2. Такмилдиҳии самтҳои афзалиятноки рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ

Дар шароити рақамикнуонӣ мақсад ва вазифаи асосии дилхоҳ субъекти иқтисодӣ ба расмият даровардани мизони фаъолият бидуни дахолати беруна мебошад. Аз ҳамин хотир мо дар ҷараёни таҳқиқот кӯшиш намудем мақсад вазифа ва самти фаъолияти БХАМ – ро ба таври мӯъҷаз мавриди таҳқиқ қарор диҳем.

Шаҷараи зарурати табодули ба истилоҳ рақамикунонии бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ маънои гузариши он ба намуди рақамиро ифода менамояд. Аз ҳамин нуқтаи назар қадамҳои асосӣ дар низоми танзими давлатӣ ва самтҳои мақсадноки он дар шароити муҳити рақобатнок ва фазои рақамикунонӣ зарур мебошад. Барои ҳамин таҳқиқи се самти асосӣ ба манфиати кор хоҳад буд:

- ташкили майдони рӯйнамоӣ ва коркарди маҳсулоти нави шабакавӣ бо истифодаи имкониятҳои ХАМ;

- такмил, таҳия ва навсозии пойгоҳҳои меъёрӣ, ҳуқуқӣ ва шартҳои ташкилии онҳо;
- дигарнамоии шакли таснифоти нишондиҳандаҳои бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, дар умум ҳамаи бозорҳои ба истилоҳ рақамӣ ё электронӣ;
- омоданамоии мутахассисони соҳавӣ аз ҳисоби ҷавонони касбомӯз ва барномасозони касбӣ;
- ҷоринамоии хизматрасониҳои хусусияти умумидошта ва оммавигардонии ҳамаи намудҳои он.

Ҳамвор намудани роҳи рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ба такмили самтҳои он такя намуда, минбаъд бояд ҳамчун сарманшаи бунёди хатҳои рақамии онҳо баромад намояд [105].

Барои ҳамин омӯзиши ҳолати ояндаи БХАМ дар Ҷумҳури Тоҷикистон ва дар ин росто ошкорсозии ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии он дар тамоми зинаҳои таҳлили муҳим буда, боиси рушди нуқтаи аввалии соҳоти зертаҳқиқ мегардад. Мо мутмаинем, ки ҳадафҳо ва самтҳои дар ин росто ироа гардида мизони нави фаъолиятро ба вуҷуд оварда, шохаҳои дигари амалкардро барои ҳам давлат ва ҳам субъекти бозори ХАМ фароҳам меорад.

Дар маҷмӯъ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кушода шудани бозори хизматрасонии алоқа бояд боиси паст шудани ғайриинҳисорикунонии бозори дохилӣ, оқилона истифода

[105] Васильев С.А. Направления совершенствования нормативного правового регулирования деятельности хозяйствующих субъектов в республике Крым и городе Севастополе / С.А. Васильев // Российское право онлайн. 2018. № 1. С. 31-37.; Чащин В.В., Недужная Н.Ю. Управление экономическим оппортунизмом на рынке мобильной связи России: теоретические и практические аспекты / В.В. Чащин, Н.Ю. Недужная // Современная экономика: проблемы и решения. 2014. № 4 (52). С. 94-102.

шудани тарифҳо ва мутобиқан бо фоида барои истеъмолкунандагон гардад. Бо афзоиши гардиш дар ин соҳа мо бояд вуруди кормандон ва афзоиши хароҷоти сармояи операторонро интизор шавем.

Тадқиқи дидгоҳи назариявӣ ва қисман амалӣ ба пурра аз байн бурдани мушкилоти ҷойдоштаи БХАМ кӯмак расонида се равиши навро ба вуҷуд меорад: бартараф намудани хатарҳои эҳтимолӣ; рушд ва ё афзоиш додани низомҳои пардохтӣ; воридсозии дастгоҳҳои нави рақамӣ.

Дигар ҷанбаи масъала таҳияи стратегияи рушди бозор бо мақсади идора намудани захираҳои дар ихтиёри корхона буда ва истифода сарфакоронаи он дар ноҳияи муайян мабошад. Пеш аз ҳама, бояд нақши захираҳо дар инфрасохтори умумии бозори хизматрасонии алоқа пеш ояд.

Дар баробари ин, барои таъмини рушди устувори операторони инфиродии бозори хизматрасониҳои телекоммуникатсионии кишвар метавон якчанд стратегияҳои асосиро пешниҳод кард.

Дигар стратегияи рушди БХАМ бояд амалисозии ҳадафи дохилии ширкатҳои алоқи мобилӣ барои давраи кӯтоҳмуҳлат, дарозмуҳлат ва миёнамуҳлат бошад. Дар муҳити рақобатнок стратегияи ҳадафманди ширкат бояд фаъолияти рушди онро барои давраи дарозмуддат кафолат дода тавонад. Ин принсип дар сурати амалишавӣ метавонад майдони фаъолияти онро фарох намуда, имконияти ҷалби муштариёнро ба маротиб афзоиш диҳад.

Эҷоди бренди қавӣ ба ширкатҳо имкон медиҳад, ки хароҷоти таблиғро сарфа кунанд, ки ин шарти ҳатмӣ барои эътимоди истеъмолкунандагон ба ширкат аст.

Стратегияи баъдии он ташаккули БХАМ дар шароити рақамикунонӣ якҷо бо мақсадҳои давлатӣ мебошад. Дар

ҳолати мувофиқат намудан ба стратегияи давлатӣ низоми муомилот ва танзимоти бозор дуруст афоиш меёбад. Аз дигар тараф, ин стратегияи ҳадафманд дахолати давлатиро кам намуда, имконияти шаффофи фаъолиятро бидуни таъсири омилҳои сунъӣ ба роҳ мемонад. Имрӯз мушоҳида мешавад, ки асарияти ширкатҳо побанди чунин дасгирӣ мебошанд.

Операторҳо наметавонанд маҷмӯи хизматрсониҳоро алоҳида таҳия кунанд. Барои ривоҷи пурсамари фаъолияти ширкатҳои алоқа дар ин соҳа шумораи бештари корхонаҳои пешқадами алоқаро ҷалб кардан зарур аст.

Стратегияи чоруми муҳим ин кори фаъол бо дилерҳои ширкатҳо мебошад, зеро дилерҳо дар тақсимоти хадамоти алоқа нақши муҳим доранд.


Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳама гуна хизматрасонии инноватсионӣ, ки хидматрасонии алоқа низ дар бар мегирад, кори ҷиддиро барои фаҳмондадиҳӣ ва омӯзонидани корбарон, инчунин танзими хидматҳо талаб мекунад. Истифодаи шабакаҳои мавҷудаи дилерӣ барои татбиқи чунин фаъолиятҳо метавонад таваҷҷӯҳи корбарони ниҳоӣ ба хидматрасониҳои навро ба таври назаррас таҳрик диҳад.

Новобаста аз он, ки ширкатҳои мобилӣ аз тағйироти сохторие, ки дар бахши мухобирот дар Тоҷикистон ҷорӣ шудаанд, истиқбол кардаанд, дар танзими бозори мухобирот дар кишвар тағйироти ҷиддӣ ба нафъи операторони хусусӣ мушоҳида намешавад.

Ташкили сохтори алоҳидаи Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бартарафнамоии мушкилоти зиёди дар БХАМ мавҷудбуда мусоидат намуд. Ин равобит имконият фароҳам овард, ки ширктаҳо иҷозатномаи хешро зуд бо дарназардошти вақти кам ва хароҷоти кам ба даст оранд. Дар асл баъзе мушкилоти дигар боқӣ монданд, ки

самаранокии фаъолияти ду ҷонибро мураккаб намуда, як намуд ҷойгоҳи холиро ба вуҷуд овард, вале новобаста аз ин боз мушкилоти андозӣ ва нархгузорӣ пеш омаданд.

Барои ҳамин мо дар идома дар шакли намуддор сохтори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод менамоем (расми 24).



Расми 24. Сохтори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамикунонӣ

Дар ҳамин росто ба истиснои пайвастшавӣ тавассути оператори давлатӣ, дигар тамоми намуди пайвастшавиро маҳдуд намуд.

Вобаста ба ҳамаи ин мо зарурати ниҳоди навтаъсисро ҷонибдорӣ менамоем. Дар чунин ақида ҳастем, ки бо мақсади рушди мусбати фаъолияти тиҷорати миллӣ ва хориҷӣ, рақамикунонии равандҳои иқтисодиёти миллӣ мо пешниҳод менамоем, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзимгари нави мустақили бозори хизматрасонии алоқа таъсис дода шавад.

Таҳлилу баҳодиҳии ҳолати рушди нишондиҳандаҳои БХАМ дар кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар ин мамлакатҳо танзимгари мустақили соҳоти алоқаи мобилӣ вуҷуд дорад. Мушоҳида мешавад, ки вазифаи асосии ин гуна сохтори давлатӣ ошкор ва баратараф намудани мушкилоти соҳа буда, дар назди ҷомеаи маданӣ аз фаъолияти анҷомдодааш ҳисобот медиҳад.

Ғайр аз ин дар, шароити рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ новобаста аз чораандешиҳои давлатӣ, ки дар шакли қонун, санадҳои зертобеӣ, қарорҳо ва фармонҳо қабул мешавад боз ҳам баратарафнамоии монополияи яктарафа мушкил боқи мемонад. Сабаби чунин як ғайритағйирпазириро дар набудани оператори милли фаъолияткунанда дар кишвар унвон медиҳанд. Аксарияти ширкатҳои мавҷудбуда бо ёрии имконоти берунӣ фаъолият намуда ҳатто қонунҳои миллиро нақз менамоянд. Чунин равобити мустақим, ки ширкатҳо анҷом медиҳанд талаб менамояд, ки демонополиякунонии фаврии он анҷом дода шавад.

Барои ҳамин давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд дар якҷоягӣ масъалаи бунёди чунин маркази мустақилро таъсис дода, дар асоси қонунҳо ва дигар санадҳои зертобеӣ фаъолияти онро ба уҳдаи шахсони донишманд, собиқадорони

соҳаи алоқа, коршиносони сатҳи ҷаҳонӣ, намояндагиҳои ташкилотҳои ҷаҳонӣ, институтҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, донишгоҳҳо ва ғайраро сафарбар намуда, масъалаи шаффофияти рушди онро ҳаматарафа матраҳ намоянд[106].

Унсури бунёдии рушди инноватсионии соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотӣ дар маҷмӯъ донишкадаҳои махсус буда, дар ҳамонҳанги бо ташкилоти давлатии махсусгардонидашуда мизони фаъолияти онро ба танзим медароранд. Ҷорӣ намудани оператори ҳушманд фазои мубодилавии иттилоотро дигар намуда, ду меъёри фаъолияти онҳоро бояд ба зимаи худ гиранд.

Дар идома самтҳои ояндадор ва афзалиятноки БХАМ – ро пешниҳод менамоем:

- ❖ дигар намудани фазои ҷалби сармоягузорӣ ва васеъсозии муҳити фаъолияти бозор;
- ❖ истифода намудани тамоми мушаххасоти илмӣ (натиҷаи корҳои илмӣ таҳқиқотӣ) дар шароити рақамикунонӣ;
- ❖ таъсиси пойгоҳи миллии мухобиротӣ бо мақсади мубодилаи иттилоот дар кишвраҳои ҷаҳон;
- ❖ таъсиси се низоми ҳадафманд: менеҷери касбӣ, барномасози касбӣ ва равоншиноси касбӣ, ки мақсади аввала ва ниҳоии раванди пешниҳоди хизматрасониро ба истеъмолкунандагон ва пешниҳодкунандагон мерасонанд[107].

---

[106]Швец Ю.Ю., Швец И.Ю. Регуляторна політика держави в управлінні якістю та конкурентоспроможністю послуг / Ю.Ю.Швец, И.Ю. Швец // Автореферат дисертації на здобуття наукового ступеня кандидата економічних наук / Классический приватный университет. Запоріжжя, 2010.; Беркович М.И., Ильинская Н.А. Конкуренция на рынке телекоммуникаций Костромской области / М.И.Беркович, Н.А. Ильинская //Сборник научных трудов вузов России «Проблемы экономики, финансов и управления производством». 2013. № 34. С. 105-109.

[107] Шамсов И.С., Саидова Ш.С. Развитие рынка телекоммуникационных услуг в республике таджикистан: организационно-правовые аспекты / И.С., Шамсов Ш.С.

Шароити зудивазшавандаи ҷаҳони муосир собит менамояд, ки аксарияти ширкатҳо манофеи миллӣ кишварҳои дигар ва тиҷоратии худашонро амалӣ намуда, ба раванди пешниҳоди иттилооти дақиқ ва хизматрасонии сифатнок қариб кор намекунанд.

Масоили овардашуда моро водор менамояд, ки стратегияи рушди соҳа бозбинӣ шавад ва консепсияи нави милликунонии ширкатҳои хадамоти алоқа пешбинӣ карда шавад. Чунин мақсади ҳадафманд мизон ва тавозуни баробариро дигар намуда, се унсури бо ҳамории онро барои тамоми система ва иқтисодиёту саноат ба вуҷуд меорад:

1. Рушди иқтисодиёти миллӣ дар заминаи технологияҳои рақамӣ ва хадамоти алоқа;
2. Милликунонии операторони мобилӣ ва ба тавозуни Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани дороиҳои онҳо;
3. Зина ба зина нав намудани пойгоҳи иттилоотӣ ва таҳлилӣ, инчунин техникӣ ва барномавии он.

Дар сурати амалӣ шудани чунин тадбирҳо масоили дастрасӣ ба хизматрасониҳои алоқа ва интернет дар тамоми муассисаҳои таълимӣ ва томактабӣ ба роҳ монда мешаванд. Ин раванд иконият медиҳад, ки на танҳо масъалаи дастрасӣ ба интернет осон гардад, балки пойгоҳи илмию таҳқиқоти рушд намуда, тиҷоратикунонии натиҷаҳои корҳои илмӣ таҳқиқотӣ, омоданамоии мутахассисони кордон пеш меояд.

Самти фаъолияти дигари БХАМ дар баробари танзимгари мустақил сегментатсия (қисмбанди) – и хизматрасониҳо мебошад. Ҳадафи дарҷгардида бояд амалишавии бандҳои

Саидова // Вестник Таджикского национального университета Серия социально-экономических и общественных наук.– 2017. –№2/5. Часть 2. С. 9 14

зерироашударо бо тамоми хусусиятҳояш ба инобат гирад:

- таъминии рақобати шаффоф;
- тадриҷан риоя намудани меъёри рақобат;
- фароҳам овардани муҳити солим;
- сода гардонидани усулҳои иҷозатномадиҳӣ;
- бо ёрии усулҳои муосири иқтисодӣ идоранамоии раванд;
- танзими фаъолияти ширкатҳое, ки дар БХАМ фаъолият менамоянд;
- ҳимояи манфиати истеъмолкунандагон;
- дар суртаи мавҷуд набудан таҳияи бандҳои алоҳидаи қонунӣ бо мақсади таъмини ҳимояи ҳуқуқии истеъмолкунандагон;
- аз лиҳози равонӣ омода намудани иштирокчиёни раванд.

Ташкилотҳои ҷаҳонии дар ин самт амалкунанда низ ба умумияти ин принсипҳо ишора менамоянд. Хусусияти асосии ин принсипҳоро дар идома пешниҳод менамем:

- суботи иҷтимоӣ ва истиқлолият дар самти пешниҳоди ХАМ;
- иҷроиши ӯҳдадориҳои вазифагӣ ва баландбардории салоҳиятнокӣ;
- ҳамгироӣ ва афзоиши ҳисси таҳамулпазирӣ;
- дарки масъулият ва сермаҳсулӣ [108].

[108] Государственное регулирование и развитие рынка сотовой связи: мировой опыт и реалии России. Отчет по итогам исследования ComNews Research, Сентябрь 2010.-С.10.; Стародубцева В.В., Гилилова Е.Д. Проблемы эквивалентности прав производителей и потребителей телекоммуникационных услуг / В.В.Стародубцева, Е.Д. Гилилова //В сборнике: Торговля и сервис от настоящего к будущему: инновации в сфере товаров и услуг. Сборник трудов по материалам молодежной конференции. Ответственный редактор О.Е. Пирогова. 2017. С. 265-269.

Мавҷудияти батанзимдарорандаи мустақилро ширкати иттиллотию таҳлилӣ ва тиҷоратии «Comnews Research» ба риштаи таҳил кашида муқаррар намудааст. Ӯ дар торномаи худ чунин нигоштааст, ки имрӯз танзимоти мустақил дар 50-штат пурра фаъолият намуда, назди 85 % аз тамоми танзимгарони мустақилро нисбат ба тамоми кишвраҳои ҷаҳонро ташкил медиҳанд.

Дар байни солҳои 2004 ва 2009, шумораи давлатҳои дорои танзимгари мустақили саноат 20% афзоиш ёфт. Рӯйхати кишварҳое, ки дар онҳо танзимгари мустақил вуҷуд надорад, аз 40-давлат иборат аст (ниг. ба ҷадвали 3.1.). Танҳо ду кишвар дар 6 соли охир мақоми танзимкунандаро ба самти муқобил - аз мустақил ба вобаста иваз карданд. Аз ҷумла, дар соли 2009 Баҳрайн ва Гурҷистон мақоми мустақилият аз танзимгари мухобиротро лағв карданд. Мушкилоти асосии ба таври кофӣ рушд накардани соҳа дар ин кишварҳо маҳз лағви тавонмандиҳои низомҳои танзимоти мустақил будааст.

Ҷадвал 3.3. Кишварҳое, ки танзимгари мустақили соҳаи алоқа надоранд, соли 2023

Африқо	Осиё	Шарқ	Амрико ва Аврупо	ИДМ
Свазиленд Конго Экваториальная Гвинея Сейшельские острова Танзания	Вьетнам Хитой КНДР Фиджи Ҷопон Острова Маршала Микронезия	Кувейт Ливиё Йемен Сурия Бахрейн Союз Коморских островов Ироқ Сомали	Куба Антигуа и Барбуда Белиз Андорра Израил Монако Сан-Марино	Россия Беларус Гурҷистон Азорбаҷон Тоҷикистон Туркманистон Узбекистон

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Зарурати ташкили идоракунандаи мустақил дар аксарияти кишварҳои ҷаҳон мушоҳида мешавад. Кишварҳои АМА, ШМА, Иттиҳоди Аврупо масъалаи мазкурро бунёд ва пояи рушди кишвар медонанд. Ҳатто дар низомномаи Иттиҳоди Аврупо чунин нигошта ҷой дорад «... ҷомеаи кишварҳои узвияти Иттиҳоди Аврупо, кӯшиши ҳаматарафаи худро бояд ба танзимоти миллӣ мустақилкунанда кафолат дода тавонанд. Филҷумла, сохтор ва созмонҳои ИА бояд шабакаҳои системаҳои алоқа ва хизматрасониҳои онро аз лиҳози мустақилият ва субот таъмин намоянд. Чунин тарзи тақсимот, ки дар низоми танзимоти бозори хизматрасониҳои алоқа хусусияти рақобатпазирии алоқаро таъмин менамояд, зарур мебошад» [109].

Бояд ишора намуд, ки мамлакатҳои аъзои Созмони умумиҷаҳонии савдо дар асоси принсипҳои ӯ муаззаф ҳастанд, ки дар кишварҳои узв танзимгари мустақил бошад. Протоколи махсуси СУС оид ба алоқаи мобилӣ таъкид мекунад: «... таҷрибаи амалии кишварҳои ИА собит менамояд, ки мақомоти танзимгари мустақил бояд ба ҳеҷ як ширкати мобилӣ ва ё оператори миллӣ ҳисобот надиҳад ва қарорҳои қабулнамудаи онро ҳамчун санади ҳуқуқӣ қабул намоянд. Мизони шаффофияти фаъолият

[109] http://ec.europa.eu/information_society/policy/ecomm/current/index_en.htm.; Бармотина М.В. Влияние государственного регулирования на развитие рынка услуг мобильной связи / М.В. Бармотина //Менеджмент и бизнес-администрирование. 2011. № 1. С. 68-85.; Шелест Д.А. Рынок услуг связи: технологии продаж сотового оператора «Мобильные телесистемы»/ Д.А. Шелест //В сборнике: Исследование актуальных проблем экономической теории и практики. Сборник научных работ студентов. Отв. за выпуск Л.В. Гоголина, Д.П. Бусько. Москва, 2017. С. 32-35.

дар доираи принсипи мустақилият ва вобаста набудан ба роҳ монда шавад». «Танзимгари воқеии муассир, инчунин бояд аз таъсири мустақими сиёсии саноат ва ниҳодҳои давлатӣ ҳифз карда шавад. Он инчунин бояд дар соҳаҳое, ки танзим мекунад, салоҳияти дақиқи муайян дошта бошад ва ба таври кофӣ ташкил карда шавад, ки қобилияти ҷалб намудани кадрҳои баландихтисосро дошта бошад», гуфта мешавад дар тавсияҳои СУС.

Чунин амалкарди СУС на танҳо натиҷаи таҳқиқоти ӯ, балки аксарияти ташкилот ва созмонҳои ҷамъиятӣ ва давлатии сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ мебошанд. Дар ҳама ҳолат бояд низоми идоракунӣ тариқи мафкураҳои дақиқ, ақалиятҳои зеҳнии тавонманд дошта, амалӣ карда шавад, чун зимоми қабули қарор кори саҳлу осон нест.

Чунин меъёри амалиёт имконият медиҳад, ки ҳам давлат ва ҳам ташкилоти тиҷоратию хусусӣ зимоми идоракунии соҳаро зери назорат гирифта, муштариёни зиёдро дар доираи як хизматрасонии сифатнок ҷалб намояд ва даромади ҷолиб низ ба даст орад.

Принсипи асосие, ки тамоми кишварҳоро ба ҳам мепайванданд, мансубияти онҳо ба кишварҳои ба истилоҳ ақибмонда ё рӯ ба тараққӣ буда, дорои навъи пешрафтаи рушди низоми нав ҳастанд. Мисоли ин кишварҳо Ҷопон ва Исроил, ки дар ин самт пешрафта мебошанд бо дарназардошти хусусиятҳои таърихӣ мақомоти танзимкунанда аз давлат ҷудо нестанд. Ин ҳолат равандеро бештар ҳимоя мекунад, ки танзимгари

мустақил воситаи пешрафтаи бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва стратегияи рушди он ва умуман иқтисодиёт буда метавонад.

Инчунин, афзоиши шумораи танзимгари мустақили алоқа дар кишварҳои ИДМ ба назар мерасад. Дар миқёси давлатҳои ИДМ ба аксарияти онҳо муяссар гардидааст, ки низоми танзимоти мустақилро ташкил диҳанд ва мутаассифона дар бархе аз онҳо ҳамон вазорату идораҳои кӯҳна ва мероси замони Шуравӣ боқӣ мондааст. Албатта, роҳи расидан ба ин муваффақияти бемисл кори саҳлу осон нест. Дар аксарияти кишварҳои ҷаҳон ин низом ҳанӯз солҳои 2000 – ум фаъол гардидааст. Ин кишварҳо дар аввал мубталои чунин мушкилоти мураккаб ва баҳсбарангез буданд. Ҳоло танзимоти мустақилро мамлакатҳои Арманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова ва Украина таъсис додаанд. Лекин дар бархе аз кишварҳои ба монанди Озарбойҷон, Гурҷистон, Русия, Белорус, Тоҷикистон, Туркманистон ва Узбакистон низоми нимамустақил ва вобаста боқӣ мондааст. Дар Туркманистон ва Беларус мавҷуд набудани танзимгари мустақил бо режими сахти сиёсӣ шарҳ дода мешавад[110].

Дар Озарбойҷон (маҳсулнокиаш назар ба Гурҷистон камтар) дар солҳои 2005-2006 кӯшиши таъсиси

[110] Государственное регулирование и развитие рынка сотовой связи: мировой опыт и реалии России. Отчет по итогам исследования ComNews Research, Сентябрь 2010. – С.12.; Перекалина Н.С., Мешавкин А.Б. Формирование рынка услуг мобильной связи в России / Н.С. Перекалина, А.Б. Мешавкин // Научные труды Вольного экономического общества России. 2006. Т. 74. С. 260-269. Саидова Шахноза Саидовна Формирование и развитие рынка телекоммуникационных услуг в Республике Таджикистан (на примере операторов мобильной связи). дисс. канд. экон. наук / Ш.С. Саидова // Душанбе, ТНУ. 2018. 150 с.

танзимгари мустақил сурат гирифта буд, аммо бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ ва бюрократизатсия дар қабули қонунҳо, ки хоси давлатҳои ИДМ аст, боис шудааст, ки ин ташаббус то ҳол амалӣ нагардидааст[111].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъала кайҳо зери назари тамоми низом ва сохторҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Яъне мақсади асосии ҳамаи инҳо, якто, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва кам кардани нархи он дар доираи ҳиссаи даромади хонаводагӣ ва фардӣ мебошад. Бинобар сабаби дар монополияи ширкатҳои хусусӣ қарор доштани бастаи калони хизматрасониҳо чунин шакли коркарди масъала боз ҳам мураккабу баҳсталаб гардида истодааст,ки ин варианти охирини ҳалли масоил буда наметавонад. Барои ҳамин дар охири соли 2023 ба якчанд ширкати мобилӣ барои ироаи бастаҳои нисбатан нав иҷозатномаи пешниҳоди хизматрасонӣ, ки мустақим амал мекунанд дода шуд.

Бо вуҷуди пофишориҳои зиёд ва дарки моҳияти масъала, инчунин пурзӯр шудани назорат аз болои фаъолияти ширкатҳо дар соҳа чунин алгоритми амалҳо оид ба таъсиси танзимгари мустақили соҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадриҷан амалӣ карда мешавад (расми 25).

[111] Разроев Э.А. Разработка методического аппарата организации работы оператора виртуальной сети мобильной связи / Э А. Разроев // дисс. канд. экон. наук, МТУСИ, 2007. 180 с.; Саидова Шахноза Саидовна Формирование и развитие рынка телекоммуникационных услуг в Республике Таджикистан (на примере операторов мобильной связи). дисс. канд. экон. наук / Ш.С. Саидова // Душанбе, ТНУ. 2018. 150 с.



Расми 25. Вазифаҳо ва мақсадҳои асосии танзимгари мустақили соҳаи ХАМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳияи муаллифи монография)

Барои баррасии бештари масоили дар боло дарҷгардида, зарурати ошкорсозии самтҳои афзалиятноки бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонӣ пеш омадааст. Дар расми 26 самтҳои афзалиятноки рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва мӯҳтавои он пешниҳод карда шудааст.



Расми 26. Самтҳои афзалиятноки рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ (таҳияи муаллиф)

Аз умдатарин вазифаи бозори хизматрасонии алоқаи мобилиро метавон принсипи хизматрасонии универсалӣ номид.

Хизматрасонии зикргардида аз зумраи унсури муҳим ва ба ҳама маъмули идораи ҳамаи зихираҳо мебошад. Танҳо роҳи асосии он дастрасии ба ин навъи захираҳо ва зина ба зина фароҳам овардани шароити дастрасӣ ба он мебошад. Механизми имрӯзаи иқтисодиёт аз чанд самт бояд мушкилотро ба назар гирад ва барои баррасии он чораҳои имконпазирро аз нигоҳи назарияҳои муосири илмӣ пешниҳод ва амалӣ намояд [112].

Интихоби принсипи хизматрасонии универсалӣ ҳамчун стратегияи асосии рушди алоқаи мобилӣ бо зарурати ноил шудан ба сатҳи ҳадди имконпазири дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои иттилоотӣ ва алоқа пазируфта шудааст. Мо дар чунин ақида комилан мувофиқ мебошем, ки навгониҳои рақамӣ роҳи интиқоли кишвари моро ба ҷомеаи аз нигоҳи техникӣ пешрафта ва рушдёфта ҳамвор менамояд.

Аксаран кишварҳои пешрафтаи саноатии ИА – ро барои дастёбӣ ба маҳсулоти аввалиндараҷа, сода кардани раводид ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои маҳдуд истифода менамоянд. Дар ҳақиқат дар сурати амалишавии он тамоми мушкилоти марбут ба ҷойгиршавии минтақаҳо, хусусан нархи он сабукӣ пеш меояд [113].

Операторone, ки ӯҳдадориҳои хизматрасонии универсалиро доранд, операторони универсалӣ номида мешаванд. Ин нақшро аксар вақт операторони амалкунанда иҷро мекунанд,

[112] Мардер Н.С. Современные телекоммуникации / Н.С. Мардер //. - М.: ИРИАС, 2006. С.5

[113] Communication Outlook / OESD, Paris, 1999. – P. 138

аммо дар баъзе кишварҳо метавонанд ин нақшро операторони дигар низ иҷро кунанд.

Муташаккилан нуқтаи назари харочоти маъмурии онҳо, пешниҳоди хизматрасонии универсалӣ он вақт бесамар аст, ки на танҳо барои пардохтпазирии истеъмолкунандагони муфлис, балки ҳалли вазифаи калонтар оид ба васеъ намудани инфрасохтори алоқаи мобилӣ, таъмини имкони техникии расонидани хадамоти алоқа дар ҳолатҳои заруриро ба инобат гиранд. Тааҷҷубовар нест, ки ин гуна механизмҳо бештар дар кишварҳои пешрафта дида мешаванд, ки дар он ҷо танҳо мушкилоти дастгирии шумораи ками хонаводаҳои камбизоат вуҷуд дорад, на телефоникунонии тамоми маҳалҳои аҳолинишин ё минтақаҳо.

Дар натиҷа, таҳкими қонунгузории механизми хизматрасонии универсалӣ барои ҳалли масъалаи таъмини дастрасии ҳамагон ба захираҳои иттилоотӣ заминаҳои зарурӣ фароҳам меорад. Рушди минбаъдаи механизми хидматрасонии универсалӣ тағйир додани таркиби хизматрасониҳои ба сифати универсалӣ таснифшуда ва истифодаи нақшаҳои нави пешниҳоди ин хизматрасониҳоро дар назар дорад.

Бо таҳқиқи зарурати ташкили механизмҳои хирматрасонии универсалӣ дар соҳаи алоқаи мобилӣ, ба чунин натиҷа дастёб шуд, ки новобаста аз вазъи бозори хизматрасониҳои телекоммуникатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қобилияти пардохтпазирии истеъмолкунандагон, хизматрасонии универсалӣ ҳамчун кафолати дигари иҷтимоии давлат дар мавриди дастрасии ҳамагонӣ, хизматрасониҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ хизмат мекунад.

Такмили инфрасохтори БХАМ ва шабакаҳои алоқа самти афзалиятноки сиёсати сармоягузории давлатӣ дар соҳаи алоқаи мобилӣ мегардад. Дар давоми таҳқиқот мо ба масъалаи

ташаккули бозор дар заминаи такмили механизми ташкилӣ ва иқтисодии рушди БХАМ диққат медиҳем. Таҳқиқи ҳаматарафаи онро дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзмара ва мувофиқ ба талаботи БХАМ меномем.

Масоили бунёдии дар боло матраҳ гардида метавонад ҳамчун меъёри баҳаморандаи тамоми системаи БХАМ гардад.

Дар ҳамин росто таҷдиди шохаҳои БХАМ ба навсозӣ ва васеъ намудани шабакаҳои алоқа дар шаҳри Душанбе нигаронида шавад, чунки ин тарзи фаъолият имконият медиҳад тадбиқи самараноки захираҳои дар ихтиёри ширкатҳои миллӣ буда пурра истифода гарданд. Дар қисми навбатии таҳқиқ масоили такмили танзими идоракунию давлатии БХАМ мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад.

3.3. Такмил ва тавсияи механизми танзими давлатии рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ

Алоқаи мобилӣ асоситарин маҳаки рушди иқтисоди миллӣ ва байналмилалӣ буда, бар пояи он тамоми амалиёти муомилоти хариду фурӯши электронӣ дар муҳити Интернет амалӣ карда мешавад. Дар заминаи он то кунун беш аз 90% муносибатҳои молию пулӣ (транзаксионӣ) анҷом дода мешавад. Аз рӯи бартариятҳои худ, мувофиқан аз навъҳои пешинаи мубодила барои ҳама иштирокчиёни фаъолияти хариду фурӯш, ташкили пойгоҳҳои муомилотӣ, дастрасии хадамоти ниҳоят калони серверӣ ва тиҷоратӣ, баланд бардоштани самаранокии иктисодиёти миллӣ мусоидат мекунанд, мавқеи намоёнро ишғол кардааст. Коршиносон ва муҳаққиқони машҳури ватанӣ ва хориҷӣ якдилона эътироф намудаанд, ки барои инкишофи минбаъдаи беҳсозии равандҳои иқтисодӣ, хусусан ба ҳамории тамоми шаклҳои

муносибати иқтисодӣ, алоқаи мобилӣ нақши муассир ва ниҳоят калонро мебозад.

Мояи муҳимтарини механизми танзими давлатии БХАМ ҳарчи зудтар амалӣ намудани вазифаҳои давлатӣ дар самти пешниҳоди хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо, барҳам задани суйистифодаи таъсиррасонии мақомоти назоратӣ, ошкор намудани проблемаҳои ҷамъиятӣ, хусусан аҳолӣ, мебошанд.

Аслан дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва ХАМ вазифаи танзими давлатӣ танҳо қабули қонунҳо, санадҳо ва дигар меъёрҳо набуда, балки аз тариқи ин механизмҳо идора намудани БХАМ мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар ҳама ҳолат зарур аст, лекин раванди татбиқи он ниҳоят мураккаб ва мушкил аст. Озодии фаъолият дар низоми иқтисодиёти миллӣ ва хусусан субъектҳое, ки дар он фаъолият менамоянд то андозае ин масъалаҳоро нодида мегиранд.

Агарчанде заминаи мавҷудаи меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди рақобати одилонаро дар бозори хизматрасониҳои алоқа дар кишвар кафолат медиҳад, аммо дар амал дар байни амалҳои мақомоти танзимкунандаи бозори хизматрасониҳои алоқа бо талаботи қонунгузории мамлакат зиддият вуҷуд дорад.

Дар баробари ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаи мобилӣ, дар муқоиса бо давлатҳои пешрафта, танҳо аз марҳилаи аввал ба марҳилаи пешрафтаи тараққиёти худ гузашта истодааст, ки омӯзиши амиқи таҷрибаи хориҷиро дар ин самт тақозо мекунад, то рушди онро дар ин замина таъмин намояд. Азбаски масъалаи тиҷорати электронӣ воқеан пададидаи ниҳоят нав ва худҷӯш аст, бинобар ин, ба қадри кофӣ тамоми паҳлӯҳои рушди он омӯхта нашудааст ва

тафсири як қатор ҷанбаҳои он аз ҷониби олимони гуногуни ватанӣ ва хориҷӣ баъзан ба таври қобили мулоҳиза диққат дода шдуааст, ки таҳқиқи чунин масоил, бояд амиқтар мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Таҳқиқи масоили рушди БХАМ ва тиҷорати электронӣ дар шароити пайдоиши фармоишоти электронӣ - рақамӣ ба масъалаи танзим ва идоракунии шаффофи давлатӣ такя менамояд.

Тиҷорати электронӣ ҳамчун падидаи иқтисоди ҷаҳонӣ аз ҷониби як қатор муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, ки дар корҳои худ паҳлӯҳои гуногуни мушкилоти онро баррасӣ кардаанд ва он масъалаи рӯзмара ишора гардида, боиси рӯйи кор омадани баъзе аз таҳқиқоти илмӣ гардидааст.


Муносибатҳои иқтисодӣ дар Интернет асоси бавуҷудоии иқтисодиёти интернетӣ (ё иқтисоди шабакавӣ) гардидааст. Мафҳуми охирин кайҳо пеш пайдо шуда буд, аммо маънои он каме дигар буд, ҳоло ин ҳама равандҳои иқтисодие мебошанд, ки дар Интернет амалан фаъол мебошанд.

Моҳияти тиҷорати электронӣ дар он аст, ки тавассути Интернет баъзе муомилоти тиҷоратӣ анҷом дода мешавад. Гузашта аз ин, ҷонибҳо бидуни иртиботи мустақим бо ҳамдигар, тавассути Интернет ба созиш меоянд. Дар натиҷа тағйир ёфтани сохиби объекте ба амал меояд, ки предмети хариду фурӯш мебошад.

Тиҷорати рақамӣ як навъ зуҳуроти асри нав буда, маҳз рушди технологияҳои рақамӣ боис гардидааст, тариқи имконияти интернет фаромоиш ва дастрасӣ ба он амалӣ карда шавад. Дар шароити имрӯза мо ду шакли тиҷорати электронӣ вомехурем. Яъне тиҷорати электронӣ дар раванди таҷзия қарор дорад. Гузариш аз шакли анъанавӣ ба намуди электронӣ, ки дар ин асно тамоми амалиёт бояд тариқи

электронӣ дар муҳити шабакаи Интернет анҷом дода мешавад.

Қайд намудан мумкин аст, ки тиҷорати электронӣ дар заминаи шакли анъанавии он ба вуҷуд омада, дар шароити имрӯза ба вай хусусияти чандирӣ илова мекунанд. Дар расми 27. ҷузъҳои тиҷорати электронӣ, ки бевосита тариқи имкониятҳои алоқаи мобилӣ роҳандозӣ карда мешаванд



Расми 27. - Унсурҳои тиҷорати электронӣ, ки дар заминаи алоқаи мобилӣ ба вуҷуд меояд (таҳияи муаллифи монография)

Иҷрои муомилоти тиҷорати электронӣ нисбати савдои анъанавӣ аз марҳилаҳои зерин иборат аст:

Анҷом додани муомилот дар шакли электронӣ низ як қатор марҳилаҳоро дар бар мегирад, аммо тартиб ва усулҳои амалиёт бо назардошти имкониятҳои Интернет каме ҳам бошад фарққунанда боқӣ мемонад[114].

[114] Машокиров Ҷ.Н. ва диг. Тиҷорати электронӣ ва баъзе масъалаҳои рушди он дар шароити рақамикунонӣ [Матн] / Ҷ.Н. Машокиров, М.С. Тӯлиев, Н. Насруллоева, Мухторзода С.С. // Паёми ДДТТ. Силсилаи илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва соҳибкорӣ. 2023. - № 4/2(50). - С. 223 - 234.

Дар ҷадвали 3.2. тавсифи муқоисавии марҳилаҳои давраи фурӯши маҳсулот дар тиҷорати анъанавӣ ва электронӣ пешниҳод карда мешавад.

Ҷадвали 3.4. -Усулҳои нав ва кӯҳнаи фурӯши маҳсулот*

Марҳилаҳои давраи фурӯш	**Савдои анъанавӣ**	**Тиҷорати электронӣ**
Гирифтани маълумот дар бораи молу маҳсулот	Маҷала, варақаҳои таблиғотӣ, феҳристҳо	Web-варақаҳо
Шакли дархост	Бланки чопӣ, мактуб	Почтаи электронӣ
Тасдиқи дархост	Бланки чопӣ, мактуб	Почтаи электронӣ
Омӯзиши феҳристҳо, нархҳо	Феҳрист	Феҳристи электронӣ
Санҷиши мавҷудияти мол ва тасдиқи нарх	Телефон, факс	Феҳристи электронӣ
Шакли дархост	Бланки чопӣ	Почтаи электронӣ, Web-страницы
Фиристодани фармоиш (харидор)	Факс, почта	Почтаи электронӣ, технологияи EDI
Гирифтани фармоиш (таҳвилгар)	Факс, почта	Почтаи электронӣ, технологияи EDI
Санҷиши мавҷудияти молу маҳсулот дар анбор	Бланки чопӣ, телефон, факс	Тавассути дастрасии Интернет базаи маълумот, Web-варақаҳо
Илова бар ҷадвали таҳвил	Бланки чопӣ	Почтаи эллектронӣ, пойгоҳи додаҳои

		электронӣ
Тартиб додани ҷадвали таҳвил	Бланки чопӣ	Тавассути пойгоҳи додаҳои Интернет дастрас аст
Ҷадвали таҳвил	Бланки чопӣ	Тавассути пойгоҳи додаҳои Интернет, почтаи электронӣ дастрас аст
Тартибдиҳии ҳисоб-фактура	Бланки чопӣ	Тавассути пойгоҳи додаҳои Интернет дастрас аст
Қабули мол (боркаш)	Бланки чопӣ	Почтаи электронӣ
Тасдиқи қабул	Бланки чопӣ	Почтаи электронӣ
Фиристодани ҳисоб - фактура (таҳвилгар)	Факс, почта	Почтаи электронӣ, технологияи EDI
Қабули ҳисоб – фактура	Факс, почта	Почтаи электронӣ, технологии EDI
Ворид кардани пардохт ба ҷадвал	Бланки чопӣ	EDI, тавассути дастрасӣ ба Web базаи маълумот
Содир кардани пардохт (харидор)	Почта	EDI, EFT
Қабули пардохт (аз пешниҳодкунанда)	Почта	EDI, EFT

***Сарчашма:** таҳияи муаллифи монография

Бастани шартнома дар шакли электронӣ маънои истифодаи ҳуҷҷатҳои электрониро дошта бошад ҳам иҷрои баъзе расмиёти электронии он дар шароити имрӯза баҳсбарангез боқӣ мемонад, яъне дар ин марҳила бояд ба ӯ баъзе хусусиятҳои электронӣ ворид карда шавад. Мо чунин мешуморем, ки истифодаи ҳамаи шаклҳои пардохтӣ дар

шароити муҳити рақобатнок, ки дар заминаи ХАМ ба вуҷуд меояд ниҳоят рузмара ва саривақтӣ мебошад.

Аз ҳамин хотир, мо дар таҳқиқоти худ самтҳои афзалиятноки рушди тиҷорати электрониро, ки бевосита дар заминаи алоқаи мобилӣ рушд менамояд пешниҳод менамоем:

1. Рақамикунонии пардохт тавассути Интернет;
2. Ташкили вебсомонаҳои тиҷорати электронӣ;
3. Коркарди механизми одии муомилотӣ ва дастрасӣ;
4. Коркарди шабакаи нав.

Мо дар раванди таҳқиқот баъзе мушкилотеро омӯхтем, ки дар шароити имрӯза баррасии он ниҳоят зарур мебошад:

1. Ташаккули технологияи интернет;
2. Тадриҷан такмил додани механизми рушди савдо ва хизматрасониҳои алоқаманд ба он;
3. Коркарди механизми идоракунии соҳаи ХАМ;
4. Ҳисоббаробаркуниҳо бо истифода аз низоми пардохтҳои электронӣ;
5. Таъмини бехатарӣ;
6. Норасоии низомҳои боэътимоди интиқоли мол вуҷуд дорад;
7. Мавҷуд набудани маълумот дар бораи ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ[115].

Ҳоло мушоҳида мешавад, ки дар майдонҳои маҷозӣ Интернет ҳамчун веб – витрина (намоишгоҳ) истифода мегардад. Чунин ҳолат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки имкониятҳои

[115] Меркулова С.А. Особенности развития Российского рынка услуг мобильной связи в контексте ключевых тенденций мирового рынка / С.А. Меркулова //дисс. канд. экон. наук / Российский университет дружбы народов (РУДН). Москва, 2011. 136 с.; Саидова Шахноза Саидовна Формирование и развитие рынка телекоммуникационных услуг в Республике Таджикистан (на примере операторов мобильной связи). дисс. канд. экон. наук / Ш.С. Саидова // Душанбе, ТНУ. 2018. 150 с.

мавҷудаи техникии технологияҳои рақамӣ ва шабакаи Интернет тамоман дуруст истифода намешавад. Пеш аз ҳама, мағозаҳои онлайнӣ аз ҷониби ширкатҳое пешниҳод мешавад, ки ба фурӯши чунин маҳсулот машғуланд: компютерҳо ва/ё техникаи маишӣ (www.sinon.tj, www.volna.tj, www.nst.tj …); нармафзор (www.softline.tj, www.fg-group.tj …); телефонҳои мобилӣ (www.boom.tj, www.plazma.tj…); маводи канселярӣ (www.nt.tj, www.office-krause.tj …); меҳмонхонаҳо (www.hoteltojikiston.com, www.hyatt.tj, www.hotel-mercury.tj …).

Барномаи «Дурнамои рушди тиҷорати электронӣ дар Тоҷикистон» бинобар таъсири омилҳои манфӣ ва зербандҳои поёни ба амал татбиқ нагардида истодааст:

- ҳолати ташаккули иқтисодиёт ва зерсоҳоти он;
- истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ;
- сатҳи истифодаи ТИК (саводнокии компютерӣ ва дастрасии ТР);
- тафаккур;
- қонунгузорӣ.
- салоҳияти рақамӣ.

Ба ғайр аз ин, нақши муҳими хизматрасониҳои почтаи миллӣ, ки ҳамчун асоси майдони муомилоти сурат мегирад, сифати кори он дар айни замон ҷавобгӯйи пурраи талабот нест. Аз ҳамин хотир, такмили низоми почта бо истифодаи иқтидори бозори алоқаи мобилӣ ниҳоят муҳим мебошад[116].

[116] Днепровская Н.В. Формирование инновационной среды цифровой экономики. дисс. док экон. наук по спец. 08.00.05 / Н.В. Днепровская // Москва. 2020, 317 с.; Саидова Шахноза Саидовна Формирование и развитие рынка телекоммуникационных услуг в Республике Таджикистан (на примере операторов мобильной связи). дисс. канд. экон. наук / Ш.С. Саидова // Душанбе, ТНУ. 2018. 150 с.

Вазъи имрӯзаи рушди инфрасохтори технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то андозае наметавонад мушкилоти рақамикунонии ХАМ – ро бартараф намояд. Ин ҳолат қисман ва ё пурра ба инобат гирифта нашудааст. Дар асоси таҳлили васеъ чунин тавсияҳо ироа карда мешаванд:

1. Нобаробарии рақамиро байни шаҳрҳои калон ва деҳот коҳиш дода, хазматрасониҳои алоқаро барои деҳот дастрас кардан лозим аст;

2. Васеъ намудани хизматрасониҳои электронии бонкӣ ва ҳавасмандгардонии истифодаи низоми пардохтҳои электронӣ аз ҷониби корхонаҳо ва аҳолӣ;

3. Ҳавасмандгардонии автоматикунонии равандҳои бизнес ва ҷорӣ намудани ФИИ дар соҳибкории хурду миёна;

4. Рушди хизматрасониҳои электронии мақомоти давлатӣ, гузаштан аз сатҳи таъмини иттилооти оморӣ ба ҳамкории электронӣ;

5. Суръат бахшидан ба таҳияи механизмҳои татбиқи муомилоти электронӣ ва имзои рақамӣ барои гузаштан ба технологияҳои бидуни коғаз;

Ҳамоҳангсозии татбиқи лоиҳаҳои идоравӣ оид ба ҷорӣ намудани ТИК, пешгирӣ намудани монеаҳое, ки боиси рушд накардани инфрасохтори телекоммуникатсионӣ дар саросари кишвар мегард, аз он ҷумла:


- таъсиси порталҳои мақомоти давлатӣ дар шакли интранет барои худи мақомоти давлатӣ ва аҳолӣ;
- бо дарназардошти афзоиш ёфтани талабот ба

мутахассиони соҳаи ТР, ташкили ихтисосҳои нав дар заминаи МТОК аз манфиат холӣ нест;

- ҳавасмандгардонии бозор барои таҳияи маҳсулоти иттилоотӣ ҳам барои истифодаи дохилӣ ва ҳам барои содирот.

Танзими давлатии бозори хизматрасонии алоқа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд такмил дода шавад. Ба андешаи мо, такмили механизми танзими давлатии БХАМ бояд бандҳои зеринро дар бар гирад:

- ❖ такмили механзими БХАМ ва дигар соҳоти иқтисодиёт дар шароити рақамикунонӣ;
- ❖ такмили низоми бехатарии миллӣ бо роҳи васеъ намудани чорҳои зидди ҷиноятҳои киберӣ;
- ❖ ташкили чорабиниҳои ҳуқуқӣ - ташкилӣ;
- ❖ ба роҳ мондани дастрасии озод ба хизмат-расониҳои алоқаи мобилӣ;
- ❖ бармало намудани мавқеии институтҳои давлатӣ дар раванди идоракунии БХАМ;
- ❖ тағйир додании муомилоти молиявӣ дар БХАМ;
- ❖ тахмини рақобати озод ва шаффоф;
- ❖ ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ бв рушди БХАМ;
- ❖ ҷойгиронии объектҳои соҳа дар минтақаҳои кишвар ва ба ин роҳ таъмин намудани аҳолии деҳоти мамлакат бо хизматрасониҳои босифат.



Расми 28. Механизми танзими давлатии рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ (таҳияи муаллиф)

Бармалосозии нақши институтҳои ҳокимияти далатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт масъалаи баҳсталаб, нозук, сершоха, мураккабшакл ва мубоҳисавии илмӣ мебошад:

1. Ташкили чорабиниҳои оммавӣ. Бо мақсади дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатӣ ташкили майдонҳои омӯзишӣ, тавсияи донишҳои электронии аҳолӣ ва роҳбарони корхонаҳо;

2. Рушди БҲАМ ва алоқаманднамоии тадбиру чорабиниҳои давлатӣ дар доираи ҳамгироии соҳоти иқтисодиёти миллӣ ва рақамикунонии равандҳои ҲАМ.

3. Таҳлили ҳаматарафаи бозор ва ташкили низоми самараноки рушди он дар шароити воридшавӣ ба муҳити рақамӣ;

4. Истифодаи амсилаҳои муосири гузариши БҲАМ дар заминаи технологияҳои рақамӣ;


5. Дар шароити муҳити рақабатнок коркарди интрумент (афзор) – и баҳодиҳии сифати хизматрасонӣ;

6. Рушди низоми пардохти ҳар як субъекти иқтисодӣ ва идоракунии захираҳои молиявии онҳо [117].

Тадбирҳои пешниҳодгардида дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ ва бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ зарур буда талаб менамояд чорабиниҳои зарурӣ, баҳри танзими комили он роҳандозӣ гардад ва имконият фароҳам орад, ки дар баробари ҳамаи ин иқтисодиёти кишварамон рушд намуда сифати ҲАМ баланд гардад.

---

[117] Сайдуллаев У.Ӯ. Хусусиятҳои таҳлили иқтисодии фаъолият дар ширкатҳои телекоммуникатсиони / У.Ӯ. Сайдуллаев // Вестник ПИТТУ имени академика М.С. Осими. 2021. № 4 (21). С. 87-95.; Сайдуллаев У.У., Абдуллозаде Д.Х. Особенности развития цифровых технологий в экономике / У.У. Сайдуллаев, Д.Х. Абдуллозаде // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия: Естественные и экономические науки. 2022. Т. 63. № 4. С. 160-163.; Рауфи А. Основные направления экономической реформы в переходном периоде / А. Рауфи //. Известия Академии Наук Республики Таджикистан. Серия: экономика. - Душанбе, 2001. №1-2 (21-22). - С. 8-20.; Саидова Шахноза Саидовна Формирование и развитие рынка телекоммуникационных услуг в Республике Таджикистан (на примере операторов мобильной связи). дисс. канд. экон. наук / Ш.С. Саидова // Душанбе, ТНУ. 2018. 150 с.; Фақеров Ҳ.Н., Валиев Н.Ш. Иқтисодиёти рақамӣ ва нақши он дар соҳибкории тиҷоратӣ / Ҳ.Н. Фақеров, Н.Ш. Валиев // Маводҳои конференсияи Байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ» 17-18 ноябри соли 2023 / Зери назари доктори илмҳои техникӣ Х.Х. Назарзода, номзади илмҳои иқтисодӣ Ҷ.Н. Машокиров, номзади илмҳои иқтисодӣ З.С. Султонов, номзади илмҳои иқтисодӣ С.С.Амонов – Душанбе: «ДДТТ», 2023. С. 5 – 11.



Расми 29. - Механизми ташкилию иқтисодии рушди бозори хизматрасонии алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии


Дар чаҳорчӯбаи гуфторҳои дар боло овардашуда минбаъд ба коркарди самтҳои афзалиятнок механизми танзими давлатии бозори хизматрасониҳои алоқа диққат медиҳем. Дар расми 29. самтҳои афзалиятноки механизми рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ пешниҳод карда шудааст.

Ба андешаи муаллифи монография истифодаи таҷрибаи пешоҳанги кишварҳои хориҷӣ имконият медиҳад, ки моделҳои муосири ХАМ амалан истифода гардад (расми 30).



Расми 30. - Таснифоти моделҳо дар тиҷорати электронӣ ;

Истифодаи амалии моделҳои рушди тиҷорати электронӣ, ки дар заминаи ХАМ ба вуҷуд меояд дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ ниҳоят зарур мебошад .



Расми 31. – Коркарди меъёрҳои базавии танзими унсурҳои ташаккули тиҷорати электронӣ дар заминаи алоқаи мобилӣ (таҳияи муаллифи монография[118])

[118] Машокиров Ҷ.Н. ва диг. Тиҷорати электронӣ ва баъзе масъалаҳои рушди он дар

Маълум аст, ки танзими пешгирифтаи мақомоти давлатӣ дар якҷоягӣ бо дигар институтҳои илмӣ – таҳқиқот, ширкатҳои дар соҳа амалкунанда имконият медиҳад, ки мақсадҳои пештар тарҳрезишудаи БХАМ амалӣ карда шаванд.

Чунин тарзи бархӯрд мусбӣ буда, хатарҳои эҳтимолиро низ пурра бартарф менамояд.

Ҳамин тариқ, дар ин банд шартҳои назариявӣ ва амалияи механизми рушди бозори хизматрасониҳои БХАМ дар кишвар баррасӣ гардид. Ин хеле муҳим ба назар мерасад, зеро Интернет дар Тоҷикистон ҳанӯз бозори пур аз пешниҳодҳои ширкатҳо ва истеҳсолкунандагони намоишҳои гуногуни фаъолиятро надорад. Аз ин рӯ, ширкатҳо ё созмонҳои мухталиф дар ҳама минтақаҳо метавонанд аз Шабака барои фаъолияти муваффақ ва ба овардани фоидаи назаррас тавассути таъсиси сайтҳои гуногун, бозорҳо, мағозаҳои электронӣ дар ҳама самт фаъолият намоянд. Бешубҳа, истифодаи имкониятхои тавсифшуда ба дастрасии бештари муомилоти тиҷоратӣ ва наздиктар шудани шарикон кӯмак мерасонад. Ҷиҳати қабул ва андешидани қарори дуруст бояд муайян кард, ки таваҷҷӯҳ ба кадом бозор равона карда мешавад: маҳаллӣ (дар дохили шаҳр, вилоят), дар дохили кишвар ё байналмилалӣ.

Ҳангоми тарҳрезии лоиҳаҳои тиҷорати электронӣ, ки дар заминаи алоқаи мобилӣ рушд менамояд бояд қарор кард, ки он ба як муштарии чакана ё яклухт ё ҳарду нигаронида шудааст.

Дар шароити имрӯзаи рақамикунонии низоми пешниҳоди хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар ҳақиқат масъалаи асосӣ

шароити рақамикунонӣ [Матн] / Ҷ.Н. Машокиров, М.С. Тӯлиев, Н. Насруллоева, Мухторзода С.С. // Паёми ДДТТ. Силсилаи илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва соҳибкорӣ. 2023. - № 4/2(50). - С. 223 - 234.

ҳавасмандгардонии ҳамаи иштирокчиёни раванд мебошад. Ин ҳолат дар натиҷаи корбурди механизми муосири коркард ва татбиқи хизматрасониҳо ва маҳсулоти нав, истифодаи амсилаҳои мувофиқи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти шакли нав ё ба истилоҳ рақамӣ мебошад.

Дар хотимаи параграфи охирони боби монография кӯшиш карда шудааст, ки масъалаи гузошташуда ва роҳҳои ҳалли он ба таври мушаххас пешниҳод карда шавад. Дар ҳақиқат масъалаи ҷойдошта хело мураккаб буда, баррасии илмии он низ нозук ва мубоҳисавӣ мебошад, лекин бо дарназардошти таҳлили адабиёти илмӣ баъзе хулосаҳо ва тавсияҳои илман асоснок пешниҳод карда шудааст. Барои ҳамин таҳқиқоти мо бо ҳамин ҷамъбаст намешавад ва дар минбаъда низ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор хоҳад гирифт.

Хулоса аз рӯйи боби сеюм

Ҳангоми таҳқиқи васеи масоил ба коркарди модели иқтисодӣ-математикӣ ва оптимизатсионӣ, таҳияи самтҳои афзалиятноки рушди БХАМ дар шароити рақамикунонӣ дар бандҳои алоҳида, инчунин ба таври мукаммал ва нозукбинона таҳқиқ намудани ҳолати такмили механизми идоракунии давлатӣ ва дар робита ба он як қатор тавсияҳо пешниҳод карда шудааст.

1. Дар оянда фаъолияти бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ бояд бо истифодаи амсилаи иқтисодӣ-математикӣ, оптимизатсионӣ ба роҳ монда шавад. Истифодаи амалии амсилаи иқтисодӣ-математикӣ, оптимизатсионӣ имконият медиҳад, ки на танҳо даромади корхона ба дараҷаи максималӣ расонида шуда ва хароҷоти он кам гардад, балки фаъолияти онҳо ба таври мушаххас ба роҳ монда шаванд.

2. Дар самти зарурати таҳқиқи масоили самтҳои афзалиятноки рушди БХАМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар таҳқиқот ошкор гардидааст, ки масоили овардашуда моро водор менамояд, ки стратегияи рушди соҳа бозбинӣ ва консепсияи нави милликунонии ширкатҳои хадамоти алоқа пешбинӣ карда шаванд. Чунин мақсади ҳадафманд мизон ва тавозуни баробариро дигар намуда, се унсури бо ҳамории онро барои тамоми система ва иқтисодиёту саноат ба вуҷуд меорад.

1. Рушди иқтисодиёти миллӣ дар заминаи технологияҳои рақамӣ ва хадамоти алоқа;

2. Милликунонии операторони мобилӣ ва ба тавозуни Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани дороиҳои онҳо;

3. Зина ба зина нав намудани пойгоҳи иттилоотӣ ва таҳлилӣ, инчунин техникӣ ва барномавии он.

Дар сурати амалӣ шудани чунин тадбирҳо масоили дастрасӣ ба хизматрасониҳои алоқа ва интернет дар тамоми муассисаҳои таълимӣ ва томактабӣ ба роҳ монда мешавад. Ин раванд иконият медиҳад, ки на танҳо масъалаи дастрасӣ ба интернет осон гардад, балки пойгоҳи илмию таҳқиқоти рушд намуда тиҷоратикунонии натиҷаҳои корҳои илмӣ таҳқиқотӣ, омоданамоии мутахассисони кордон пеш меояд.

Самти фаъолияти дигари БХАМ дар баробари танзимгари мустақил сегментатсия (гурӯҳбанди) – и хизматрасониҳо мебошад. Ҳадафи дарҷгардида бояд амалишавии бандҳои зерироашударо бо тамоми хусусиятҳояш ба инобат гирад:

- таъминии рақобати шаффоф;
- тадриҷан риоя намудани меъёри рақобат;
- фароҳам овардани муҳити солим;

- ❖ содда гардонидани усулҳои иҷозатномадиҳӣ;
- ❖ бо ёрии усулҳои муосири иқтисодӣ идоранамоии раванд;
- ❖ танзими фаъолияти ширкатҳое, ки дар БҲАМ фаъолият менамоянд;
- ❖ ҳимояи манфиати истеъмолкунандагон;
- ❖ дар сурати мавҷуд набудан таҳияи бандҳои алоҳидаи қонунӣ бо мақсади таъмини ҳимояи ҳуқуқии истеъмол-кунандагон;
- ❖ аз лиҳози равонӣ омода намудани иштирокчиёни раванд.

Ташкилотҳои ҷаҳонии дар ин самт амалкунанда низ ба умумияти ин принсипҳо ишора менамоянд, ки хусусияти асосии онҳоро дар идома пешниҳод менамоем:

- ❖ суботи иҷтимоӣ ва истиқлолият дар самти пешниҳоди ҲАМ;
- ❖ иҷроиши уҳдадориҳои вазифагӣ ва баландбардории салоҳиятнокӣ;
- ❖ ҳамгироӣ ва афзоиши ҳисси таҳамулпазирӣ;
- ❖ дарки масъулият ва сермаҳсулӣ.

4. Дар самти зарурати такмили механизми танзими давлатии БҲАМ. Танзими давлатии бозори хизматрасонии алоқа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд такмил дода шавад. Ба андешаи мо такмили механизми танзими давлатии БҲАМ бояд бандҳои зеринро дар бар гирад:

- ❖ такмили механзими БҲАМ ва дигар соҳоти иқтисодиёт дар шароити рақамикунонӣ;
- ❖ такмили низоми бехатарии миллӣ бо роҳи васеъ намудани чорҳои зидди ҷиноятҳои киберӣ;

❖ ташкили чорабиниҳои ҳуқуқӣ - ташкилӣ;

❖ ба роҳ мондани дастрасии озод ба хизмат-расониҳои алоқаи мобилӣ;

❖ бармало намудани мавқеии институтҳои давлатӣ дар раванди идоракунии БХАМ;

❖ тағйир додании муомилоти молиявӣ дар БХАМ;

❖ таъмини рақобати озод ва шаффоф;

❖ ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба рушди БХАМ;

❖ ҷойгиронии объектҳои соҳа дар минтақаҳои кишвар ва ба ин роҳ таъмин намудани аҳолии деҳоти мамлакат бо хизматаросниҳои босифат.

Дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот талаботи асосӣ ва зарурати таъсиси танзимгарони мустақили соҳаи алоқа, тибқи тачрибаи байналмилалӣ дида шудааст.

❖ ба операторон маҳдудият ҷорӣ накунанд ва ба монополияи онҳо дар пешниҳоди ҳама намуди хизмат-расониҳои алоқа ва иттилоот ба аҳолӣ роҳ надиҳанд;

❖ барои сиёсати тарифӣ дар ҷумҳурӣ ва муқаррар намудани нарху тарифҳои машваратӣ дар асоси табъиз ҷавобгар бошанд;

❖ барои сиёсати техникӣ дар мамлакат оид ба технологияи иттилоотию алоқа ва омӯзиши ин соҳа ва ғайра масъул бошанд.

Ҳамин тариқ, мавҷудияти танзимгари мустақили соҳаи алоқа кафолати дастрасии васеи шаҳрвандони кишвар ба захираҳои иттилоотии ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

ХУЛОСА

А) Натиҷаҳои асосии илмии монография

Дар идома мо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти монографияро, ки дар хулоса оварда шудаанд, пешниҳод менамоем:

1. Омӯзиш ва пажӯҳиши маводи илмии аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ пешниҳодшуда ва дар натиҷаи хулосаҳои илмии муаллиф мафҳуми зерини хизматрасонии алоқаи мобилӣ ва бозори хизматрасонии алоқаи мобилиро ироа менамоем. Фаҳмиши муаллифии мафҳумҳои мавриди омӯзишро пешниҳод менамоем: «***хизматрасонии алоқаи мобилӣ*** - пайваст кардани тамоми соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт, ҳалли масъалаҳои марбут ба мубодила, қабул ва интиқоли иттилоот тавассути технологияҳои тавонманди фосилавӣ, нигоҳдории он дар асоси усулҳо ва алгоритмҳо бо мақсади татбиқи онҳо, ки ба тамоми соҳаи фаъолияти иктисодию иҷтимоӣ таъсир мерасонад, фаҳмида мешавад». Муносибатҳои иҷтимоӣ аз нуқтаи назари алтернативӣ сатҳи маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоиро ҳангоми иҷрои вазифаҳои субъектҳои хоҷагидор бо мақсади танзими рақобат ва назорати сатҳи нархҳои иҷрои вазифаҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ муайян кардан мумкин аст.

2. Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқоти монография нақши технологияҳои алоқа дар рушди корхонаҳо ва дар маҷмӯъ иқтисодиёт ошкор карда шудааст. Дар сатҳи микроиқтисодиёт истифодаи хизматрасониҳои алоқа вақти корро сарфа мекунад, фишори ҷисмонӣ ва равонии коргаронро коҳиш дода, раванди интиқоли иттилоотро суръат бахшида, ҳосилнокии меҳнат ва ҳаҷми истеҳсолро зиёд мекунад, тақсимоти маҳсулот ва пешбурди фурӯшро осон мекунад, усулҳои иҷрои фармоиш, инчунин фоидаи корхонаро зиёд менамояд. Зимни анҷом додани таҳқиқот

ошкор карда шудааст, ки дар сатҳи давлатӣ вобаста ба истифодаи хизматрасониҳои алоқа дар сатҳи микро нақши хизматрасониҳои алоқа дар бунёди инфрасохтор, афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, афзоиши даромад ба буҷети давлатӣ, коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва афзоиши шуғл, баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ ва такмил додани усулҳои идоракунии давлат васеъ мегардад.

Ба андешаи мо бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар рушди корхонаҳо, минтақаҳои кишвар ва дар маҷмӯъ иқтисодиёт таъсири ҷиддӣ мерасонад.

3. Дар натиҷаи омӯзиши ҳамаҷонибаи вазъи бозори хизматрасонии алоқа ба хулосае омадем, ки ширкатҳои пешниҳодкунандаи алоқаи мобилӣ наметавонанд озодона фаъолият кунанд. Таҳлили таҷрибаи пешрафтаи кишварҳои хориҷӣ низ намунаи он аст, ки танзими давлат ниҳоят зарур аст. Инчунин, низоми ҳуқуқии миллӣ ба он асос ёфтааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бозори хизматрасонии алоқаи мобилӣ бояд принсипи озодии фаъолиятро риоя кунад. Дар муқоиса бо дигар бахшҳо, иштирокчиёни бозори хизматрасонии алоқаи мобилӣ хеле фаъол буда, доираи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои он давра ба давра меафзояд. Аз ин нуктаи назар дар доираи кори иҷрошуда нуқтаҳои зеринро ба назар гирифтан ба мақсад мувофиқ аст.

- фароҳам овардани майдони васеи фаъолият;
- таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва ҷалби онҳо аз хориҷи кишвар;
- ташкили муҳити мутаносиби идоракунӣ;
- тайёр кардани кадрҳои баландихтисос;
- такмил додани меъёрҳои ҳуқуқӣ.

4. Дар монография диққати асосӣ ба таҳқиқи унсурҳои

ташкилию иқтисодии ташаккул ва рушди хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар асоси равиши гуногуни илмӣ дар сатҳи минтақаҳо ва кишвар арзёбӣ гардида зимни баҳодидиҳои арзёбии таъсири омилҳо анҷом дода шудааст. Ба сифати унсурҳои таркибии хизматрасонӣ нишондиҳандаҳои асосӣ, хусусиятҳои тарофавии хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ бо дарназардошти вазъи пешниҳоди хизматрасонӣ дар миқёси якчанд ширкатҳои алоқаи мобили анҷом дода шудааст. Инчунин таҳлили васеъ ва арзёбӣ дар доираи омилҳои таъсиррасон ба рушди минбаъдаи бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонӣ анҷом дода шудааст.

5. Аҳамияти асосии ин тадқиқот таҳияи модели иқтисодӣ-математикӣ ва оптимизатсионӣ мебошад. Дар монография қайд карда мешавад, ки ҷой ва нақши технологияҳои рақамӣ ва усулҳои моделсозии оптималикунонии иқтисодӣ - математикӣ барои таъмин ва ба роҳ мондани рушди минбаъдаи бозор бузург аст. Бояд гуфт, ки масъалаҳои баланд бардоштани нарх барои кам кардани хароҷот на танҳо барои БХАМ, балки барои ҳамаи соҳаҳои саноат ва проблемаҳои илмии математикҳо, иқтисодчиён ва ғайра проблемаи хеле мураккаб ва баҳсу мунозиравӣ мебошад. Оптималикунонии даромад ва сатҳи истифодаи хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ ба истифодабарандагон бо ҷорӣ намудани хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ (ҷустуҷӯ, интиқоли коркардҳои қабул, таҳлил, навсозии иттилоот) муҳим ва саривақтӣ мебошад.

6. Раванди мубодилаи хизматрасониҳои алоқа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле сода аст. Пешравиро дар ин самт ба таври зайл тавсиф кардан мумкин аст: аз ҷиҳати сифати хизматрасонӣ; тадриҷан афзоиши шумораи истифода-

